МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

ТДУ: 355/359 (091) (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис



СОБИРЗОДА САЙЁД РАМАЗОН

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991–2021)

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ
(6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))

Роҳбари илмӣ: доктори
илмҳои таърих, профессор:
Абдуллоев М.Х.

Кӯлоб – 2026

Мундариҷа

МУҚАДДИМА 4

БОБИ I. ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991–2000)

1.1.Заминаҳои таърихии ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–1992)……..……..19

1.2.Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон…….....38

БОБИ II. ТАКМИЛИ СОХТОРИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ОНҲО ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1993–2021)

2.1.Ташкилёбии Қӯшунҳои хушкигард ва марҳилаҳои ташаккули он.....60

2.2.Зарурати ташкилёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал ва ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ.....79

БОБИ III. ТАҲКИМИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ВА ТАЪСИСИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҲАРБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ.....103

3.2. Низоми омодасозии кадрҳо ва тарбияи ватандӯстӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ.....125

ХУЛОСА.....154

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ.....163

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

ГМ – Горди миллӣ

ҶИА–Ҷумҳурии исломии Афғонистон

ДТС–Дивизияи тирандози савораи 201-ум

ИНОТ–Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик

ИДМ–Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА–Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС–Иттиҳоди Шуравӣ

СААД–Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

СММ–Созмони Милали Муттаҳид

САҲА–Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СҲШ–Созмони ҳамкории Шанхай

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Таърихи давлатдорӣ нишон медиҳад, ки ташаккули ҳар давлат ба неруи мудофиавӣ ва қудрати низомӣ вобастагии зич дорад. Артиш ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ, воситаи ҳимояи истиқлолият, амният ва суботи миллӣ ба ҳисоб меравад.

Қуввахои Мусаллаҳ як ниҳоди давлатӣ мисли дигар соҳаҳо ба тарбияи маънавию маърифатии шаҳрвандон таъсири калон расонида, дар ҷараёни омӯзиши таърихи ҳарбии кишварамон насли наврасу ҷавон дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия меёбанд. Омӯзиши таърихи ҳарбӣ ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи бойи он барои инкишофи шаҳрвандони боинтизом ва ватандӯсту ватанпарвар мусоидат мекунад, чунки таърихи ҳарбӣ дар моҳияти худ, инъикоси умумияти халқ дар роҳи расидан ба озодию истиқлол аст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар яке аз суханрониҳои таърихии хеш қайд намуданд: «Мо ифтихор дорем, ки Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёри мо имрӯз аз сабаку корнамоиҳои ниёгони хеш барои ҳимояи марзу буми кишвар, ҳифзи дастовардҳои замони истиқлолияти давлатӣ ва таъмини зиндагии орому осоиштаи мардуми кишвар чун сипари боэътимод омодаанд» [10, с.328]. Омӯзиши таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шинохти гузашта, таҳкими истиқлолият ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон аҳаммияти бисёр калон дорад.

Аҳаммияти омӯзишии мавзуъ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад**:**

-якум, ташкилёбӣ ва рушди Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки аз соли 1992 то соли 1997 давом кард, ҳанӯз ба таври кофи омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи илмӣ ва амалии ин масъала, бо назардошти касби таҷрибаи таърихӣ барои Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан муҳим аст;

-дуюм, таҳқиқ ва инъикоси нақши таърихии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкил намудани Артиши миллӣ дар

оғози ташаккули давлатдории миллии Тоҷикистон амри зарурӣ буда, таҳқиқи мушаххасро тақозо менамояд;

-сеюм, таҳқиқи таърихи ташаккули Артиши миллӣ дар фаъолияти пеш бурдани хизмати ҳарбӣ, баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ таъсиргузор буда, мубрамии мавзуи интихобгардидаро боз ҳам муайян мекунад;

-чорум, омӯзиши ташаккули Артиши миллӣ ҳамчун ҷузъи калидии бунёди давлат пас аз истиқлол, қонуният, рамзҳои давлатдорӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ;

-панҷум, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ ва рисолати таърихии онҳо дар шароити шадиди ҷанги шаҳрвандӣ метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ истифода гардад.

Дар ҳалли масъалаи тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ (МТМУ) ва олии касбӣ омӯзиши таърихи таъсис ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ва ба мақсад мувофиқ буда, таълиму тарбияи фавқро ба ин тариқ мустаҳкам менамояд.

Метавон ба чунин натиҷае расид, ки дар заминаи таҳқиқоти масоили марбут ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ омили асосии ҳифзи истиқлоли давлатӣ, пешгирии таҳдидҳои муосир, таъмини амният ва тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Натиҷаи таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти ба мавзуи мо марбут буда гувоҳи он аст, ки дар хусуси таърихи Артиши миллӣ ва ташаккули он дар асарҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маълумоти муайян ба назар мерасад.

Гарчанде ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ зимни навиштани рисолаи илмӣ аз маҷмӯи адабиёти илмӣ ва мақолаҳои илмӣ истифода шуда

бошанд ҳам, онҳо имкони инъикоси тамоми паҳлуҳои ташаккули Артиши миллии кишварро дар бар намегиранд. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи маҷмуи диссертатсияҳо ба дақиқсозии таҳқиқот ба миён омад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва осон гардонидани таҳлил адабиёти истифодагардида ба гурӯҳҳои зерин ҷудо гардид.

Гурӯҳи аввали манбаҳои истифодашударо асноди бойгонӣ ташкил медиҳад. Асноди истифодашуда аз бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатӣ хусусан асноди бойгонии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], [3], [4] ҷузъи муҳими манбаъҳои боэътимод оид ба заминаҳои ташкилёбӣ ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳамкории ҳарбӣ–техникӣ, роҷеъ ба тайёр намудани кадрҳои афсарӣ, ҳамчунин, дар самти ҳамкориҳои ҳарбиро дар бар мегиранд, ки маводи арзишманд мебошанд, ки асноди бойгонӣ далелҳои воқеии марҳилаҳои бунёд, ташаккул ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд ва онҳо барои муҳаққиқон, таърихшиносон ва коршиносони ҳарбӣ ҳамчун манбаи асосии иттилоотӣ барои таълифи рисолаю монография ва васоитҳои таълимӣ хизмат мекунанд. Бар зами ин асноди бойгонӣ арзиши илмии волоеро доро мебошад, ки дар нигоҳ дошти хотираи таърихии рисолати тайнамудаи Қувваҳои Мусаллаҳ, қаҳрамониҳо ва саҳми хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳимояи марзу буми Ватан мусоидат мекунанд.

Ба **гурӯҳи дуюми адабиётҳо** осори Пешвои миллат ва паёмҳои ҳарсола, суханрониҳо бахшида ба ҷашни Артиши миллӣ, таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [7, с.723; 8, с.704; 9, с.512; 10, с.512; 11, с.704; 12, с.480; 13, с.436; 14, с.723] дохил мегарданд, ки дар онҳо вобаста ба нақши Қувваҳои Мусаллаҳ дар барқарории ҳокимияти конститутсионӣ, чораҳои амниятӣ, нақша–чорабиниҳо барои амалӣ намудани дурнамои тақвияти Артиши миллӣ таъкид шудаанд.

Гурӯҳи сеюми манбаҳоро санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ доир ба сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад, ки ҳамчун заминаи танзими фаъолияти соҳаи ҳарбӣ баррасӣ гардидааст. Ин санадҳо дар рушду инкишофи сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудаанд. Аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо дар натиҷаи раъйпурсӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016) [15], Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [16], «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [24], «Дар бораи мудофиа» [28], «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» [31], «Дар бораи мақомҳо, кафолатҳо, ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо» [27], «Дар бораи таъсиси ҷузъу томҳои муввақатии Қувваҳои Мусаллаҳи доимамалкунанда ва дигар қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Воҳидҳои мусаллаҳи ҳарбии иттиҳоди мухолифини тоҷик» [20], «Қонун дар бораи маориф» [30] ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба ин соҳа таҳия гардида, аз ҷумлаи асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҳарбии кишвар маҳсуб меёбанд. Муаллиф ба таври воқеӣ таҳияи чунин санадҳои ҳуқуқӣ-ҳарбиро амри зарурӣ меҳисобад.

Гурӯҳи чорумро асарҳои муаррихони русу тоҷик ташкил медиҳанд, ки ба қалами Бушков В.Н., Микулский В.Д. [107, с.315], Руденко А., Сорока А. [139, с.286], Назаршоев Н.М. [132, с.280; 133, с.685], Шарифзода А, Заробиддин Қ., Маҳмадализода Ф. [99, с.348], Сафар Маҳмуд [94, с.209] тааллуқ доранд.

Асари муҳақиқони рус Бушков В.Н. ва Микулский В.Д. роҷеъ ба оқибати фурӯпошии ИҶШС, инъикоси ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, вазъи этникӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва ҳизбӣ, мусоҳибаи чеҳраҳои маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии тоҷик дар ВАО бахшида шудааст.

Асари муаллифони дигари рус Руденко А. ва Сорока А. аз маҷмуи мақолаҳои марбут ба инъикоси ҳаводиси сиёсӣ–ҳарбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон иборат аст. Муаллифон дар китоб сабабу оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастаро таҳлил намудаанд. Қобили зикр аст, ки адабиёти мазкур доири гузашти аввалин паради низомии 23–юми феврали соли 1993 манбаи муътамади таърихӣ маҳсуб меёбад.

Мазмун ва моҳияти асарҳои олимони тоҷик Назаршоев Н.М., Сафар Маҳмуд, Шарифзода А., Заробиддин Қ., Маҳмадализода Ф. доир ба заминаҳои барпошавӣ ва марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар бахшу воҳидҳои ҷабҳаи халқӣ аҳаммияти калони илмӣ доранд. Ин асарҳо барқарорнамоӣ ва ташаккули ҳокимияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳро дар зарфи 30 соли истиқлол дар бар мегиранд.

Гурӯҳи панҷумро рисолаҳои илмии олимони тоҷик ташкил медиҳад. Аз ҷумла, рисолаи илмии Мирзоев Ҷ.А. [52, с.200] фарогири матлаби асосии таҳлили таърихнигории адабиёти илмӣ буда, масоили мубрами таърихи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амсоли марҳилаҳо ва раванди ба даст овардани истиқлолият, оғози сар задани ҳаводису воқеаҳои солҳои 90 – ум, нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар бунёди давлати навини Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Давраи соҳибистиқлолӣ барои кишвари мо намунаи нави давлатсозӣ ба шумор меравад, ки дар он нақши Артиши миллӣ ба сифати қувваи муътамад ҷойгоҳи хоси худро дорад. Дар рисолаи Нурзода М.Ҷ. [53, с.200] доираи васеи ҳамкориҳои низомӣ–амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар доираи омӯзиши дурнамои вазъи амниятии минтақа ба раванд ва рушди ҳамкориҳои мутақобила бо Федератсияи Россия дар шароити муосир диққати махсус дода шудааст.

Меъроҷиддини Н. [50, с.180] ва Амиров Т.Ш. [47, с.170] самтҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Федератсияи

Россия дар чаҳорчӯбаи сохтори минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, Федератсияи Россияро ҳамчун аввалин кишваре, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарики муҳимми ҳарбӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад, таъкид намудаанд.

Диссертатсияи Мусоев Ш.М. [51, с.169] сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки он ҳамчун бахши мудофиавии кишвар ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ равона гардидааст.

Ба гурӯҳи шашум мақолаҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-публитсистии олимони тоҷику рус шомил мебошанд, ки оид ба масъалаҳои умумии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ–ро дар бар гирифта, дар онҳо масъалаи тақвияти гузаронидани машқҳои тактикӣ ва омилҳои мусбати онро дар касбияти хизматчиёни ҳарбӣ таҳлил шудаанд.

Аз ҷумла, Зоҳидов Н. [157, с.27] барқарории сулҳу субот дар Афғонистонро ҳамчун роҳандозии манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад ва барои ҳалли ин қазия андешаронӣ намудааст.

Олимони дигари тоҷик Абдурашитов Ф. [77, с.138], Азизмадова З. [57, с.2], Шарифзода А. [175, с.35–42], марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият таҳлил намудаанд. Ҳамчунин, дар мақолаҳои онҳо ба масъалаи усулҳои муборизаҳои мусаллаҳона дар шароити муосир, аз ҷумла муборизаҳои иттилоотӣ–равонӣ низ зикр гардидааст. Дар мақолаи Гафуров И.Х., Акобирзода А.Дж. [156, с.154] хусусиятҳои таъсис ва бунёди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ баррасӣ мешаванд.

Халқи тоҷик дар роҳи бунёди Қувваҳои Мусаллаҳи худ бо душвориҳо, печидагиҳо ва талафоти зиёд рӯ ба рӯ шуд. Бинобар ин, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи якпорчагии сарзамин нақши боризро ифо хоҳад кард.

Мақолаҳои дар кори илмӣ истифодашуда оид ба тағйирёбии характери умумии зиддияти ҳарбӣ, самаранокии воситаи муборизаҳои мусаллаҳонаро дар низоъҳо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зарурати баланд бардоштани маҳорату малакаи ҷангии ҳайати шахсиро аввалияти тақвияти артиш арзёбӣ кардааст.

Муҳаққиқи дигар Казюлин В. [158, с.13] мавзуи ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникии Россия ва давлатҳои Осиёи Марказиро мавриди таҳлилу барасӣ қарор додааст. Дар мақолаи ӯ миёни шарикони рушд ва стратегии Россияю Тоҷикистон ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Мақолаҳои Селезнев И. [172, с.98] ва Бондуровский В.В [152, с.13] ба баррасии масъалаи таҳдидҳои асосии амниятӣ дар минтақаи Авруосиё, фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, паҳншавӣ ва интиқоли маводи мухаддир, рушди таъсири гурӯҳҳои нашъаҷалоб, гардиши ғайриқонунии силоҳ, моддаҳои тарканда, мавҷудияти нишонаҳои низоъҳои ҳарбӣ дар назди сарҳад, паҳншавии таъсири гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ва тақвияти мавқеи ифротгароии динӣ равона гаштаанд.

Старчак М. [173, с.20-27] оид ба талошҳои ИМА алайҳи Россия дар фазои ҳамкориҳои ҳарбӣ–сиёсӣ бо Тоҷикистон ва афзалияти ҳарду давлати бузургро дар минтақа таҳқиқ намудааст.

Безрукова Е.А. [150, с.473] ва Бойко С.И. [151, с.279] ба масъалаҳои вазифаҳои артиш ва таъсири омили ахлоқии хизматчиёни ҳарбӣ ва моҳияти онро дар иҷрои ин вазифаҳо таҳқиқ намудаанд. Бинобар ин, омӯзиши таърихи ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи омӯзиши таърихи муосири Тоҷикистон маҳсуб ёфта, нақши он дар барқарор намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳлили назариявӣ ва илмӣ–амалӣ зарурат доранд, дар диссертатсия мазкур ҳадафи таҳқиқ қарор дода шуданд.

Дар баробари мақолаҳои илмии истифодашуда, инчунин маводи матбуоти даврӣ–рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» [62; 63; 65; 67], «Садои

Мардум» [69; 70; 71], «Қонун ва ҷомеа», «Ватанпарвар» [57; 60; 67] ва сомонаҳои электронии Вазорату кумитаҳои давлатӣ доир ба марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ дар даврони истиқлол ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, дар рисола маводи ҳамкориҳои ҳарбӣ, ҳарбӣ–техникӣ, баргузории машқҳои тактикӣ миёни давлатҳои аъзои ИДМ, СААД ва СҲШ бахшидашударо дар бар мегирад.

Гурӯҳи ҳафтуми манбаҳоро Пажуҳишгоҳи байналмилалии таҳқиқоти SIPRI (Stockholm International Peace Research Institute) [218] ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар соҳаи омӯзиши муноқишаҳо, силоҳ, назорати аслиҳа ва хароҷоти низомӣ мақоми хоса дорад. Ҳарчанд ин пажӯҳишгоҳ мустақиман ба бойгониҳои дохилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намекунад, аммо саҳми он дар таҳқиқи динамикаи рушд ва иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи байналмилалӣ хеле назаррас аст.

Агар асноди бойгонии Вазорати мудофиаи ҶТ ҳамчун манбаи расмӣ ва ҳуҷҷатгузоришудаи ватанӣ барои омӯзиши таърихи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёбанд, пас пажӯҳишгоҳи SIPRI ҳамчун манбаи омории байналмилалӣ амал мекунанд. Манбаҳои пешниҳоднамудаи ин сохтори иттилоотӣ ба муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки равандҳои рушди иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дидгоҳи таҳлилҳои глобалӣ ва объективии рақамӣ омӯзанд. Global Firepower ва World Global Powers Ranked by Potential Military Strength [220] ташкил медиҳанд.

Барои муҳаққиқон ин рейтингҳо имкон медиҳанд, ки иқтидори мудофиавии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳои ҷаҳон муқоиса карда шавад. Инчунин, он нишон медиҳад, ки омилҳои ҷуғрофӣ чӣ гуна ба иқтидори низомии кишвар таъсир мерасонанд. Ҳисоботҳои омории Global Firepower бештар хусусияти оморӣ доранд ва барои муҳаққиқони соҳаи ҳарбӣ ва сиёсатшиносон ҳамчун воситаи муқоисавӣ муфиданд. Онҳо манзараи умумии

таҳаввулоти таъминоти техникии Қуввaҳои Мусаллаҳи на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон балки тамоми кишварҳои дунёро бо таври намоён инъикос мекунанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2020-2026, дар самти «Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони истиқлолият», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва «Барномаи давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва тақвияти ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти илмӣ омӯзиши ҳамаҷониба ва объективии марҳилаҳои асосии таърихи таъсис ва ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол (1991–2021), арзёбии нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёд, мустаҳкамсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ дар шароити мураккаби сиёсӣ, таҳлили иҷрои рисолати таърихии ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ дар шароити мураккаби солҳои аввали таъсиси давлатдории миллӣ ба шумор рафта, доир ба омӯзиши минбаъдаи мавзуъ ва баланд бардоштани тарбияи ватандӯстии ҳайати шахсии Қуввaҳои Мусаллаҳ бо истифода аз таҳқиқоти анҷомдодашуда, пешниҳоду тавсияҳо таҳия карда шавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои ташаккулёбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба

ташкилёбии Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нишон додани нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Қуввахои Мусаллах;

- омӯзиши зарурати ташкил намудани ҷузъу томҳои алоҳидаи Қуввахои Мусаллах ва таъминоти кадрии онҳо;

- ошкор ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки ташаккули шуури ватандӯстии муҳассилини МТМУ ва олии касбӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

- инъикоси дастоварду комёбиҳо ва рушди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021) ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Хусусиятҳои таърихи ташкилёби ва ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият мебошад, ки дар қиёс ба дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ дар самти ташаккулёбӣ дорои хусусиятҳои хос аст.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст, ки ду марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи якум–солҳои 2020–2021–ро дар бар гирифта, он аз унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), интихоб намудани мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварии маводи илмӣ роҷеъ ба таҳқиқот, таълифи мундариҷаи мавзуъ, нашри мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳо ва мақолаҳои тақризшаванда дар маҷаллаҳои илмии КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Марҳилаи дуюм–солҳои 2022–2024–ро дар бар мегирад, ки дар ин

марҳила таҳқиқи рисола ба анҷом расонида шуда, ҳамчунин, имтиҳоноти номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи Тайёр кардани кадрҳои илмӣ–педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ супорида, диссертатсия расман ба ҳимоя пешниҳод гардид.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро ҷанбаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, корҳои илмӣ -таҳқиқотии таърихи ҳарбии халқи тоҷик дар даврони истиқлол, осори илмии бунёдии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муқаррарот доир ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки рисолаи мазкур марбут ба таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва навгонии таҳқиқот ба таври мушаххас дар нуқтаҳои зер баён шудаанд:

- масоили марбут ба заминаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи диссертатсия ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

- дар таҳқиқот ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолаю монографияҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун асосгузори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст;

- дар диссертатсия зарурати ташкил намудани навъҳои нави Қувваҳои Мусаллаҳ ва рисолати таърихии онҳо дар ҳифзи истиқлол омӯхта шуд;

- муаллиф бори нахуст дар диссертатсия афкору назари таърихшиносону сиёсатшиносон ва дигар олимонро дар ҷодаи таърихии ташаккули Артиши миллии Тоҷикистон таҳлил намуда, марбут ба ақидаҳои

тарбиявии онҳо мақола, дастуру тавсияҳо ва ақидаҳои муаррихону сиёсатшиносонро вобаста ба масъалаи фавқ, ки барои хизматчиёни ҳарбӣ ва муҳассилини МТМУ ва муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати муҳаббати хоса доштан ба Артиши миллӣ, инчунин, ба боло гирифтани донишу ҷаҳони сиёсии он мувофиқат мекунад, баррасӣ намудааст;

- дар асоси таҳқиқи мукаммал марбут ба рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сифр то артиши муқтадир хулоса ва тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Пажуҳиши мавзуи мазкур муайян намуд, ки ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мураккаби геополитикӣ, буҳрони сиёсӣ ва рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои солҳои 90–уми асри XX бар хилофи дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ на дар натиҷаи тақсими мероси ҳарбӣ, балки бе пойгоҳи моддию техникии мутамарказ бо такя ба хусусиятҳои хоси ватандӯстӣ ва иродаи сиёсии халқ ташкил ёфт, ки омили ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлати навтаъсиси Тоҷикистон маҳсуб меёфт, ҳамчунин фаъолияти амиқи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ низ ба ба ҳисоб мерафт.

2. Собит гардид, ки иродаи сиёсӣ, қатъият ва ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи ниҳоят ҳассоси таърихӣ заминаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва амалии таъсиси расмии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун пояи асосии сохти конститутсионӣ фароҳам оварад. Саҳми беназири Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити мавҷуд набудани пойгоҳи мутамаркази ҳарбӣ, инфрасохтор ва захираҳои молиявӣ, ки тавассути таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, тавофуқномаҳои байнидавлатӣ ва сафарбарсозии захираҳои дохилӣ тавонист аввалин ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳро созмон дода, уҳдадории бузурги

таърихии таъмини сулҳу суботро ба анҷом расонида, Қувваҳои Мусаллаҳро ба сипари боэътимод давлат табдил дод.

3. Таҳқиқ муайян намуд, ки вазъи сиёсию ҳарбӣ ва таъмини якпорчагии марзу буми кишвар тақозо менамуд, ки сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, он ба се навъи қӯшун табдил дода шуда, ба талаботи муосири амниятӣ ва таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва минтақавӣ ҷавобгӯ бошад. Бинобар ин дар марҳилаи дуюми ташаккули Қувваҳои Мусалаҳ имкон фароҳам омад, ки сохтори ин ниҳоди давлатӣ такмил ёфта, дар таҳаввулоти дохилӣ, тағйирёбии хусусияти таҳдидҳои амниятӣ ва рафъи онҳо нақши ҳалкунанда ифо намоянд. Ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ рисолати таърихии худро дар ҳифзи сохтори конститутсионӣ, рафъи ҳолати фавқулодаи муноқишаи дохилӣ ва дахолати хориҷии қувваҳои ифротгарои берунӣ ҳамчун сипари мудофиавӣ ва омили асосии боздоранда ва таъминкунандаи сулҳу ваҳдати миллӣ ва кафили ҳифзи тамомияти арзии давлати навтаъсиси Тоҷикистон иҷро намуданд.

4. Исбот гардид, ки вазъи сиёсию ҳарбии ҷаҳони муосир ва шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳо тақозо менамояд, ки қобилияти ҷангии Артиши миллӣ муҳим арзёбӣ гардад, зеро таъмини сулҳу субот ва рифоҳи миллӣ ба мавҷудияти неруи бо иқтидорманди ҳар як давлат вобастагии зич дорад. Ҷиҳати тақвияти Артиши миллӣ андешидани чораҳои комплексӣ зарур мебошад, ки муҳимтарини онҳо баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ дар заминаи афзоиши муассисаҳои ҳарбӣ ва барномаҳои таълимӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта, усулҳои инноватсионии истифодаи низоми ҳавопаймои бесарнишин, назорати электронӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳампаймон, иштирок дар машқҳои байналмилалӣ муҳим мебошанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Муқаррарот ва хулосаҳое, ки дар натиҷаи омӯзиши мавзуи мазкур ба даст омадаанд, заминаи илмии таҳқиқи минбаъдаи таърихи ташаккули артиш шуда

метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар навиштани фаслҳои алоҳидаи таърихи халки тоҷик, хондани лексияҳо дар мактабҳои олӣ, тартиб додани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии муқаррароти асосии таҳқиқот, аз ҷумла, санҷиши илмию амалии таҳлили сарчашма ва адабиёти таърихӣ тасдиқ гардидааст.

Хулосаҳои баровардашуда ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асосан тибқи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ ва 6.1.1–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ, хусусан фонди 3–и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 297–и Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, адабиёти илмӣ доир ба 30 соли таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллаҳ, инчунин борҳо суҳбату мулоқот анҷом додан бо коршиносон ва собиқадорони соҳа, роҷеъ ба ҳолати воқеӣ ва таърихи Артиши миллиро дарк ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додан ва дар заминаи омӯзиш бори нахуст роҳҳои тақвият ва дурнамои рушди Қуввахои Мусаллаҳро бозгӯ кардааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи №9, аз 28 апрели соли

2026) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои «Нақши истиқлолият дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон» бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, «Марҳилаҳои таърихии ташаккули Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22–юми феврали соли 2023 дар ш. Душанбе ва дигар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ баррасӣ шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар як китоби дарсӣ бо Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №16/20 аз 30-юми октябри 2025, ду васоити таълимӣ, 5 мақолаи илмии дар маҷалаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 3 мақолаи илмие, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт (220 номгӯй) иборат буда, дар ҳаҷми 186 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

БОБИ I. ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991–2000)

1.1. Заминаҳои таърихии ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–1992)

Дар таърихи инсоният садаи XX воқеан, осори амиқе гузошта, ба давраи таҳаввулоти бесобиқа, низоъҳои бузурги сиёсию ҳарбӣ ва инқилобҳои бунёдии технологӣ табдил ёфт. Дар чунин шароит, омӯзиши таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ ҳам барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳам барои амалияи идоракунии ҳарбӣ аҳаммияти мубрам касб мекунад.

Бо дастёбӣ ба истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ба ислоҳоту азнавсозии сохторҳои қудратӣ оғоз намуд, ки муддати 70 сол ҷузъи сохторҳои қудратии ИҶШС маҳсуб мешуданд. Қобил ба ёдоварист, ки «саҳми халқи тоҷик низ дар афзоиши иқтидори мудофиавии собиқ ИҶШС хело ҳам калон буд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳар шашумин сокини Тоҷикистон, яъне 300 ҳазор нафар ба сафҳои Артиши Сурх сафарбар шуданд» [53, с.17] ва нахустин Қаҳрамони Иттифоқи Шуравӣ аз миёни халқҳои Осиёи Марказӣ тоҷикписар Неъмат Қарабоев ба ҳисоб меравад.

Маҳсулоти корхонаи Комбинати кӯҳӣ–металургии шаҳри Чкаловски вилояти Суғд–урани тоҷик дар сохтмони бомбаҳои ҳастаии шуравӣ низ ба кор бурда мешуд [100, с.218]. Дар солҳои 1979–1989 ҳузури нерӯҳои шуравӣ дар Афғонистон 15 ҳазор ҷавонони Тоҷикистон низ иштирок намуданд [153, с.100].

Қабули Эъломияи истиқлоли давлатӣ (9–уми сентябри соли 1991) бо хусусияти бунёдии худ ибтидо гузошт. Ин ҳуҷҷати таърихӣ на танҳо соҳибихтиёрии ҷумҳуриро эълон кард, балки барои сиёсати мустақили хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нав гардид. Яке аз масоили марбут ба бақои давлати навтаъсис–ин ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ гардид.

Истиқлоли давлатӣ дар радифи дигар равандҳои ҷомеа ҳамеша ниёз ба амният ва ваҳдати миллӣ дорад. Бинобар ин қобили зикр аст, ки «ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳадафи мудофиавӣ, яъне ҳифзи соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзӣ ва сохти конститутсионӣ буд. Аз оғози ташкилёбии давлати миллӣ стратегияи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муаррифгари сулҳ арзёбӣ гардида, мувофиқи Эъломияи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри муҳофизати мустақилияти сарзамини хеш ҳуқуқи барпо намудани Қуввахои Мусаллаҳро касб кард» [17]. Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъмини амнияти давлат, рафъи таҳдидҳои хориҷӣ, ҳимояи имконоти иқтисодии давлатиро ба уҳда доранд.

Бори аввал бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳо оиди таҳияи Консепсияи мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор намуд:

1. Ахбори Комиссари ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадҷонов М.М. «Дар бораи тадбирҳо оиди таҳияи консепсияи мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

2. Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссариати ҳарбӣ, Кумитаи қонунбарорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон, илм, маориф ва сиёсати байни ҷавонони Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то якуми октябри соли 1991 лоиҳаи қонун «Дар бораи мудофиаи амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таклифҳоро дар хусуси ташкили Гвардияи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таклифҳои депутатҳои халқи ИҶШС аз Тоҷикистон ва депутатҳои халқии ҷумҳурӣ, ки ҳангоми вохӯрӣ бо вазири мудофиаи ИҶШС рафиқ Шапошников Е.И. баён намудаанд, тайёр карда, ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Дар қӯшун зуд-зуд такрор ёфтани ҳодисаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии ғайриоинномавӣ ва зуҳуроти манфӣ, ки аксаран боиси маъюб ва ҳалок шудани хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла хизматчиёни

ҳарбӣ аз Тоҷикистон даъватшуда мегарданд, воқеаҳои ба фурунишонии низоъҳои байналмилалӣ ҷалб шудани хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз тарафи роҳбарияти Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС ба эътибор нагирифтани муроҷиати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дар округи ҳарбии Туркистон ташкил намудани адои хизмати ҷавонони Тоҷикистон, ки ба қисмҳои ҳарбии сохтмонӣ ва сохтмонию техникӣ даъват шудаанд, ба инобат гирифта, то вақти дар байни мақомоти салоҳиятдори Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани созишномаҳои махсусе, ки амният ва ҳимояи хизматчиёни ҳарбиро кафолат медиҳад, мавқуф гузоштани даъвати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон тирамоҳии соли 1991 ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба мақсад мувофиқ дониста шавад.

Дар сохтори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шавад [18, с.1]

Дар шароити мураккаби ҳарбию сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, қабули чунин қарорҳо барои ҳифзи давлатдории навин заминаи ҳуқуқӣ ва сохторӣ фароҳам овард, ки мақсади таҳияи ин ҳуҷҷат муайян кардани манфиатҳои миллӣ, аз қабили ҳимояи шаҳрвандон аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ тарҳрезии асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ҳарбии сохторҳои низомии кишвар, муайян намудани стратегияи ягонаи ҳифзи марзи давлатӣ, тамомияти арзӣ ва сулҳу суботи кишвар, муттаҳид намудани сохторҳои қудратӣ ба артиши муназзам ва ягонаи миллӣ барои ҳимояи истиқлолият ба ҳисоб мерафт.

Аммо нобасомонию нофаҳмиҳо ва кӯтоҳназарие, ки баъди барҳамхӯрии ИҶШС ба амал омад, мардуми тоҷикро саргуму бесаришта месохт. Дар марҳилаи ибтидоии баъд аз расидан ба истиқлолият мавҷуд набудани институтҳои давлатӣ дар самти таъмини амният, аз ҷумла Артиши миллӣ яке аз омилҳои густариши қувваҳои бадандешу сиёҳкор гардид.

22–юми декабри соли 1991 бо супориши Раиси Шурои Олӣ дар бораи таъсиси Горди миллӣ фармони Раҳмон Набиев бо шумораи 700 сарбоз ба имзо расида, ҳукумат доири ин масъала аз буҷаи давлат зиёда аз 30 миллион сум маблағ ҷудо намуд [85, с.40]. Тибқи он идораи мушовири давлатӣ оид ба масъалаҳои мудофиа, амнияти миллӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ таъсис гардид ва роҳбари идораи мазкур ҳамзамон фармондеҳи Горди миллӣ таъйин шуд [81, с.163].

Дар ин радиф фармони собиқ Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев таҳти № ФП–14 аз 4–уми январи соли 1992 дар бораи ташкил намудани «Кумитаи мудофиа»–и Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки мақсад аз таъсиси он ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии давлат ба ҳисоб мерафт ва раиси Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал–майор Ниёзов Фарух таъйин гардид [18]. Вазифаҳои Кумитаи навташкили мудофиа дар оғози марҳилаи пошхӯрии Артиши шуравӣ, ки акнун номи артиши муттаҳидаи ИДМ-ро гирифта буд, асосан аз: «ҷобаҷокунии даъватшавандагони тоҷикистонӣ, ки дар қисмҳои ҳарбии дар қаламрави ҷумҳурӣ будаи Қувваҳои Мусаллаҳи ИДМ, муҳофизати сохтори конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт, иборат буд. Дар ин давра барои муҳофизати сохтори конститутсионӣ 37 мошини зиреҳпӯш (БТР) харидорӣ намуда, дар полки мудофиаи граждании ҷумҳурӣ воқеъ дар деҳаи Қаратоғ маҳфуз намуда бошад ҳам, аммо барои истифодаи онҳо ронандае ёфт намешуд. Ин як муносибати хунукназарӣ нисбати халқу Ватан маҳсуб меёфт. Ҳамчунин тибқи гузориши Комиссари ҳарбӣ генерал–майор Маҳмадҷонов М. зиёда аз 1000 нафар афсарони дар эҳтиётбуда ба рӯйхат гирифта шуда буданд, лекин то он рӯз касе онҳоро даъват намекард. Раиси Кумитаи бехатарии ҷумҳурӣ Стройкин А.А. вобаста ба баргузории гирдиҳамоиҳои ду майдон ягон хел вокуниш нишон намедод. Фармондеҳи нерӯҳои сарҳадӣ–генерал Мартовитский А.Н. ба масъалаҳои дохилии давлат дахолат надоштани ин ниҳоди давлатиро эълон намуда, ӯ низ мавқеи бетарафиро ишғол намуд. Ҳамин

тавр, неруҳои қудратӣ лашкари парокандаро мемонд» [74, с.40]. Дар чунин шароит 1–уми майи соли 1992 Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев барои муҳофизати дастгоҳи Президентӣ ва мардуми пойтахт–шаҳри Душанбе, роҳ надодан ба хунрезӣ дар бораи ташкил кардани баталони ҷудогона фармон бароварда, иҷрои онро ба раиси Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ генерал–майор Ниёзов Ф.Н. ва Комиссари ҳарбии ҷумҳурӣ Маҳмадҷонов М. супорида буд. Бо сабаби ғайриҳизбӣ кардани тамоми мақомоти давлатӣ ва авҷ гирифтани минтақагароӣ намояндагони мақомоти давлатӣ, хусусан мақомоти қудратӣ ба минтақаҳои худ гаравиданд [178, с.42]. Роҳбарони ниҳодҳои қудратӣ ба ғарази нафс гирифтор шуда, ба вазъияти баамаломада таваҷҷуҳи ҷиддиеро равона намекарданд. Ба ҷойи он ки қадамҳои ҷиддӣ ва устувор барои гузаронидани ҳамаи қисмҳои низомии мавҷуда дар марзу буми ҷумҳурӣ ба доираи ҳуқуқии худи ҷумҳурӣ гузошта шаванд, чи тавре ки ин таҷриба дар дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ гардида буд, дар миёни роҳбарияти ҷумҳурии мо дида намешуд.

Аз моҳи май то моҳи июли соли 1992 ба ҷойи Ниёзов Фарух, генерал–майор Раҳмонов Б., аз моҳи август то моҳи октябр полковник–Сафаров Т. ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намуданд [3]. Бо вуҷуди ин вазъи ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз ба ҳолати фалокатбор дучор мегардид. Роҳбарони ниҳодҳои қудратӣ аз пайи иҷрои уҳдадориҳои худ набуданд. Ашхоси боброӯйи кишвар ба воситаи террор аз байн бурда мешуданд. 7–уми май Раҳмон Набиев маҷбур гардид, ки дар бораи ба эътидол овардани вазъият қарор қабул намояд. Имзои протокол, ки дар он чунин қарор дида мешуд: «ташкили ҳукумати коалитсионӣ ва ба истеъфо рафтан ва хиёнати як зумра аз мансабдорони давлатӣ, ки аз ҷумла раиси Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ Ниёзов Ф. ҳам дар он шомил мегардид, Кумитаи амнияти миллӣ ва Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ ба тобеияти Кабинети вазирон гузаронида шуд» [97, с.22]. 30–юми сентябри соли 1992, таҳти №

363 баҳри иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 1992 № ФП–188 «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиа» Девони Вазирон қарор қабул кард. Ин қарору фармонҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд, зеро роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ ҳатто қудрати даъвати сарбозонро таъмин намуда натавонист [94, с.11]

Пас аз фурӯпошии ИҶШС яке аз масъалаҳои ҳасостарин тақсимоти дороиҳои низомии дуюмин артиши пурқудрат дар сатҳи ҷаҳон–Қуввaҳои Мусаллаҳи ИҶШС буд, ки бояд 15.05.1992 дар шаҳри Тошканд ҳалли худро меёфт.

Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ иқтидори ҳарбии ИҶШС иборат буд аз: «2260 танк, 3780 мошини ҷангии зиреҳпӯш ва 185 чархболро бояд байни худ тақсим менамуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд саҳми худро соҳибӣ мекард. Бинобар сабаби оғози ҷанги шаҳрвандӣ (аввали моҳи майи соли 1992) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ чиз ба мерос гирифта натавонист ва тамоми дороиҳои номбурда, ба ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ тақсим гардид» [126, с.208].

Натиҷаҳои ин тақсимот барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин омилҳои манфиро ба бор оварда:

якум, раванди тақсимот дар соли 1992, вазъи ду майдон дар маркази ҷумҳурӣ: «Шаҳидон» ва «Озодӣ» нақши намоишеро мемонд, ки таваҷҷуҳи мардуми ҷумҳуриро ба худ ҷалб намуд;

дуюм, дар сохтори ҳарбии шуравӣ кадрҳои афсарони калидӣ–ҳайати фармондеҳиро аксаран афсарони русзабон ташкил медоданд, ки бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, аксари онҳо кишвари моро тарк намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо норасоии шадиди кадрҳои фармондеҳӣ рӯ ба рӯ гардид;

сеюм, бар хилофи Ӯзбекистон ва Қазоқистон, ки дар ҳудудашон анборҳои азими стратегӣ ва авиатсияи ҳарбӣ мавҷуд буд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо қисмҳои маҳдуди ҳарбӣ боқӣ монданд, ки яроқу аслиҳаи онҳо ғорат ё ба тобеияти Федератсияи Россия гузаштанд;

чорум, бо сабаби набудани Артиши миллӣ, соли 1992 ҳудуди ҷумҳурӣ, махсусан маркази онро қонуншиканиҳо ва муқовимат фаро гирифта, анборҳои силоҳ дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ аз ҷониби гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ғорат шуданд, ки ин раванди оғози Ҷанги шаҳрвандиро (1992–1997) тезонид ва оташи онро шӯълавартар намуда, сарҳади давлатӣ бе муҳофизат монда, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи геополитикӣ дар минтақа ҳамчун як давлати заиф ва осебпазир ба назар мерасид.

Тақсими мероси низомии шуравӣ дар соли 1992 Тоҷикистонро дар яке аз ҳассостарин марҳилаҳои таърихиаш бесилоҳ, бедифоъ ва бе Артиши миллии мутамарказ гузошт. Ин омили асосие шуд, ки кишвар натавонист пеши роҳи ҷанги бародаркушро гирифта, барои ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи худ маблағҳои азимеро сарф кард, ки метавонистанд барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар хидмат сарф гарданд.

Бояд қайд намуд, ки барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз худ кардани Дивизияи 201–ум имкони ташкили Қувваҳои Мусаллаҳро метавонист замина гузорад, ки иқтидори ҳарбии дивизияи 201–ум аз: «180 танк (Т-72), 340 мошини ҷангии зиреҳпӯш (БМП ва БТР), тупҳои худгарди навъи 2S1 («Гвоздика») ва 2S3 («Акация»), 18 системаи партоби мушак (РСЗО БМ-21 «Град»), 36 миномёти ПМ-38, 20 ЗРК «Оса», аммо бо дархости роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо дар марзу буми Тоҷикистон боқӣ монданд» иборат буд [126, с.208]. Қобили зикр аст, ки «Федератсияи Россия ягона кишвари пасошуравӣ буд, ки тақрибан 70 дарсади иқтидори низомии артиши шуравиро ба мерос гирифта, ҳуқуқи доштани силоҳи ҳастаиро ба даст оварда, назорати комплексҳои баҳрӣ ва кайҳонӣ, марказҳои калидии коммуникатсионию фармондеҳӣ ва назорат, марказҳои озмоишӣ ва омӯзишӣ ва захираҳои стратегиро аз худ кард».

Дар давраи аввали шиддат гирифтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон (аз 5–уми май то декабри соли 1992) наздики 50 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвари мо қурбони дасисаҳо гардиданд [55, с.21]. Танҳо аз рӯзи 5–ум то 10– ми майи соли 1992 дар шаҳри Душанбе ва атрофи он 108 нафар кушта, 233 нафар ярадор ва 104 нафар беному нишон ғайб заданд [104, с.293]. Мувофиқи иттилои Комиссариати олии СММ доир ба масъалаи гурезагон: «600 ҳазор, яъне аз даҳ як ҳиссаи аҳолии кишвар маҷбуран маҳали зисти худро тарк намуданд. Зарари иқтисодию молиявии ба ҷумҳурӣ расонида шуда 300 миллиард рублро дар бар мегирифт, ки 80% иқтидори саноатии кишвар аз кор бозмонда, дар муқоиса ба соли 1991, соли 1992 ҳаҷми даромади миллӣ 31 дарсад коҳиш ёфт. Дар ин давра эҳтимоли аз даст рафтани собиқ вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) ба миён омада, моҳи декабри соли 1991 роҳбарияти ВМКБ барои вилоятро ба ҷумҳурии мухтор табдил додан таклиф пешниҳод намуда буд» [98, с.112]. Хатари фалокатбори ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтан Тоҷикистон як амри воқеӣ мегардид [55, с.21].

Дастовардҳо дар роҳи барқарор намудани қонун ва тартибот, эъмори давлати мустақилу демократии ҳуқуқбунёд бадхоҳони миллатро ором намегузошт. Барои тезонидани хунрезӣ, амалӣ гардонидани нақшаҳои шуми худ дастаҳои мухолифини зиддиҳукуматӣ гурӯҳи иборат аз 100–150 касро аз ҳисоби «фидоиён», ки дар зери ақидаҳои бегона таълим гирифта буданд, таъсис намуд. Яке аз ин гурӯҳҳоро ба роҳи Кӯлобу Кофарниҳон, ағбаҳои Шаршару Чормағзак, дигареро ба даромадгоҳи Душанбе кӯчаи 40–солагии Тоҷикистон, сеюминро ба роҳи ноҳияи Ленин фиристоданд. Дар минтақаҳои зери назорати худ онҳо мардуми беярокро ҳадаф қарор медоданд. Мардуми кушташударо ба самти майдони «Озодӣ» оварда, хашму ғазаби мардумро дучанд мегардониданд [85, с.74].

Бедодгариҳо ва хиёнатҳои аз ҳад гузаштаи мухолифини ҳукумат ба он оварда расонид, ки мардум дигар ба онҳо бовар намекард. Онҳо ҳатто

духтарону писарони ҷавонро бо силоҳ иваз мекарданд. Ин ваҳшоният ба он оварда расонид, ки ниҳоят мардум ба ҳифзи молу ҷон ва номуси худ бархест. Наҷоти миллат–омили асосие, буд, ки боиси ташкилёбии отрядҳо шуд.

Отряди «Муҳофизони Ватан» яке аз аввалин гурӯҳ маҳсуб меёфт, ки: «ба таъмини суботи ҷомеа саҳми намоёни худро гузорад. Ин отряд бо қарори Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб таҳти №114, аз 29 майи соли 1992 аз ҳисоби ҷанговарони башардӯст ташкил ёфта буд, ки командири отрядро Мирзоев Ҳикматулло ва Сардори ситоди гурӯҳро Саидшарипов Аҳтамшо ба уҳда доштанд. Отряд барои ҳифзу нигоҳдории иншоотҳои ҳаётан муҳими давлатӣ, барқарории сохтори конститутсионӣ ва мубориза бар зидди дастаҳои зиддиҳукуматӣ таъсис ёфт. Дар отряд зиёда аз 300 нафар собиқадорони ҷанги Афғонистон ва собиқадорони сохторҳои қудратӣ шомил буданд» [6]. Дарвоқеъ гурӯҳи ҷанговарони башардӯст замоне даст ба кор шуданд, ки гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар ҳоли шакл гирифтану ба хатари умумиминтақавӣ табдил шудан буданд.

Моҳи июни соли 1992 барои вилояти Кӯлоб зарурати ташкил намудани Горди миллии худ пеш омад. Горди миллӣ ҳанӯз дар оғози моҳи майи 1992 бо ташаббуси Раҳмон Набиев ташкил ёфта, аввалин гашти низомии худро дар майдони «Озодӣ» баргузор намуд. Аммо тарафдорони майдони «Шаҳидон» ин вазъиятро дида, дарҳол ба мусаллаҳ намудани аъзои худ рӯй оварданд. Бинобар ин, бо фармони Президент Раҳмон Набиев Горди миллии навтаъсиси Ҳукумати ҷумҳурӣ пароканда карда шуд [91, с.167].

Дар чунин рӯзҳои пуршиддат як зумра ҷавонмардони ҷасуру қавиродаи вилояти Кӯлоб: «Абдураҳимов Рустам, Сафаров Сангак, Шарифзода Мулоҳайдар, Қурбонов Зардакшоҳ, Иброҳимов Исмоил ба ташкил ва ҷобаҷогузории дастаҳои Горди миллӣ, муҳофизат намудани мардуми бесилоҳ ва ташкили фаъолияти Горди миллӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят корҳои судбахшро ба сомон расониданд» [104, с.293]. Горди миллӣ аз ҳисоби ҷавононе, ки дар рӯзҳои гирдиҳамоии майдони

«Озодӣ» мусаллаҳ шуда буданд, ташкил ёфт. Мақсади ташкили Горди миллӣ ашхоси мусаллаҳро ба як мақро равона намудан буд, зеро баъди аз майдони “Озодӣ” баргаштани қавонони мусаллаҳ дар миқёси шаҳр каму беш бесарусомонӣ ба амал омад [102, с.57].

Тибқи қарори Кумитаи Иҷроияи Шурои Намояндагони меҳнаткашони вилояти Кӯлоб масъалаи ташкили ГМ вилояти Кӯлоб бо шумораи 1500 нафар қавонони шуҷои вилоят бо назардошти таҷрибаи қангии ҳайати онро муҳокима намуд.

29–уми майи соли 1992 бо ёрии раиси Кумитаи иҷроияи вилоят Мирзоалиев Қурбон ва қонишини ӯ Рустамова Қиматгул таҳти №114 [83, с.41], дар биноҳои омӯзишгоҳи касбӣ–техникии №32 воқеъ дар маркази вилояти Кӯлоб ГМ вилояти Кӯлоб ташкил ёфта, командири Горди миллиро қонишини раиси кумитаи иттифоқҳои касабаи вилоят–Салимов Саид ва сардории ситоди онро қавонмарди қасур Лангариев Лангарӣ ба уҳда доштанд [104, 295]. Дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб ситоди горди наҷотбахш ташкил ёфта, аз қониби комиҷроияҳои ноҳиявӣ дастгирӣ меёфтанд.

Горди миллӣ аз рӯзҳои аввалини ташкилёбии худ бо ҳайати начандон зиёди худ рисолати таърихии хешро дар назди Ватан иҷро намуд: «вазифаи аввалияи худро дар хоста гирифтан ва омӯзонидани санъати ҳарбӣ ба қавононе буд, ки ихтиёран худро ба қайд мегирифтанд. Инчунин аз болои фаъолияти аъзои мусаллаҳи худ назорат бурдан ва таъмини хурок, сару либос ва пурра гардонидани аъзои онро вазифаи худ қарор дода буданд. Горди миллӣ бо иштироки дастаҳои мусаллаҳи ватандӯсти вилоят бар зидди дастаи Исматча, ки аз тарафи мухолифин ташкил шуда буд ва мехост бар зидди мардуми вилояти Кӯлоб барои содир намудани террор омодагӣ медид, мубориза бурда, онро ба ақибнишинӣ маҷбур намуд. Дастаи Исматча аз 47 нафар қавонон иборат буд, ки дар ихтиёри худ 7 автомашинаи сабукрав, 2 автомашинаи боркаш ва 1 автомашинаи «Ёрии таъҷилӣ» дошт. Дар роҳ ба ситоди Горди миллии дар ноҳияи Данғара қарор дошта, ҳуҷум оварда, 11 нафар

аъзои Горди миллиро бесилоҳ мегардонад. Дар миёни дастаи Исматча ва ҷавонмардони ГМ вилояти Кӯлоб бо сардории Лангариев Лангарӣ (иборат аз 30 нафар) задухӯрди шадиде ба вуқуъ пайваст. Аз ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Ҳамадонӣ) 20 нафар аз дастаи Ҷобиров Бурихон (фармондеҳи нахустини гашти низомии ГМ дар майдони "Озодӣ") ва Қурбонов Абдусалом бо шумораи 20 нафар ба мадади онҳо расида омаданд. Дар натиҷа дастаи Исматча 21 нафарро талаф дода, аз дастаи ГМ Лангариев Лангарӣ 1 нафар ҷавонмарди миллаташ рус қаҳрамонона ҳалок гардид» [104, с.295].

Соли 1992 дар миёнаи шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, вазъияти ноором дар марзи Тоҷикистону Афғонистон ба авҷи худ расид. ГМ вилояти Кӯлоб дар ин давраи ноором дар ҳифзи марзҳои ҷанубии ҷумҳурӣ нақши калидиро бозид, чунки соли 1992 Қӯшунҳои сарҳадии Иттиҳоди Шуравӣ ба давлатҳои навтаъсиси миллӣ гузаронида шуд. Низоми омодабошии ҷангии Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки ба имкониятҳои Давлати Шуравӣ ва барои нигоҳ доштани сохти пештара пешбинӣ шуда буд, на аз ҷиҳати шакл ва на аз ҷиҳати мазмун ба вазъияти нав мувофиқ набуд [131, 94]. Бинобар ин Шурои Олии Ҷумҳурии Белорусия вазъияти баамаломадаро дида, қарор қабул намуд: «700 нафар шаҳрванди ин ҷумҳурӣ, ки дар сарҳади Тоҷикистон мустақар буданд, ба марзу буми худ баргардонд. Пештар Украина низ чунин қарорро қабул карда буд» [98].

Дар заминаи ҷамъомади 15 – уми майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд, ки ба ташкили Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъи хатм шуд, давлатҳои аъзои созмон баъзе қарору қонунҳо барои таъмини амнияти марзҳои ҷанубии собиқ ИҶШС–ро қабул намуданд, ки он сарҳадҳои ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Ҳамин тариқ, 24-уми августи соли 1992 бо қарори Президенти вақти Федератсияи Россия Борис Елтсин, генерал-лейтенант Максимов Анатолий Николаевич намояндаи ваколатдори Федератсияи Россия оид ба будубоши Қӯшунҳои

сарҳадии Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, 19 октябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи Қӯшунҳои сарҳадии Россия таъсис ёфт [38]. Ҳамчунин Шурои сарони давлатҳои ИДМ масъалаи ҳамкории давлатҳои Иттиҳод оид ба таъмини вазъи муътадили сарҳадҳо ба роҳбарӣ гирифтанд, ки дар дурнамо қарорҳои дахлдор қабул шуд [32]. 9–уми октябри соли 1992 тадбирҳои иловагӣ оид ба вазъи сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро қабул намуд, ки аз ҳайати қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзо бо шумораи 500 нафарӣ ба сарҳади Тоҷикистону Афғонистон фиристода шаванд [45; 133, с.359].

Воҳидҳои Горди миллии вилояти Кӯлоб дар самти ҳифзи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор уҳдадорию вазифаҳоро иҷро намуданд:

1. Пешгирӣ аз қочоқи силоҳ ва таъмини гурӯҳҳои ҷиноятқор дар ҳудуди ҷумҳурӣ. Нерӯҳои мухолифин қалампави Афғонистонро барои харидани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва омӯзиши ҷангиён фаъолона истифода мебурданд. Гвардияи Кӯлоб ва воҳидҳои Ҷабҳаи халқӣ дар роҳҳои марзӣ нуқтаҳои назоратӣ таъсис дода, гузаргоҳҳо ва масирҳои калидиро, ки аз Афғонистон ба умқи қалампави Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасанд зери назорат гирифта, кӯшиши гурӯҳҳои хурди мусаллаҳи мухолифин барои расонидани ярақу аслиҳаро аз байн бурд.

2. Ҳамкорӣ бо марзбонони Федератсияи Россия. Соли 1992 дар дидбонгоҳҳои марзии дар ихтиёри Россия будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи сарбозон хеле коҳиш ёфта, онҳо зери оташи дастаҳои ҷиноӣ қарор гирифтанд. Горди миллии вилояти Кӯлоб ҳамчун сипари дифоӣ амал намуда, моҳи майи соли 1992 дар ноҳияи Ҳамадонӣ 8 нафар қочоқчиёни мухолифин, ки бо нияти овардани силоҳ сарҳадро вайрон намуда буданд, дастгир намуданд [134, с.10].

Қувваҳои мухолифини ҳукумат бо теъдоди хеле зиёд 20–уми феврали соли 1992 ба ноҳияҳои Қумсангиру Колхозобод ва совхози «Туркманистон» ҳуҷум оварда, ба қатлу ғорати мардуми беяроқ оғоз намуда, боиси фирор намудани мардум гардиданд. Дар он вақт мардуми

ҷумҳурӣ аз ваҳшонияти дастаҳои мусаллаҳи мухолифин дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа рухдода хабар надоштанд, зеро воситаҳои ахбори омма дар ин бора ҳарфе ба забон намеоварданд. Касеро ки мақсади аз шаҳр берун баромадан дошт дастгир намуда, сар мезаданд. Нақшаи навбатии бунёдгароёни ишғоли Калининобод ва ворид гаштан ба хоки вилояти Кӯлоб буд. 27–уми сентябри соли 1992 Горди миллии Кӯлоб бо ҳамроҳии дастаи Саидов Файзалӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа ворид шуданд [95, с.43]. Ҳангоми озод намудани шаҳри Қӯрғонтеппа 130 нафар ҷавонони бадахшонӣ, ки бо фиребу зурӣ мусаллаҳ гардида, ба ин минтақа оварда шуда буданд, беяроқ гардонида ба хонаҳояшон ҷавоб доданд [134, с.15].

Тоза намудани ноҳияҳои ҳудуди вилоят аз бунёдгароён тӯл кашид. Зеро бунёдгароён мардуми осоиштаро бо худ бурда, ҳангоми ҳуҷуми неруҳои Горди миллии вилояти Кӯлоб ва вилояти Қӯрғонтеппа ҳамчун сипари зинда истифода мебурданд. Ҷанговарони ватандӯст наметавонистанд, ки зидди онҳо тир холӣ намоянд.

Горди миллии вилояти Кулоб ба рағми душманони бадхоҳу бегонапараст таъсис ёфта буд, ба муборизаи умумихалқӣ табдил ёфт. Баъд аз озод гардидани вилояти Қурғонтеппа мардуми ноҳияҳои Ёвон, Ғозималик, Ҳисор, Шаҳритӯс, умуман тамоми халқияту миллатҳои вилоят ба мубориза бархостанд, ки ин нерӯҳо таҳти роҳбарии Сафаров Сангак ба Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон табдил дода шуданд, ки мақсади аслиаш барқарории сохтори конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт, аммо онҳо ҳанӯз оинномаи худро надоштанд. Муқовимати шадиду ҷавонмардонаи онҳо пайи наҷоти сарзамини Тоҷикистон аз қувваҳои аҳриманпеша рӯз ба рӯз афзуда, густариш меёфт. Эҳсосу идроки бузурги ватанхоҳӣ, ифтихору ғурури миллӣ, манфиатҳои Ватанро аз манфиатҳои шахсии худ болотар гузошта, заррае наҳаросида, муборизаи худро идома дода, сулҳу осоиштагиро дар сарзамини Тоҷикистон таъмин намуданд. Чунки тақдири мардуми тоҷик дар сангарҳо ҳал мешуд.

8–уми сентябри соли 1992 дар вилояти Суғд (шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ) ҷаласаи кумитаи ташкилии Ҷабҳаи халқӣ гузаронида шуда, мақсаду мароми Ҷабҳаи халқӣ муайян гардид, ки аъзои кумитаи ташкилиро шахсони зерин ташкил медоданд: «Азимов Амирқул, Шукуров Тағойхон (ҷонишини раис), Сафаралӣ Кенҷаев (раис). Лоиҳаи Оинномаи «Ҷабҳаи халқӣ» ба муҳокима гузошта шуда, барои қабул ба конференсияи Фронти халқӣ пешниҳод карда шуд. Аммо бо сабаби вазъи номуносиб вакилон аз вилояти Кӯрғонтеппа ва водии Вахш дар кори кумитаи Ҷабҳаи халқӣ ширкат варзида натавонистанд» [87, с.187]..

Тибқи қарори ҷаласаи кумита бояд ду ҷабҳа ташкил мегардид.

Ҷабҳаи якум «аз шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Ленин, Варзоб ва Файзободу Кофарниҳон иборат буд. Қумондони ҷабҳаи якумро Амирқул Азимов, сардори ситод Давлат Муродов ба уҳда доштанд. Маркази Ҷабҳаи №1–шаҳри Турсунзода интихоб шуда, қумондони ҳар як ноҳия низ интихоб шуданд. Қумондони шаҳри Турсунзода Ибодулло Бойматов, сардори ситод Холматов Раҳматҷон, қумондони ноҳияи Шаҳринав Солеҳов Абдумалик, ноҳияи Ҳисор Насруллоев Ҳабибулло ва Мирзоев Субҳон, қумондони шаҳри Душанбе Файзалиев Шералӣ, Солиев Рауф, Исҳоқов Ботур таъйин гардиданд» [87, с.188].

Ҷабҳаи дуюм: «ноҳияҳои Ғозималик, Ҷиликӯл, Қубодиён ва Шаҳритусро дар бар гирифта сарварии онро Шукуров Тағойхон ба уҳда дошт ва маркази фармондеҳии ҷабҳаи №2–шаҳри Қизил–Қалъа интихоб гардид.

Тавассути телефон ба ҳама сардорони Ҷабҳаи халқӣ фаъолияти амалии Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон ва Оинномаи он фаҳмонида дода шуд. Онҳо иқдоми неки пешгирифтаи кумитаи ташкилии Ҷабҳаи халқиро дастгирӣ намуданд» [87, с.187].

Дастаҳои Горди миллии Кӯлобу Кӯрғонтеппа ва Вахшонзамин 15–уми октябри соли 1992 вилояти Кӯрғонтеппаро озод карданд [87, с.276].

Рӯзи 24–уми октябри соли 1992 ҳангоми озод намудани шаҳри Норак сардори Ситоди Горди милли Кӯлоб Лангариев Лангарӣ ярадор шуда, аз пешонӣ, даст ва зонуяш ҷароҳат бардошт. Ин ҷароҳатҳо оқибат боиси марги ӯ гардид. Ҳамон рӯз нерӯҳои Ҷабҳаи халқӣ маркази шаҳри Душанбе–бошишгоҳи президент, бинои Шурои Олӣ ва қозиётро дар зери назорати худ даровардand. Лангариев Лангарӣ дар рӯзҳои беморӣ тантанаи ғалабаи адолатро дида, ором аз дунё даргузашт [134, с.29-30].

Дастаҳои мусаллаҳи иттиҳоди демократию исломӣ, ки аз шаҳри Душанбе берун ронда шуда буданд, оқибат мавқеи худро ноҳияи Кофарниҳон пайдо намуданд. Онҳо зиёда аз 2 ҳазор ҷангҷӯёни мусаллаҳро дар худ муттаҳид намуда, ҳамчунин интизори неруҳои дигар низ буданд [55, с.40].

Усули муборизаи дастаҳои Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон аз гузаронидани манёвр ва пай дар пай озод намудани ноҳияҳои зери иттоати мухолифин буд. Мухолифин низ тактикаи ба худ хоси даста–даста равон намудани ҷанговарони худ ба самти ҷойгиршавии ҷанговарони Ҷабҳаи халқӣ буд, ки ҳар як дастаи ҷангҷӯ баъди сафарбар шудан ба минтақаи амалиётии худ баъди 10 рӯз иваз мегардиданд.

Баъди озод намудани вилояти Қӯрғонтеппа ва шаҳрҳои Нораку Душанбе ноҳияҳои ҷабҳаи 1 ва 2 аз тарафи аъзоёни Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон ба таври комил баста шуда, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, маркази шаҳри Турсунзода, қисми ноҳияҳои Варзоб, Ленин, Ҷилликӯлу Ғозималик, Шаҳритӯс, Қубодиён зери назорати қатъӣ гирифта шуд. Аз ашхоси мусаллаҳи ситоди «Наҷоти Ватан», Ҳизби демократ, Ҳизби наҳзати ислом ва Қозиёти ҷумҳурӣ касе наметавонист убур намояд. Мақсади чунин амалкарди аъзои масъули Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон аз итоати ҳокимони ғайриқонунӣ баровардани ин ноҳияҳо буд. Акнун дар чунин шароит қонуну қарорҳои ҳукумати «Муросои миллӣ» аз ҷониби роҳбарони ноҳияҳои мазкур риоя намегардид, ки оқибат ин ноҳияҳо ба зери назорати Ҷабҳаи халқӣ гузаштанд.

Ҳамин тариқ, аз шаҳри Турсунзода то шаҳри Қӯрғонтеппа зиёда аз 10 дидбонгоҳҳои ҷабҳаҳои 1 ва 2–и Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон истеҳком гирифта буданд, аз онҳо танҳо ба рухсатномаи махсуси роҳбарони Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон муяссар мегардид. Ин воситае буд, ки алоқаи дастаҳои мусаллаҳи мухолифин канда шуда, заифу нотавон гардида, андешаи курдилона ва аъзои фитнаангезашон ба боди фанно мерафт [87, с.281].

Ҳангоми амалиёти нахустини Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода раиси комиҷроияи Шурои депутатҳои халқи шаҳр Маҳмудов Салоҳиддин ва имом–хатиби масҷиди шаҳри Турсунзода эшони Аллома ва як силсила ҳамфикрони онҳо аз нопокии хеш тарсида, чизу чораашонро гирифта, халқро ба ҳоли хеш гузошта, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Баръакси онҳо роҳбарони комиҷроияи ноҳияҳои Ҳисор бо сарварии Мансуров Ҷамолиддин ва имом–хатиби масҷид Шарифов Фатҳулло, Шаҳринав–Шарифов Шаҳоб, Варзоб–Саидмуродов Абдуваҳҳоб аз нахустин рӯзҳо амалиёти Ҷабҳаи халқии Тоҷикистонро дастгирӣ намуданд [87, с.281].

Қобили зикр аст, ки баъди озод намудани ноҳияҳои болозикр «роҳбарони Ҷабҳаи халқӣ ва комиҷроияҳо, роҳбарони ташкилоту корхонаи ин ноҳияҳо бо мардум воҳӯрӣ гузаронида, мақсаду мароми мухолифин ва аз ҷониби дигар моҳияти Оинномаи Ҷабҳаи халқии Тоҷикистонро фаҳмонида шинос намуданд, ки мақсади асосии Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон боздоштани ҷанги шаҳрвандӣ, ҷамъоварии силоҳи қонунӣ ва ғайриқонунӣ аз ҳар як сокини ин ноҳияҳо ва ба ин восита таъмини амнияти мардум, инчунин, тавассути даъвати Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сиёсӣ буд» [87, с.281].

Дар таърихи ҳар халқу кишвар ҳаводису воқеаҳое ҳастанд, ки саҳифаи сифатан навро ворид месозанд, аз мавзеъ, шаҳр ё қасре маншаъ мегиранд ва дар натиҷа рамзи ин воқеот абадӣ мемонанд. Таърих борҳо собит намудааст, ки тоҷикон ҳамеша ҳангоми бадбахтиҳои азим ва дар душвортарин вазъият кӯшишҳои сангин ба харҷ доданд, то бар оламиён

нишон бидиҳанд, ки наҷотдиҳандаи марзу бум ва аҳлу аёлашон танҳо худашон ҳастанд [77, с.29]. Бо ин маъно метавон қайд намуд, ки «Қасри «Арбоб» ба номи Саидхуҷа Урунхоҷаеви шаҳри бостонии Хуҷанд дар таърихи давлатдории тоҷикон рамзи муттаҳиддии миллат, ҳифзи муҳимтарин муқаддасот–Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад» [129, с.322].

Тибқи қарордоди тарафҳо ва Қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иҷлосияи навбатии Шурои Олӣ 15–уми ноябри соли 1992 даъват шуд. Ба тақдири кишвар тамоми аҳли зиёи ватандӯст, намояндагони ташкилоту иттиҳодияҳо ва ашхоси маъруфи кишвар барои иштирок дар Иҷлосия ба шаҳри Хуҷанд омада буданд [116, с.205].

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати XII, 16 – уми ноябри соли 1992, соати 10 пагоҳӣ таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров, ба кори худ шурӯъ намуд. Дар ин иҷлосия аз 230 нафар вакилони Шурои Олӣ 193 вакили мардуми иштирок доштанд [105, с.36]. Бояд зикр намуд, ки дар кори Иҷлосия: «74 санади ҳуқуқӣ – 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки ин ҳуҷҷатҳо барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар таъсири назаррас дошт. Дар Иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии 186 вакил Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Номзадии ӯ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи нерӯҳои сиёсӣ ва низомии гуногун баршумурда мешуд».

Муҳимтарин санад дар таърихи навини халқи тоҷик, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ қабул гардид, қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳсуб меёбад. Вале вусъати вазъияти сиёсии номуътадил имкон намедод, ки ин раванд бо як низоми муайян ва дар муҳлатҳои таъиншуда ба итмом расонида шавад. Бояд қайд намуд, ки ҷанги шаҳрвандии оғозгардида дар соли 1992 имкон намедод, ки дар ҷумҳурӣ артиши доимоамалкунандаи қудратнок ташкил карда шавад, зеро низоъҳои ҳарбии шаҳрвандӣ дар авҷ буд [7, с.306]. Мақсади аслии ҷамъомад дар иҷлосия хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ

ба ҳисоб мерафт, лекин нооромии сиёсӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ идома дошт [91, с.211].

Иҷлосия шартномаи коллективии давлатҳои ИДМ–ро, ки моҳи майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд ба имзо расида буд ба тасвиб расонд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаи коллективона” –ро қабул намуд.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати 12-ум), ки аз 16 ноябр то 2–юми декабри соли 1992 баргузор гардид, дар таърихи муосири мардуми тоҷик як рӯйдоди тақдирсоз маҳсуб меёбад. Дар миёни бӯҳрони амиқи сиёсӣ ва низомӣ, ки ба ҷанги харобиовари шаҳрвандӣ табдил ёфт, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ давлатдории мардуми тоҷикро аз фурӯпошӣ наҷот дода, имкони барқарор кардани сохтори консти–тутсионирo замина гузошт.

Дар кори Иҷлосия рамзҳои давлатӣ: Парчам ва Нишони давлатӣ қабул гардиданд, ки ба рамзҳои соҳибихтиёрӣ ва ягонагии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтанд. Дар радифи қабули қарору қонунҳо авф ва халъи силоҳ намудани иштирокчиёни низоъҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ ба раванди сулҳи оянда замина гузошт.

Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар Хуҷанд дар таърихи муосири Тоҷикистон нуқтаи гардиш буд. Он нишон дод, ки мардуми тоҷик қодиранд дар лаҳзаҳои муҳимтарин созишҳои оқилона пайдо кунанд. Интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми раҳбари давлатро муайян кард, ки кишварро аз бесарусомонӣ ба сӯйи субот, рушди иқтисодӣ ва эътирофи байналмилалӣ бурд. Ҳамаи дастовардҳои муосири ҷумҳурӣ–аз лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ то таҳкими ваҳдати миллӣ–аз қарорҳое сарчашма мегиранд, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри “Арбоб” қабул шуда буданд.

5–уми декабри соли 1992 дар сохтори Вазорати корҳои дохилӣ–нахустин аркони Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бригадаи таъйиноти махсус ҳамчун пешоҳанги мубориза бо қуввaҳои

зиддидавлатӣ ва гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ташкил ёфт. Ин даста дар таъмини амнияти роҳбарияти сиёсии ҷумҳурӣ, барпо намудани маъракаи халъи силоҳ, безарар гардонидани дастаҳо ва гурӯҳҳои ғайриқонунии маркази ҷумҳурӣ, мубориза бо нерӯҳои зиддидавлатӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ ва сарҳади давлатӣ дар нахустин рӯзҳои фаъолияти ҳукумати нави қонунӣ ва даврони минбаъда бағоят бузург аст.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд, ҷиҳати таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ ва ҳалкунанда гузошт, ки муҳимтарин ҷанбаи он заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва кадриро барои таъсиси Артиши миллӣ фароҳам овард. Доир ба зарурати таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳ, вазорати мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарори асосӣ қабул карда шуда, пароканда кардани ҳамаи гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ эълон карда шуданд. Гурӯҳҳое, ки пас аз анҷоми Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таслим нашуда, дар маркази ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе мушкилот эҷод мекарданд, аз 8 то 10-уми декабри соли 1992 аз тарафи нерӯҳои Ҷабҳаи халқӣ шикаст дода шуданд.

Вобаста ба таҳқиқ ва таҳлили зербоби аввали боби якум метавон хулоса намуд, ки ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи таърихиву ҳуқуқӣ ва ҳарбиву сиёсии худро дар яке аз фоҷиаборитарин даврaҳои таърихи кишвар–давраи Ҷанги шаҳрвандӣ замина гузошт, ки ба он чунин ҷанбаҳо хос аст:

якум, заминаи ҳуқуқии ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матни Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) гузошта шуд, ки бо қабули Эъломияи Истиқлоли давлатӣ мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ҳифзи тамомияти арзии кишвар заминаи мусоидро фароҳам овард;

дуюм, дар асоси ин ҳуҷҷати таърихӣ моҳи январи соли 1992 Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт;

сеюм, заминаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ. Ҷумҳурии Тоҷикистон баръакси дигар ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ, инфрасохтори омодаи ҳарбӣ надошт. Таҷҳизоти техникӣ ва аслиҳаи собиқ Округи ҳарбии Туркистон (то 15 майи соли 1992) ба истиснои дивизияи мототирандози 201, ки таҳти назорати ҳуқуқии Федератсияи Россия боқӣ монд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода нашуд, зеро қисми зиёди кормандони мақомоти давлатӣ дар фикри мансабҳои баланд буданд. Набуд шахсияте, ки мероси ҳарбии шуравӣ аз ҷумла таҷҳизоти ҳарбиро ба Тоҷикистони тозаистиқлол вогузор кунад, яъне мероси он сарзамине шавад, ки дар онҷо мустақар аст. Аз ин рӯ, техникаи ҳарбӣ ба Россия гузашта, қисми дигарашро худи баталонҳои собиқ ИҶШС сузонида нест карданд;

чорум, тобистони соли 1992 дар заминаи Горди милли ихтиёриёни вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва водии Зарафшон Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон таъсис ёфта, оқибат ба нерӯи асосии ҳарбию сиёсие табдил ёфт, ки бар зидди Иттиҳоди бунёдгарои зидди ҳокимияти конститутсионӣ мубориза мебурд. Дар лаҳзаи эълони расмии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳукумати мамлакат сарбозони тибқи даъват танзимшударо надошт. Маҳз дастаҳои ихтиёрӣ ба он манбаи ҳаётие табдил ёфтанд, ки аз ҳисоби онҳо аввалин воҳидҳои сохтории Вазорати мудофиа ташкил карда шуданд. Пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон, ки дорои иқтидори баланди ҷангӣ буд, ба ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон заминаи асосӣ гардид.

1.2. Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таърихи ҷомеаи инсонӣ танҳо пайдарпайии солшумории ҳаводису воқеаҳо набуда, балки фаъолияту тасмимгирӣ ва иродаи ашхоси бузург

маҳсуб меёбад, чунки сарварон дар ҳама давру замон ҳамчун муҳаррики асосии таърих баромад карда, самтҳои рушди ҷамъияти инсониро муайян намудаанд.

Дар марҳилаи аввали истиқлоли давлатӣ қадамҳои устувор оид ба барпо намудани Қуввaҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла бунёди заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуданд. Аммо паёмадҳои низоъҳои сиёсӣ имкон надод, ки Қуввaҳои Мусаллаҳ ташкил карда шавад ва қарору қонунҳои аз моҳи сентябри соли 1991 то ноябри соли 1992 эътибори қонунӣ надоштанд.

Пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд роҳбарияти нави кишвар вазифадор буд, ки баҳри таъмини амнияти давлат иқдом намояд. Дар ин ҷамъомади таърихӣ яке аз муҳимтарин санадҳои аз тарафи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзошуда ин Қарор «Дар бораи таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳсуб ёфта, имзои ин санади таърихӣ ба марҳилаи аввали ташкили Артиши миллии Тоҷикистон замина гузошт. Аммо вазъияти сиёсии номуътадил имкон намедод, ки ин раванд дар муҳлати таъйиншуда ба итмом расонида шавад. Дар ин давра бригадаи тайиноти махсус, аз ҷумла дар ҳайати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ташкил ёфт. Мақсади ташкили бригадаи таъйиноти махсус барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва мустаҳкам намудани марзу буми кишвар буд, зеро вазъияти душвор ҳанӯз идома дошт.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худро дар қатори ашхоси барҷастаи таърихи ҷаҳон ҷой дода, масъулияти дурнамои рушди давлатдории миллати тоҷикро ба зимма гирифтанд, «Эмомалӣ Раҳмон бо изни Худованд ва дуои мардуми тоҷик дар лаҳзаи ҳассос ба сари қудрат омада, оғози сулҳу ваҳдат, ҳифзи истиқлолияту давлатдорӣ ва касби рифоҳу амнияти мардум гардид. Яъне бунёди Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи абармарди таърихи миллат– Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд аст» [89, с.156].

Бо ҷаҳду талошҳои пайвастаи худ Сарвари давлат муҳтарам Эмомали Раҳмон рӯзи 18.12.1992 дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорро ба имзо расонид, ки қайди матни ин ҳуҷҷати таърихӣ ба маврид аст:

«Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Дар асоси қисмҳои Ҷабҳаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар дастаҳои мусаллаҳе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ менамоянд, ҳамчунин аз ҳисоби даъват кардани ҷавонон ба хизмати ҳақиқии ҳарбӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис карда шавад.

1. Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар бораи ҳайат, сохтори ташкилию штатӣ, таъминоти моддию техникӣ, маҳалҳои ҷойгиршавии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30 декабри соли 1992 таклиф пешниҳод намояд;

- лоиҳаи аснодди муҳимтарини қонунгузориро дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи таҳия намуда, ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кунад.

2. Кумитаи қонунбарорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсони Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи санадҳои қонунгузорӣ оид ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мадад расонад» [86, с.3].

Фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 як ҳуҷҷати дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ ва стратегӣ мебошад. Ин фармон на танҳо заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллиро гузошт, балки нишон дод, ки давлати ҷавони Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ омода буд, ки манфиатҳои миллии худро ҳимоя кунад. Зимни ин фармон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон ва гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки ҳукумати конститутсиониро тарафдорӣ

менамуданд, ташаккул ёфт. Барои ҳалли қазияи мазкур мебоист тадбирҳои фаврӣ андешида мешуд.

Ин санади таърихӣ ба **марҳилаи аввали** таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Омӯзиши ин фармон, заминаҳои таърихии қабули он ва нақши он дар ҳифзи сохти конститутсионӣ мубрамияти хоси илмию амалӣ дорад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Қуввахои Мусаллаҳи мо дар вазъияти хеле мураккабу ҳассоси сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, дар ҷойи холӣ ва бе ягон заминаи моддиву техникӣ таъсис дода шуданд».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар зимоми давлатдорӣ ба ганҷинаи ғании таҷрибаи давлатдории ниёгони сарбаланду бомаърифати хеш такя намуда, ба ҳалли масоиле оғоз менамуд, ки тақозои рӯз буданд. Дар он рӯзҳо на танҳо мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, балки дар аксари минтақаҳо мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ низ пурра фалаҷ гашта буданд, ки барқарорсозии онҳо кори осон набуд. Яке аз дастовардҳои бузург ва бунёдии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани низоми мукаммали давлатдории миллати тоҷик, қабули қарор дар бораи таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли дурнамои масоили таъмини амнияти соҳибихтиёрии давлат, якпорчагии ҳудудӣ, сохтори конститутсионии Тоҷикистон ва хотима додан ба задухӯрдҳои мусаллаҳона маҳсуб меёбад.

Дар марҳилаи ибтидоии ташкили Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи вазифаи Вазири мудофиаи кишварро полковник (баъдан генерал–майор) Қараев А. ба уҳда дошт [2]. Дар тобеияти он қисмҳои ҳарбии дар мамлакат ҷойгиршуда, комиссариатҳои ҳарбӣ, ситоду идораҳо ва гурӯҳҳои ташкилкардашудаи шаҳрвандӣ, кафедраҳои ҳарбии Донишгоҳҳо, мақомоти ҳарбӣ–ҳуқуқӣ, қисмҳои таъминот ва хизматрасонӣ дохил мешуданд. Баъди чанде тибқи фармони

Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (18–уми январи соли 1993) Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (полковник) Шишляников В.А. таъин гардид, ки таъсису ташаккул ба матраҳу мураттаб сохтани нахустин раёсатҳо, ҷузъу томҳои ҳарбӣ бо дили гарму иродаи қавӣ шуруъ кард.

Бо таъсиси Артиши миллӣ, пурзур кардани дифои сарҳади давлатӣ низ яке аз вазифаҳои дар мадди аввал гузоштаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Набудани назорати сарҳади давлатӣ барои гурӯҳҳои ҷиноӣ шароит фароҳам менамуд, ки бо тамоми муҳимоти ҷангӣ ва тахрибкорӣ бемамониат мусаллаҳ шаванд. Бо мақсади муҳофизати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии амали бадхоҳонаи гурӯҳҳои мухталиф ба муқобили сохти консти–тутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд: «Раёсат оид ба муҳофизати сарҳади давлатии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шумораи 79 нафар ташкил карда шавад» [61, с.2].

Дар ин давра иншоотҳои техникии дар сарҳад буда валангор мешуданд. Шумораи вайронкунандагони хати сарҳад аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва аз Афғонистон ба Тоҷикистон торафт зиёд мешуд. Дар ҳамон шабу рӯз аз рӯйи вазъи мавҷуда, сарҳадбонони Россия ба танҳоӣ ҳимояи сарҳадро пурра уҳда карда наметавонистанд. Мухолифин ҳаракат мекарданд, ки ташабуси ҳарбӣ–сиёсиро ба даст гирифта, ба амалиёти васеи муҳорибавии равонашуда барои фароҳам овардани шароитҳо баҳри ба даст овардани ҳокимият ва интиқом гирифтан оғоз намоянд.

Ин ҳолат дар назди Ҳукумати Тоҷикистон проблемаи нав-яъне мустаҳкам кардани сарҳади давлатиро гузошт. Аввалин санаде, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти сарҳад бахшида шуд, қарори Раёсати Шурои Олӣ аз 18–уми декабри соли 1992 таҳти №981 оид ба ҳалли мушкилоти сарҳад ба имзо расид. Минбаъд қарори мазкур дар рушди соҳа заминаи

бунёдӣ гузошт. Тибқи қарори мазкур дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби аъзоёни ҷабҳаи халқӣ иборат аз 1200 нафар низомиёни бригадаи махсуси марзбонон ташкил карда шуд. Сохтори ин бригада тибқи Фармони раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ полковник Зуҳуров Сайдамир дар шаҳри Душанбе тасдиқ карда шуд. Қобили зикр аст, ки: «Бригада яке аз аввалин воҳидҳои ҳарбӣ буд, ки дар марҳилаи аввали ташкили Артиши миллӣ таъсис ёфт. Роҳбари нахустини ин сохтори низомии бригадаи мазкур сардори шуъбаи контразведкаи Раёсати Кумитаи қӯшунҳои сарҳадии амнияти миллӣ дар вилояти Кӯлоб полковник Сафаралӣ Сайфуллоев таъин шуд». «Бригадаи таъиноти махсус» аз 4 гурӯҳи зудамал иборат буд. Гурӯҳҳои зудамал дар чаҳор ноҳияи вилояти навтаъсиси Хатлон, Шаҳритӯс, Қумсангир, Фархор ва Ш. Шоҳин фаъолият менамуданд [84, с.62].

Барои ташаккул додани Артиши миллӣ зарур буд, ки заминаҳои ҳуқуқии он муайян карда шаванд. Дар марҳила аввал асоси фаъолияти Қуввахои Мусаллаҳи ҷумҳуриро низомномаҳои умумиҳарбӣ, унвонҳои ҳарбӣ ва принсипҳои нигоҳдории Артиши Шуравӣ ташкил медоданд. Моҳияти фаъолияти Қуввахои Мусаллаҳро фармонҳои дурусту оқилонаву оҷилона ва иҷрои ҳатмию саривақтии онҳо ташкил медиҳад. Ҷузъу томҳо, қисмҳои низомӣ, роҳбарияти сохторҳои Қуввахои Мусаллаҳ, доираи амалу таъиноти ҳар яки онҳоро мебоист тибқи муқарророти низомӣ муайян сохт.

Аз рӯзҳои аввали таъсиси Қуввахои Мусаллаҳ Сарвари давлат, муҳтарам Эмамалӣ Раҳмон новобаста аз имконоти ниҳоят маҳдуди иқтисодӣ–молиявӣ ба сохтмону бунёди инфрасохтори низомӣ, таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда ва таъмини онҳо бо техникаву таҷҳизот ва пурра намудани онҳо бо ҳайати шахсӣ эътибори ҷиддӣ медоданд.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории пайвастаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он боис гардид, ки барои расидан ба марҳилаи баъди (дуюм) якчанд вазифаҳо гузошта шавад:

- тақвияти заминаҳои моддию техникии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ;
- таъмини ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бо аслиҳа, техникаи ҷангӣ ва дигар васоити техникии муосир;
- омода намудани кадрҳои фармондеҳии касбӣ;
- ҷоннок намудани ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо созмонҳо ва кишварҳои мутараққии ҷаҳон.

Марҳилаи дуюми ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1993 то моҳи июни соли 1997 идома ёфт, ки дар ин марҳила ҳудуди кишвари моро низоъҳои мусаллаҳонаи васеъмиқёс фаро гирифа буд. Сарфи назар аз нофармонии баъзе аз гурӯҳҳои тундрав доир ба барпо намудани ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ гомҳои устувор гузошта шуд.

2-юми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири мудофиаи Федератсияи Россия П.С. Грачёв мулоқот намуд.

Зимни мулоқот Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири мудофиаи Федератсияи Россия, масоили марбут ба ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳарбӣ, ҳарбию техникии Тоҷикистону Россияро баррасӣ намуданд. Грачёв П.С. қайд намуд: «дар назди ҳайати вакилони ҳамроҳи ӯ омада се вазифаи асосӣ қарор дорад: якум, масъалаи ҳузури минбаъдаи дивизияи 201–уми Россия дар қаламрави Тоҷикистон ва мулоқот бо ҳайати фармондеҳии ҳамаи воҳидҳои он;

дуюм, муҳокимаи барпо намудани низоми ягонаи мудофиаи зиддиҳавоӣ дар доираи низоми Аҳдномаи Амнияти Дастамъӣ;

сеюм, барасии имкониятҳои кӯмак ба таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [54, с.121].

Баъд аз анҷоми мулоқот 4-уми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамроҳии Вазири мудофиаи Федератсияи Россия аз қисми низомии дивизияи 201–ум дидан карданд, ҳамчунин Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон фармонро «Дар бораи Рӯзи ташкилёбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» имзо намуд.

17–уми феврал Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи савганди низомӣ»–ро имзо кард [3], ки аҳаммияти он барои дар чаҳорчӯбаи қонун гузоштани фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ва муайян намудани вазифа ва масъулияти онҳо дар ҷараёни хизмати ҳарбӣ бағоят бузург аст. Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳ масоили марбут ба интизоми ҳарбии дохилии қӯшунҳо, иҷрои қатъии оинномаҳои танзимкунандаи ҳаёти ҳарбӣ, нигоҳдорӣ ва риояи қатъии муносибат бо яроқу аслиҳаи ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ ва дигар лавозимоту амволи махсус диққати мақомоти роҳбарии сохторҳои низомиро ҷалб намуда, иҷрои қатъии масъалаҳои болозикрро талаб менамуданд.

Нарасидани низомиёни касбӣ дар ин давра эҳсос мешуд. Барои ҳалли қазияи мазкур мебоист тадбирҳои фаврӣ андешид.

22–юми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи додани рутбаи навбатии ҳарбии генерал–майор ба Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Шишлянников А.В. ва ба раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Зуҳуров Сайдамир додани рутбаи генерал–майор»–ро имзо намуд [101, с.61].

Мутобиқи фармони Раиси Шурои Олӣ рӯзи 23–юми феврал Рӯзи Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида, бахшида ба он дар шароити мураккаби сиёсӣ ва бӯҳрони шадиди иқтисодӣ гузаронидани паради ҳарбӣ ба нақша гирифта шуд. Дар ин гузашти низомӣ 5 ҳазор нафар аз ҳайати шахсии ҷузъу томҳои гарнизони пойтахт–шаҳри Душанбе иштирок намуданд. [99, с.11]. Ҳамчунин, беш аз 20 маҷмуи мушакҳои мудофиаи зиддиҳавоии С-75 ва С-125, миқдори зиёди танку тӯп, авиатсияи ҷангӣ ва дигар техникаи ҳарбӣ иштирок намуданд [198].

Боиси хушнудист, ки нахустин намоишу роҳпаймоии низомии Артиши миллии Тоҷикистон рӯзи 23–юми феврали соли 1993 хотирмону фаромушнашаванда сурат гирифт. Мардуми кишвар ҳам баъди тамошои намоиш эътимодашон ба амну осоиш ва устувории давлату ҳукумат афзуд. Нависандаи рус Сорокин А. он рӯзро ба ёд оварда қайд намудааст: «Имрӯз мардум ба сӯйи майдони Озодӣ ҳаракат мекарданд. Онҳо, ки аз гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ монда шуда буданд, ба маркази шаҳр бинобар чорабиниҳо баҳри барпо намудани Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ омаданд.

Новобаста аз рӯзи корӣ, майдон пур аз одамон шуд. Дар маросими тантанавӣ Раиси Шурои Олӣ, Раиси Ҷабҳаи Халқӣ, аъзои парламент, ҳукумат ва намояндаи Созмони Милали Мутаҳид иштирок доштанд.

Имрӯз дар майдони марказии шаҳри Душанбе намоиши якуми артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин рӯз ҳамчун рӯзи барпо намудани Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи кишвари мо сабт мегардад. Дар ин рӯз нахустин ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллахи Тоҷикистон дар майдони марказии пойтахт паради ҳарбӣ ороста аз маҳорати касбӣ-ҳарбии худ дарак доданд» [139, с.288].

Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 23–юми июни соли 1993 таҳти № 296–13 қарореро ба тасвиб расонид, ки сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян сохт. Ҳамчунин,

зимни ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи кишвар тасдиқ гардид. Маҷмуаи якуми Қонунҳои қабулгардида: «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи мақомҳо, кафолатҳо, ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо», «Қонун дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

23–юми июни соли 1993 мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати омодагии ҷангӣ ва тайёрии ҳарбӣ ташкил ёфта, сипас соли 1997 номи Раёсати омодагии ҷангиро гирифт. Маҳз ташаббусҳои Раёсати омодагии ҷангӣ ба он боис гардид, ки омоданамоии курсҳои кӯтоҳмуддати афсарон ташкил ёфта, дар муддати кӯтоҳ Қувваҳои Мусаллаҳ ба кадрҳои ихтисосманд таъмин мегардид.

Аз солҳои нахустини касби истиқлоли давлатӣ ва замони ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон масъалаи суботи марзу буми давлатӣ, баргардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсӣ ва инсондӯстона пеш гирифта буданд.

Ҳамин масъулият ва андешаи волою мақсади наҷиби ӯ буд, ки новобаста аз вазъи ногувори сиёсӣ 28–уми августи соли 1993 ба хотири наҷоти ҳамватанон ба ҶИА сафари расмӣ анҷом диҳад. Вазъи ногувори Афғонистон ҳамоно мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошт. Инро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хуби дарк мекард. Вале барои ӯ сарнавишти мамлакат, тақдири ҳазорон гурезагони тоҷик, ҳамчунин озод намудани асирони русу қазоқ (як афсари баталони Қазоқистон ва 4 сарбози рус), ки моҳи майи ҳамон сол гурӯҳе аз силоҳбадастон аз наздикии деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаихуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба тариқи ғайриқонунӣ аз сарҳад убур намуда, бо худ бурда буданд ва ҷони ҷавони худро дар хатар

гузошта, ба ҶИА сафар намуданд. Дар фурудгоҳи шаҳри Кобул ҳайати воломақоми ҶИА, ходимони давлатию динӣ, дипломатҳо ва хабарнигорони дохилию хориҷӣ ба фурудгоҳ омада буданд.

Ҳамон рӯз гуфтушуниди расмии ҳайати Тоҷикистону Афғонистон оғоз гардида, Президенти ҶИА Бурҳониддин Рабонӣ изҳор намуданд, ки ин боздид барои миллати афғон ҷашн аст. Сарҳадҳои мо бояд сарҳади сулҳу дӯстӣ гарданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни вохӯрӣ ҳалли ҳарчи зудтари масоили зеринро матраҳ намуданд:

аввал, баргардонидани гурезагони иҷборӣ;

дуюм, озод намудани 5 асири гаравгоншудаи нерӯҳои марзбонии Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳпарвари давлатҳои узви ИДМ, ки дар хоки Афғонистон буданд;

сеюм, таъмини дурнамои амнияти марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИА ба шумор мерафт.

Бояд гуфт ки «30–юми августи соли 1993 баёнияи муштараки сарони давлатҳои Тоҷикистону Афғонистон ба имзо расид, ки дар он самтҳои асосии ҳамкории ҳарду кишвар дар ҳалли масъалаҳои гурезагон, ба эътидол овардани вазъи сарҳад ва дурнамои рушди муносибатҳо муайян гардид. Ҳамчунин дар таърихи ин рӯз бо талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 нафар марзбони дар асоратбуда озод гардида, ба ватан баргардонида шуданд. Ҳамзамон дар ҳошияи сафари худ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои ба ватан баргардонидани гурезагони иҷбории тоҷик, дурнамои амнияти марзи давлатӣ низ заминаи мусоид фароҳам гардид» [73, с.2].

Дар рафти бунёди нахустин раёсату қисмҳои низомӣ ва ҷузъ томҳои ҳарбӣ зарурати ворид кардани қарори мазкур ба миён омад. Зеро таърих ва масири ҳаёт, ки худ довари якрӯст, ҳалли қазияву муаммоҳои зиёдеро пеши мо ғайриинтизор мегузорад. Ин буд, ки Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо аз сари нав мавриди баррасӣ қарор дода, сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо

Қарори № 440–9 тасдиқ намуд. Тибқи санади мазкур 26–уми августи соли 1994 сохтори роҳбарият, Дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бознигарӣ ва Сарситоди Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар мушаххас муайян карда шуда, тасдиқ гардид. Ҳамзамон, батадриҷ мақомоти хадамот, раёсату шуъбаҳои роҳбарикунандаи Артиши миллии Тоҷикистон таъсис гардида, ташаккул меёфт. Ҳар як ташкилоти идории Қуввaҳои Мусаллаҳ аз рӯйи муқаррароти касбии низомӣ дар доираи махсусе фаъолият менамуд ва ҳамзамон ҷузъи таркибии як сохтори маҷмӯи ба ҳисоб мерафт.

Қабули Конститутсия ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат дигаргуниҳои куллиро суръат бахшида, ба рушди Қуввaҳои Мусаллаҳ низ таъсири амиқ гузошт. Тибқи моддаи 43–юми Конститутстсия: «ҳифзи ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими қонуният, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи ҳар як шаҳрванд» эълон гардид.

Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва бо истифода аз ваколатҳои хеш дар як муддати кутоҳ дар роҳи танзими вазъи сиёсию иҷтимоӣ иқдомҳои зиёде анҷом дод, ки муҳимтарин дар ин қатор фармонҳои Президенти мамлакат аз таърихи 2–юми декабри соли 1994, №2 «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири минбаъд беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз таърихи 21–уми декабри соли 1994 мебошанд» [82, с.26].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо посдорӣ ба хизмати таърихии фарзандони содиқу далери Ватан дар ҳалли мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар пайваста диққати махсус зоҳир намуда, иброз медоранд, ки ҳифзи Ватан ва ҳимояи ҳаёти осоиштаи мардум дар ҳар давру замон вазифаи пуршараф ба ҳисоб меравад. Сарвари давлат аз вазъи манфию хатарборе, ки

ҷаҳони муосирро таҳти таъсир қарор додааст, ҳисси ватандӯстӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагию фидокориро талаб менамоянд.

Маҳз бо ташаббуси созандагию бунёдкории Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, моҳи январи соли 1995 дастаи таъйиноти махсуси Вазорати корҳои дохилӣ (5–уми декабри соли 1992 таъсис ёфта буд) ба Гвардияи Президентӣ табдил дода шуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (4.11.1995, № 207) дорои аҳаммияти ниҳоят калон гардид, зеро дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон бори аввал асосҳои ҳуқуқии фаъолияти воҳиди ҳарбии таъиноти махсус гузошта шуд, ки вазифаи асосиаш таъмини муҳофизат ва амнияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқии ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда, муҳофизат ва мудофиаи иншоотҳои махсусан муҳими давлатӣ бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирок дар мудофиаи граждани ва ҳудудии Тоҷикистон мебошад. Қобили зикр аст, ки Гвардияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо матонату садоқат ва бо омодагии комили ҳарбии ҳайати афсариву шахсиаш дар сафи пеши сохторҳо ва воҳидҳои ҳарбии Тоҷикистон қадам мезанад. Гвардияи Президентӣ дар тӯли мавҷудияти худ борҳо дар пуртаҳлукатарин рӯзҳо бо душманони давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мубориза бурда, дар пирӯзии умумии нерӯҳои давлатӣ саҳми арзанда гузоштааст [81, с.193]. Ин ниҳоди пурқудрат дар несту нобуд кардани душманони дохилӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла дар маҳви гурӯҳи Худойбердиев М. (ш. Чкаловск) ва марзи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ноҳияи Турсунзода бо гурӯҳҳои террористӣ садҳо тан афсарону сарбозони худро қурбон намуда, дар ҳифзи ҳокимияти конститутсионии Тоҷикистон нақши бориз гузоштанд. 26–уми январи соли 2004 Гвардияи Президентӣ ба Гвардияи миллӣ табдил дода шуд. Дар маросими савгандёдкунии Президент 18 ноябри соли 2006 Гвардия шарафи муаррифии рамзҳои давлатии Тоҷикистонро соҳиб гардид.

Солҳои 1995–1996 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи бунёди марҳила ба марҳилаи Қуввахои Мусаллаҳи кишвар таҳия гардид. Яъне то охири соли 1995, ки Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ дар ташкилкунии мақомоти маъмурӣ, кисмҳо ва ҷузъу томҳо корҳои зиёдеро анҷом дода буданд ва сохтори таркибии Қуввахои Мусаллаҳ вобаста ба имконоти мавҷуда асосан аз баталонҳо ва бригадаҳои алоҳидаи навъҳои қӯшунҳо ва гурӯҳҳои чархболӣ иборат буд, роҳбарияти Вазорати мудофиа дар садади он қарор гирифт, ки самтҳои асосии сохтмони ҳарбиро дар асоси илмӣ муайян созад ва онро амалӣ гардонад. Бо ин мақсад дар соли 1995 аз ҷониби роҳбарияти Вазорати мудофиа дар асоси илмӣ нақшаи марҳилавии сохтмони муназзами Қуввахои Мусаллаҳ таҳия гардид, ки он ду марҳилаи инкишофро (солҳои 1995–1997 ва 1998–2000) дар бар гирифта, ба таъсиси Артиши миллӣ пояи асосноки илмӣ гузошт:

Марҳилаи якум (солҳои 1995–1997)–таҳия ва тасдиқ намудани сох–торҳои ташкилию штатии мақомоти идорӣ, воҳидҳои бузург ва ҷузъу томҳо вобаста ба шумораи барои Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, муайян намудани самтҳои асосии сохтмони ҳарбӣ, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур сарчашма мегирад, ҷойгиркунии қисмҳои ҳарбӣ мувофиқи таъиноти онҳо ва ташкил кардани низоми ба танзимдаровардашудаи идораи қӯшунҳо;

Марҳилаи дуввум (солҳои 1998–2000)–ба анҷом расонидани сохт–мони Қуввахои Мусаллаҳ, муайян намудани самтҳои инкишофи мин–баъдаи он, ташкил кардани низоми устувори идоракунии нерӯҳои мусаллаҳ дар фаъолияти ҳамарӯза ва дар шароити вазъияти фавқулодда, таъмини вусъатдиҳии таъҷилии онҳо дар замони таҳдидкунанда ба амнияти ҷумҳурӣ дар асоси Нақшаи сафарбаркунӣ гузаштани мамлакат аз ҳолати замони осоиштагӣ ба ҳолати замони ҷанг.

Марҳилаи сеюми ташаккули қӯшунҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ миёни намояндагони ҳукумат ва ИНОТ (1997) оғоз ёфт.

Дар ин марҳила давраи хотимавии бунёди ҷузъу томҳои Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом пазируфт. Ба ҳайати таркибии Артиши миллӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар ин марҳила таъйини аввалин хатмкардагони Коллеҷи ҳарбӣ ба вазифаҳои гуногун дар Қуввaҳои Мусаллаҳ, густариши ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо давлатҳои шарик дар мисоли Федератсияи Россия дар бахши таъминоти кадрии афсарӣ ба вуқуъ пайваст.

Ворид кардани собиқ гурӯҳҳои силоҳбадасти иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ҳайати ҷузъу томҳои гуногуни сохторҳои қудратӣ низ яке аз масоили бисёр ҳасос маҳсуб меёфт. Бо фармони махсуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз буҷети давлат зиёда аз 700 миллион рубл ҷудо карда шуда буд. Ин раванд мураккабиҳои зиёдеро дар худ дошт, ки бартараф кардани онҳо кори басо сангин буд ки «танҳо барои дар қароргоҳҳои муваққатии дар ҳудуди 10 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ омодакардаи ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷойгир намудани зиёда аз 10 ҳазор силоҳбадастони собиқ мухолифин, аз ҷумла зиёда аз 500 нафар размандагони аз ҳудуди Ҷумҳурии исломии Афғонистон интиқол додашуда, барӯйхатгирӣ ва аз муоинаи тиббӣ гузаронидану аттестатсиякунонӣ ва ба ҷузъу томҳои Артиши миллӣ ба таври бевосита ворид намудани онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор бароварда» [92, с.160]. Ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратӣ аз ҳисоби воҳидҳои мусаллаҳи иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки аз бақайдгирии аттестатсия гузаштаанд, ҷузъу томҳои дахлдори муваққатии Қуввaҳои Мусаллаҳ ва дигар воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намоянд [20, с.2].

Сарвари давлат дар пайи ташаббусҳои инсонпарваронаи хеш ҳамчун шахсияти сиёсӣ ва давлатдори қодир барои раҳо намудани ҷомеа

аз буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ даст ба иқдомҳои бузургу ҷасурона зада, баъди имзои Созишномаи ризоияти миллӣ ба ҳайати ҷузъу томҳои нерӯҳои марзбонии кишвар намояндагони собиқ иттиҳоди мухолифин низ ворид карда шуданд. Тибқи иттилои собиқ фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ Камолов Сайданвар «бо сабаби дахолати гурӯҳҳои гуногуни сарҳадшикан, ки омили ташвишу нооромӣ мегардид, намояндагони мусаллаҳи собиқ иттиҳоди мухолифини тоҷик ба марзи ҷумҳурӣ, ба қӯшунҳои дар маҳалҳои марзӣ ҷобаҷокардаи Қӯшунҳои сарҳадӣ низ ворид карда шуданд. Ногузирии сулҳу суботи кишварро яке аз аввалин шуда, кормандони мақомоти амнияти миллӣ дарк карда, нахустин хишти бинои сулҳро ҳанӯз соли 1994 гузошт. Бо таблиғоти кормандони Вазорат силоҳбадастони собиқ мухолифин таҳти сарпарастии фармондеҳ Холбашев Холбаш ба хотири якпорчагии ҷумҳурӣ аз ақидаҳои ифротиашон даст кашида, ба қувваҳои сарҳадии кишварамон шомил шуданд ва дар комендатураи сарҳадии ноҳияи Рӯшон ба фаъолият шурӯъ карданд. Афсарони Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ, ки як ё ду нафарӣ ба ҳайси ҷонишинҳои қумондонҳо таъин шуда буданд, бо сарбаландӣ дар муддати кӯтоҳ аз уҳдаи вазифаи ба душашон вогузоршуда баромаданд ва корро дар байни афсарону сарбозон дуруст ба роҳ монданд. Натиҷаи ин рӯй надодани ягон дасисае дар байни марзбонон мебошад. Ҳама дарк мекарданд, ки ҳар вақаб ва ҳар кафи хоки Ватан муқаддас аст» [84, с.224].

Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ қарзи фарзандии худро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардану таъмини сулҳу субот дар кишвар нақши арзанда гузоштанд.

Нооромиҳо дар марзи давлатӣ, вусъати ҷиноятҳо ва тахрибкориҳои муташаккилона беш аз пеш густариш ёфта, аз вазъи мавҷуда роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро

тақозо менамуд, ки ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ куллан бознигарӣ намоянд.

18–уми ноябри соли 1998 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Барномаи СММ оид ба назорат аз болои маводи нашъадор ҳамкориҳоро ба роҳ монда, 1 миллиону 400 ҳазор доллари амрикоӣ барои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид. Маблағи ҷудогардида барои таъмини таҷҳизот ва омоданамоии кадрҳои соҳибихтисос таъмин намудани сохторҳои зидди маводи нашъаҷаллоб сарф гардид [11, с.9]. Танҳо соли 1998 30 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварамон дар кишварҳои тараққикарда аз такмили ихтисос гузаштанд. Дар натиҷаи тадбирҳои судманд сохтори Қуввахои Мусаллаҳ пуриқтидор гардида, соли 2000 дар натиҷаи амалиёти муштарак беш аз 7 тонна ва соли 2001–ум 700 килограмм маводи нашъадор мусодира гардид [10, с.563].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қуввахои Мусаллаҳро ҳамчун кафили асосии бақои истиқлолияти давлат тавсиф намуда, барои ҳозирин хотиррасон намуд, ки раванди ташаккули артиш дар Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мушкил оғоз ёфт. Ӯ ҳангоми суханрониҳои хеш ба як нуқтаи муҳим ишора менамояд: «Ҳаминро тазаккур додан кофист, ки бар хилофи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва умуман кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба мо лозим омад, ки корро дар ҷойи холӣ оғоз намоем. Дар сурате, ки баъзе ҷумҳуриҳо дорои округҳои томи ҳарбӣ шуданд ва қисмҳои муҷаҳҳазро ба мерос гирифтанд, ба Тоҷикистон, ки гирифтори ҷанг буд, чизе нарасид. Аммо сарфи назар аз хама мушкилот мо имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки Артиши миллии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Он ба дараҷаи кофӣ қудрат дорад, ки мамлакатро аз ҳама гуна қасди бади душманони дохиливу хориҷӣ муҳофизат намояд».

Ин изҳороти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як хизматчии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар аз ҷиҳати зерин аҳаммияти амиқи идеологӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва стратегӣ дорад:

1. Ташаккули эҳсоси ифтихор ва беназирии роҳи таърихии тайнамудаи Қуввaҳои Мусаллаҳ, ки бе тачҳизот, ҳайати кадрии соҳибтахассус ё таъминоти моддӣ амалан дар ҷойи холӣ ба вуҷуд омада, як дастоварди беназир маҳсуб меёбад, ки бо заҳмату талошҳои бузург ба даст омадааст;

2. Мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла марзи тӯлонӣ ва мураккаби он бо Афғонистон ва хатари терроризму экстремизм) ҳамчун ёдраскунии доимии воқеияти таҳдидҳо хизмат мекунад. Барои ҳар як хизматчии ҳарбӣ хотиррасон мекунад, ки ҷаҳони муосир ҳар лаҳза дар ҳоли тағйир буда, муҳофизати якпорчагии кишвар комилан бар дӯши онҳост;

3. Афзоиши масъулияти шахсӣ ва пайвастагии байни наслҳо. Вақте ки Сарвари давлат таъкид мекунад, ки Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвари мо «дар шароити душвор аз сифр» таъсис ёфтааст, ӯ ба арзишҳои соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият ишора мекунад.

Барои Қуввaҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ин изҳорот ҳамзамон эътирофи хизматҳои онҳо ва вазифаи муқаддаси онҳост. Шароити таърихии «аз сифр ташкил ёфтани Қуввaҳои Мусаллаҳ» ба ҳар як шаҳрванди кишвар арзиши сулҳу суботро хотиррасон намуда, водор мекунад, ки дар ҳар лаҳза барои дифоъ аз кишвари худ ба меъёрҳои баланди размӣ омода бошем.

Бо иҷрои рисолати ватандӯстии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ташаккул ёфта, ба ғайр аз се шакли қӯшун дар оянда боз ба ташкили воҳидҳои алоҳида имкон фароҳам омад.

Бояд қайд намуд, ки «дар ташаккул ва рушди Қуввaҳои Мусаллаҳ собиқ Вазирони Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор Шишлянников А.В., генерал-полковник Шералӣ Хайрулло, собиқ

муовинони Вазири мудофиа генерал–майор Чубаров А.С., генерал-майори мустаъфӣ Шералиев Н.Ш., Ҳабибов А.Ҳ., Файзиев Л., Турдиев Т., генерал-майори авиатсия Грудина В., генерал-лейтенант Адҳамов Ғ., полковникҳо Раҷабов Р., Раҳимов Ф., Ҳаётов Н. ва ғайра саҳми арзанда гузоштанд. Дар кори ташкили Вазорати мудофиа генерал-лейтенантҳо Р. Раҳмоналӣ, Ш. Мирзо, генерал-майорҳо Т. Тошмуҳаммедов, А.Н. Қаюмов, Н. Тоҳиров, Ш. Саидамиров, Ю. Муродов, Ҳ. Одинаев, А. Ҷалолов ва полковникҳо Б. А. Муминҷонов, М. Нозилов, М. Ризоев, Д. Дилдорбеков, В. Раҳматов, М. Додобоев, С. Саидакрамов, Л.Г. Маъруфӣ, Б. Шукуров ва дигарон саҳми назаррас доранд» [77, с.34].

Минбаъд дар Қувваҳои Мусаллаҳ марҳалаҳои ҳам созандагӣ ва ҳам размандагӣ баробар давом мекард. Артиши ҷавони Тоҷикистон дар набардҳои ҷанги дохилӣ иштирок карда, қарзи худро дар роҳи ҳифзи амнияту осоиши Ватан иҷро намуд. Дар шароити ниҳоят вазнини иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёс, дохилӣ ва минтақавӣ Артиши миллии ҷавони Тоҷикистон асосҳои ҳарбии худро бунёд гузошта, сохтори қавии мудофиавии мамлакатро барпо намуд.

Ташаббускори эҷоди пояи ҳуқуқию меъёрии Артиши миллӣ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад, ки дар яке аз суханрониҳояшон қайд карданд: «Мо Доктрини ҳарбӣ ва маҷмӯи қонунҳои ҳарбиро қабул кардем, ки ҳам тадбирҳои пешгирии ҷанг ва ҳам роҳҳои ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ҷумҳуриро пешбинӣ мекунанд. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан хусусияти мудофиавӣ дорад. Дар баробари ин, мо доктринаҳои давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ҳисоб мегирем ва ҳамкорӣ бо онҳоро дар ҳалли вазифаҳои муштарак дар назар дорем. Бо вуҷуди ин, вазъият дар масъалаҳои ҳарбӣ ҳар гуна бошад ҳам, танҳо усулҳои сиёсӣ, ки мувозинати манфиати давлатҳоро ба эътибор мегиранд, роҳи муфиди ҳалли мушкилоти байналмилалӣ ва танзими низоъҳо мебошанд» [156, с.154].

Зикри ин нуқта муҳим аст, ки таҳия ва қабули чунин ҳуҷҷатҳои муҳиме чун «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тақозои марҳилаи сифатан нав дар бунёд ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини боэътимоди якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

«Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳо ва принсипҳои он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз таърихи 4–уми ноябри соли 1995, №208 дарҷ гардидааст, дар моҳияташ сулҳҷӯёна буда, аз рӯйи усули басандагии мудофиа дар сохтмони Қуввахои Мусаллаҳ амал карда, ба он асос меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанг ё истифодаи қувваи ҳарбиро чун воситаи ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ эътироф намекунад;

- дорои силоҳи ҳастаи нест ва кӯшиши истеҳсол кардану ба даст овардани чунин силоҳ ва ё истифодаи онро аз ҳудуди худ надорад;

- ба ягон давлат даъвои арзӣ надорад ва дар симои ягон халқ душманро намебинад;

- ҳеҷ гоҳ аввалин шуда ба муқобили ҳеҷ мамлакате амалиёти ҷангиро сар намекунад, агар худи вай ҳадафи таҷовуз қарор нагирад;

- муҳофизати сулҳ ва амнияти байналхалқиро чун кафолати пойдории аҳли башар эътироф менамояд» [16, с.4].

Барои тарбияи маънавии ҳайати шахсии Қуввахои Мусаллаҳ ва дар мафкураи онҳо ташаккул додани принсипҳои олии ахлоқӣ ва ақидаҳои башардустӣ қабул намудани «Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки маҷмуи муназзами ақидаву назария ва арзишу меъёрҳо маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи **таҳлили зербоби** мазкур, чунин хулосабардорӣ кардан мумкин аст:

Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар таъсис ва рушди Қуввахои Мусаллаҳи кишвар бисёр бориз аст. Дар давраи фоҷиабортарини таърихи муосири Тоҷикистон ба уҳда

гирифтани роҳбарии давлат тавонист, ки бо вуҷуди норасоии захираҳои моддӣ–техникӣ Қуввaҳои Мусаллаҳро аз сифр бунёд кунад, ки дар натиҷа чунин заҳмат ва фаъолиятҳои ӯро дар самтҳои зерин метавон арзёбӣ намуд:

- таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳ дар соли 1993 воситаи асосии ҳифзи истиқлол, барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ гардид;

- таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорчӯбаи муассири қонунгузорӣ эҷод карда шуд, сохтори возеҳи фармондеҳии қӯшунҳо таъсис дода шуда, омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ҳам дар муассисаҳои таълимии ҳарбии дохил ва хориҷ ба низом дароварда шуд;

- бо шарофати таваҷҷуҳи доимии Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳ Артиши миллӣ ба як нерӯи аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз ва бо интизоми баланд табдил ёфта, қодир аст ба таҳдиду хатарҳои муосир (терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир) посухи муносиб диҳад;

- Қуввaҳои Мусаллаҳ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, натанҳо ҳамчун садди боэътимоди ҳифзу буми кишвар гардид, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун омили муҳими амниятӣ шуд.

Дар маҷмуъ, Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолият буда, дар ташаккул ва рушди ин институти давлатӣ нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург арзёбӣ мегардад ва маҳз бо сиёсати дурандешонаи ӯ Қуввaҳои Мусаллаҳ ба як низоми муайян табдил ёфта, ба давлати ҷавони Тоҷикистон сипари боэътимод ва барои насли ҷавон аркони мустаҳками мактаби ватандӯстӣ гашт.

Хулоса ба боби якум.

Боби якуми диссертатсияро ҷамбаст намуда, метавон хулоса намуд, ки омили ташкилёбӣ ва ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии

Тоҷикистон назар ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тақсими мероси ҳарбии Иттиҳоди Шуравӣ ҳеҷ гуна пойгоҳи моддию техникӣ ва қисмҳои низомиро соҳиб нагардид. Ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар «ҷойи холӣ» ва дар шароити буҳрони шадиди ҷанги шаҳрвандӣ ташкил ёфта, он на танҳо як падидаи расмии давлатдорӣ, балки омили таъмини амният, пешгирӣ аз парокандагии миллат ва шарти ҳаётан зарурии соҳибихтиёрии давлати навтаъсиси Тоҷикистон гардид.

Дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихӣ ва сарнавиштсоз аст. Ӯ дар шароите, ки сохтори давлатӣ фалаҷ гардида буд, бо иродаи сиёсии хеш тавонист парокандагии сиёсию низомии кишварро бартараф карда, сиёсати сулҳпарваронаи сиёсӣ ва ягонаи мудофиавии кишварро ба роҳ монад. Маҳз заминаи омодасозӣ ва таълиму тарбияи кадрҳои ҳарбӣ гузошта шуд, ки ин вобастагии кадрии Артиши миллиро ба таври назаррас коҳиш дод. Ҳамчунин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарии оқилонаи худ тавонист, ки Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз як сохтори камиқтидори ибтидоӣ ба як нерӯи муҷҳаҳаз бо техникаи муосири ҳарбӣ ва муқтадир табдил диҳад.

Раванди ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки истиқлоли давлатӣ ва ташаккули артиш ду мафҳуми ба ҳам тавъам ва ҷудонопазиранд. Маҳз ба шарофати сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки Артиши миллии худро ташкил намуда, соҳиби сипари боэътимод ва барои насли ҷавон–омили ташаккули ҳисси ватандӯстию худогоҳии миллӣ гардад.

БОБИ II. ТАКМИЛИ СОХТОРИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ОНҲО ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1993 – 2021)

2.1.Ташкилёбии Қӯшунҳои хушкигард ва марҳилаҳои ташаккули он

Ҷаҳони муосир бо таҳаввулоти босуръат аз ҷумла, мураккабшавии вазъи геополитикӣ дар минтақа ва ҷаҳон, ҳамчунин, шаклгирии таҳдиду хатарҳои нав тақозо мекунад, ки ҳар як давлат дорои артиши пуркудрат ва муташаккил бошад. Бинобар ин зарурати ташкили ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ имкон медиҳад, ки принсипҳои нигоҳ доштани омодагии ҷангӣ ва вокуниш ба буҳронҳои ногаҳонӣ, мубориза бо истифодаи дақиқи силоҳ, вокуниши фаврӣ ба вазъияти ба амаломада, тавассути амалҳои муштараки ҷузъу томҳои артиш бо муваффақият ба даст оварда шавад.

Ба рушди пайдарпай ва мақсаднок дар дурнамои миёнамӯҳлат бо ташаббуси асосгузори Артиши миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки дар ҳайати Артиши миллӣ се навъи қӯшун: Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, инчунин Қӯшунҳои зудамал ташкил намоянд.

Раёсати Қӯшунҳои хушкигард «23–юми июни соли 1993 таҳти рақами № 269–13 дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз сершумортарин навъи қӯшун–Шоҳсутуни Артиши миллӣ бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар тобеияти бевоситаи Вазорати мудофиа ва Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар амал менамуд» [7].

Зарурати таъсис ва рушди Қӯшунҳои хушкигард ҳамчун асоси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи мураккаби релефи ҷуғрофии кишвар ва заминаи таърихии ташаккули давлат пас аз ба даст овардани истиқлолият бармеояд. Қӯшунҳои хушкигард дар ҷараёни ташаккули Артиши миллӣ расман ҳамчун як навъи мустақили қӯшун шакл гирифта, имрӯз дар таъмини амнияти миллӣ нақши калидиро дорад.

Дар идоракунӣ ва рушди ин навъи қӯшун саҳми сардорони сарситоди Вазорати мудофиа, собиқ генералҳо С.Н. Бобоҷонов, З.М. Файзиев, генерал-лейтенант Надиров Р. саҳми арзанда гузоштанд. Аз давраи аввали бунёди Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил намудани раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои низоми марбути он полковник Л. Н. Камишников, полковник Р. С. Уянаев (1993-1994), генерал-майор А.К. Шербатов (1995-1997), генерал-майор С.Н. Бобоҷонов (1997-1998) ва генерал-майор З. М. Файзиев (2000-2001) саҳми калон гузоштанд. Ин афсарони соҳибтаҷриба ҳар кадом дар солҳои сарвариашон дар сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба замони муноқишаҳо рост омада буд бо масъулияти баланд пойдевори Артиши миллиро гузоштанд. 1–уми феврали соли 2007 таҳти № 05 бо Дастури Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ табдил дода шуд.

Дар оғози таъсиси Қӯшунҳои хушкигард аъзои он аз ҳисоби дастаҳои мусаллаҳи тарафдори ҳокимияти конститутсионӣ пурра карда мешуд. Таъмини ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард дар солҳои аввали таъсиси он аз ҳисоби собиқ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳамаи онҳоро «Ҷабҳаи халқӣ» дар худ муттаҳид карда буд, ташаккул ёфт. Барои бадном кардани ҳукумати қонунӣ, резонидани обрӯи он унсурҳои ҳанӯз пурра фошнашудаи сиёҳкор аз номи «Ҷабҳаи халқӣ» ҷиноят содир мекарданд. Чунин амалҳо боиси он гардид, ки 12–уми марти соли 1993 роҳбарияти «Ҷабҳаи халқӣ» ба ҳамаи ҷанговарони ин гурӯҳ барои шуҷоату корнамоиҳояшон миннатдорӣ баён карда, дар изҳорот гуфта буд: «барои ҳарчи зудтар хотима гузоштан ба ин бедодгариҳо, ки аз номи «Ҷабҳаи халқӣ» содир мешаванд, ман ба роҳбарон ва аъзои тамоми ситодҳои «Ҷабҳаи халқӣ» муроҷиат карда хоҳиш менамоям: агар онҳо дар воҳидҳои Кумитаи амнияти миллӣ,

Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа хизматро давом додан хоҳанд, бигзор роҳашонро интихоб намоянд» [78, с.41].

Ҳайати шахсии ҷузъу томҳои савораи тирандоз, танкиву артилерӣ, пиёданизом ба тадриҷ ба ҳайати Қӯшунҳои хушкигард шомил гардида, идора намудани дивизияҳо, полку бригадаҳо ва ротаву баталонҳои алоҳидаи низомии ин навъи қӯшунро зери масъулияти хеш гирифтанд. Қӯшунҳои хушкигард 70 %–и шумораи умумии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд [203].

Ин неруи бузурги Артиши миллӣ бо омодабошии доимии ҷангӣ дар ҳимояи марзу буми кишвар ва дар самти баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат нақши калон мебозад [203].

Маҳз мероси пурғановати санъати ҳарбии ниёгон имкон дод, ки давлати ҷавони Тоҷикистон дар ҷойи амалан холӣ Артиши миллии худро бунёд намуда, фаъолияти мунтазами онҳоро таъмин намояд. Яке аз қисмҳои размии ҳамсоли Қуввахои Мусаллаҳ–Бригадаи алоҳидаи тирандозии ба номи Файзалӣ Саидов 20–уми апрели соли 1993 бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт. Бригада фаъолияти худро аз моҳи феврали соли 1993 оғоз намудааст. Сардори бригада полковник Саидов Ф. 30–юми марти соли 1993 аз тарафи сиёҳкорону бадхоҳони миллат ба шаҳодат расид. Баъди маргаш ба Саидов Файзалӣ 8–уми январи соли 1995 рутбаи генерал–майор дода шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми босазои генерал–майор Саидов Файзалиро баҳри баркароркунии ҳукумати Конститутсионӣ ба назар гирифта, ба қисми низомии 07017 номи ӯ гузошта шуд. Ин қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ намуда, 12–ноябри соли 1997 «Дар бораи ба Бригадаи алоҳидаи тирандозӣ додани номи Ф. Саидов» фармон бароварда.

Моҳи апрели соли 1993 бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон командири бригада Куганов Изатулло таъин гардид. Аммо

ӯ низ аз тарафи душманони аҳриманпешаи миллати тоҷик 13–уми июни соли 1995 ноҷавонмардона ба ҳалокат расонида шуд.

Минбаъд дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои зарурӣ ба таҳкими иқтидори Қӯшунҳои хушкигард бо ташаббуси Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази таълимии Қӯшунҳои хушкигард таъсис дода шуд. Яке аз Марказҳои таълимии бонуфуз ин қисми ҳарбии 08010 Қӯшунҳои хушкигарди Қуввaҳои Мусаллаҳ мебошад, ки таҳти №34 аз 7–уми октябри соли 1993 ташкил ёфтааст. Ин қисми ҳарбӣ ҳар сол садҳо нафар мутахассисони хурдро тайёр намуда, ба ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ мефиристад. Яъне, аз соли 1993 то 1 апрели соли 2012 ба ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ зиёда аз 50 000 нафар мутахассисони хурд, 2000 нафар прапоршикон тайёр карда фиристода шудаанд. Командири нахустини бригада полковник Иаков таъин шуда буд. Ин қисми ҳарбӣ дар баробари тайёр кардани мутахассисони хурд дар амалиётҳои ҷангии дохили кишвар низ иштирок карда буданд. Масалан, 110 нафар хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла 18 нафар афсарон, се нафар хизматчиёни ҳарбӣ ба тариқи қарордод хизматкунанда ва 86 нафар сержантону сарбозон баҳри пойдории сохти конститутсионӣ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ҷони худро нисор карданд [86, с.231].

Дар баробари дастовардҳо дар ташкили қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои хушкигард мувофиқи Директиваи Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 дар ҳайати ин навъи қӯшун Комендатураи ҳарбӣ ташкил карда шуд. Вазифаҳои аввалиндараҷаи комендатураи ҳарбӣ ташкил ва гузаронидани хизмати патрулон ва нозирони Бозрасии ҳарбии автомобилӣ, назорати хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳудуди гарнизон, фирориён, вайронкунандагони интизоми ҳарбӣ, бе иҷозатнома аз ҳудуди қисмҳои низомӣ баромадан мебошад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҷодаи ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳ, аз як тараф бо роҳи ташкил, пуррагардонӣ ва ҷобаҷогузории қисму воҳидҳои ҳарбӣ дар самти муҳими ҳарбӣ–стратегӣ, аз тарафи дигар бо роҳи муҳайё

сохтани шароити мусоид барои сарбаландона ичро намудани вазифаҳо дар ҳама ҳолатҳои фавқулодда таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад. Бинобар ин дар ҳудуди қисми ҳарбии 08030 Қӯшунҳои хушкигард воқеъ дар вилояти Суғд моҳи феврали соли 1995 Госпитали ҳарбии гарнизони Суғд бо иқтидори таҷҳизоти хизматии иборат аз 150 кат ва 183 хизматчӣ ташкил ёфт. Аввалин ташкилкунандагони Госпитали ҳарбии гарнизони Суғд подполковник Боҳирова С.С., подполковник Ҳасанова А.А., капитани хизмати тиббӣ Шарипов Ғ., майори хизмати тиббӣ Расулов ва дигарон барои хизмат ба госпитал даъват шуданд. Командири қисми ҳарбии Госпитал подполковники хизмати тиббӣ Худойдодов Ғайрат Худойдодович таъин гардида буд.

Ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои ҷанги мудҳиши шаҳрвандӣ дар баробари дигар навъҳои қӯшун баҳри амалӣ намудани уҳдадориҳои дар наздашон гузошташуда, бо истифода аз имконоти дар ихтиёрашон қарордошта, қисму воҳидҳои зиёдеро ташкил дода, баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пойдории сулҳу субот бо ҷонисориҳои худ саҳми бузурге гузоштааст.

Соли 1997 Раёсати Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфт ва нахустин фармондеҳи ин навъи Қуввахои Мусаллаҳ шахси дорои собиқаи зиёди хизматию фармондеҳӣ генерал–майор Абдулҳасанов А.А. таъин гардида, ҳамзамон муовини Вазири мудофиа ба ҳисоб мерафт. Генерал–майор Абдулҳасанов Абдуназар (1997–2005) бо кӯмаку дастгирии ҳайати шахсӣ полковник Алибоев Баҳром, полковник Салимов Абдулҳафиз, полковник Ҳамзаев Олим, полковник Урмонов Зокир, полковник Меликов Зайдулло, полковник Ҷураев Музаффар, полковник Маҳмадов Суҳроб, подполковник Шаламов Абдулрозӣ, прапоршик Чӯпонова Асалбегим, старшина Амонимулкова Соро барои рушду такомули ин навъи қӯшун, тарбияи кадрҳои афсарӣ, баланд бардоштани омодагии размӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми ҳарбӣ саҳми босазо гузоштанд [86, с.210].

Моҳи августи соли 1997 дар заминаи баталони 7–уми тирандозии Қӯшунҳои хушкигард бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бригадаи 1–ум таъсис дода шуд.

Қӯшунҳои хушкигард ҳангоми амалиётҳои ҷангӣ баҳри торумори дастаҳои мусаллаҳи хоинони Ватану миллат Худойбердиев М., Сангинов Р. дар минтақаи Хуҷанд (моҳи ноябри соли 1998), ноҳияҳои Кофарниҳону Ленин намунаи олии фидокорию мардонагӣ, далерию шуҷоат нишон доданд. Талошҳои суботкоронаи онҳо буд, ки ҳангоми разм дар дили душманон ларза фиканда онҳоро мағлуб намуданд.

Тибқи иттилои муҳаққиқи тоҷик, собиқдори Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафар Маҳмуд: «гурӯҳҳои ҷиноятккори Раҳмон Сангинов ва Мансур Муаккалов соли 1998 дар ноҳияҳои Ленин, Кофарниҳон ва гирду атрофи шаҳри Душанбе ба ғоратгарӣ, қатли мардуми азияткашидаи бегуноҳ, гаравгонгирию нобуд сохтани сарбозону афсарони ҳукуматӣ даст мезаданд. 30–юми апрели соли 1998 ин гурӯҳҳои ҷиноятккор ба мақсади ба даст овардани яроқу аслиҳаву тир баталони тирандози кӯҳиро, ки дар сарҳади шаҳри Душанбеву ноҳияи Ленин воқеъ буд, ба муҳосира гирифтанд. Командири баталони полковник Лангариев Файзалӣ буд. Ҷанги шадиде миёни ҳайати шахсии баталони тирандози кӯҳӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятккори Сангинов Раҳмон ва Муаккалов Мансур шурӯъ шуд. Сарбозону афсарони қисми низомӣ муқобилияти сахт нишон медоданд. Дар рӯзи сеюми ҷанг тири яроқу аслиҳаи размандагони баталон тамом шуда буд. Ҷиноятккорони симҳои телефони қисми низомиро бурида, алоқаи қисми низомиро бо маркази Вазорати мудофиа қатъ намуда буданд. Полковник Лангариев Файзалӣ илоҷе карда, ба маркази Вазорати мудофиа ба тамос баромада ҳолати ба вуқуъ омадани ҷангиро фаҳмонда, кӯмак хост. Дере нагузашта тавассути чархбол бо супориши марказ ба баталон ёрии ҳарбӣ расонида шуда, душман шикаст дода шуд. Ҷиноятккорон роҳи гурезро пеш гирифтанд. Дар ҷанги серӯза 7 нафар ҳайати шахсии баталон ҷароҳат бардоштанд, аз тарафи ҷиноятккорон бошад шумораи захмиву ҳалокшудагон ҳисоб

надошт» [94, с.56-57]. Ин мисоли қаҳрамонии беназире буд, ки дар саҳифаҳои таърихи Ватан сабт гардида, то абад боқӣ хоҳад монд.

Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки вазъи ҳасоси кишвар ва шинохти умқи фоҷеа даст ба ташаббуси бузурге зад. Иқдоми хатми ҷанг, истиқрори сулҳ, таъмини оштӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ. Яке аз марҳилаҳои аҳаммиятноки ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ ин давраи интиқол, халъи силоҳ, ба ҳисобгирии размандагони собиқ ИНОТ, ҷойгиркунии онҳо, савганди ҳарбӣ ёд кардани собиқ мухолифин, гузаштани комиссияи тиббӣ, аттестатсия ва ба ҳайати сохторҳои қудратӣ гузаронидани онҳо дар чор давра ҳал карда шуд.

Дар натиҷаи корҳои назаррас зиёда аз 6240 нафар размандагони ИНОТ яроқҳои гуногуни оташфишон 2075 адад, БТР–3 адад, БМП–1 адад, танк–5 адад, ва дигар лавозимотҳои ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта ба сохторҳои қудратӣ шомил карда шуданд [94, с.66].

Аз комиссияи тиббӣ 6842 нафар гузаштанд, ки аз ин миқдор 4498 нафар савганди ҳарбӣ ёд карданд. Оиди ҳалли қазияи ҳарбӣ комиссия якчанд маротиба ба ноҳияҳои Ленин, Кофарниҳон, Дарбанд, Тавилдара, Ғарм, Тоҷикобод, Ишкошим, Қалъаи Хумб, шаҳри Хоруғ ва Ҷумҳурии Афғонистон рафта, зери таҳдиди силоҳбадастон кор мебурданд. Хусусан мушкилиҳо дар деҳаи Теппаи Самарқандӣ ва ноҳияҳои Дарбанду Тоҷикобод ба ҳайати комиссия пеш омада буд. Бо вуҷуди он масъалаҳои асосии низомӣ мувофиқи «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» аз тарафи зеркомиссияи марбута иҷро карда шуд [94, с.66]. Барои дастгирии аъзои собиқ Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин дар ҳайати Вазорати мудофиа баталони 25–уми муваққатӣ дар ҳайати 460 нафар таъсис дода шуд. Аъзои ин баталон баъди назорат ва санҷиши Комиссияи оштии миллӣ тибқи протоколи низомӣ дар ноҳияҳои Ғарм, Тавилдара, Кофарниҳон ва Ленин ҷо ба ҷо карда шуданд. Як қисми онҳо баъди гузаштан аз санҷиши комиссия ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ гузаронида шуданд. Аз

ҷумла соли 1998 ҳайати қисми ҳарбии 08024 бо шумораи 50% аз ҳисоби қуввaҳои мухолифин пурра гардонида шуд [86, с.275].

Ташаббуси инсонпарварона и Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки баробари ворид кардани дастаҳои собиқ ИНОТ ба ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ соли 1998 бе ягон шубҳа аъзои воридшудаи ин гурӯҳҳоро баробари афсарону аскарони Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар ба амалиётҳои ҳарбӣ фиристоданд. Аксари онҳо тасавур карда наметавонистанд, ки аз сиёсати адолатпарварона и Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархурдор хоҳанд шуд. Афсари тоҷик Адҳамов Ғ. аз рӯзгори ба сар бурдааш мисол меорад: «Дар Афғонистон заҳри ғарибӣ дар гулӯ, ашки кулфату надомату алам дар чашм, талхобаи беватанию ёди ёру диёр дар дил рӯзгори сангинеро паси сар месохтем. Чун нони гарме, ки аз танӯр мекананду рӯйи дастархони тӯй мегузоранд, пайки шодмонию нишоте аз Маскав расид, ки ҷанг халос шуд, шартномаи сулҳу ризоияти миллӣ ба имзо расид. Акнун имкони бозгашти Ватан фаро омад. Вале як гӯшаи дили моро ҳанӯз эҳсоси нобоварию шубҳае раҳо намесохт. Ҳеҷ бовар надоштем, ки аз гуноҳамон гузаранду ҳамқатору ҳамсангари хеш мехонанд моро. Ба гоҳе ки мо чун намояндагони низомии собиқ мухолифин ба ҳайати сохторҳои қудратии Ҳукумати Тоҷикистон шомил шудем, шукр мекунам, ки рӯзгор инсони шариферо ба мисли Шералӣ Хайруллоев дучорамон оварда. Зеро аз рӯзҳои нахуст ҳар ғамхорию парастории ва бовариеро, ки дар ҳаққи афсарону аскарони ҳукуматӣ раво медид аз намояндагони мо ҳам дареғ намедошт. Эътимоди ӯ шубҳаи моро аз байн бурд. Соли 1998 гурӯҳҳои бегонапарасти полковники хоини мансабгадо Худойбердиев Маҳмуд ба хоки муқаддаси Ватан бо нияти ғаразнок по гузошт, маҳз Шералӣ Хайруллоев бе ягон дудилагӣ сарбозони собиқ мухолифинро ҳам ба разми муқобилияти душман фиристод. Сарбозони мо аз фараҳу нишот дар замину замон намеғунҷиданд» [94, с.14-15].

Соли 2001 вақте ки намоиши ҳарбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдони муҳташами Исмоили Сомонӣ ба

ифтихори 10–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт, меҳмонони ҷашнвора аз мамолики дуру наздик ба ҳайрат афтоданд. Ҳеҷ бовар надоштанд, ки баъди гирудорҳову ҷангу ҷидоли шаҳрвандӣ дар фосилаи кӯтоҳе Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин назму тартиб муваффақ шавад.

Ҳамасола баъди даъвати ҳарбӣ аскарони зиёде ба ҳайати Қӯшунҳои хушкигард ворид мешаванд. Барои бартараф сохтани нуқсонҳои ҷисмонӣ ва касби тахассуси ҳарбӣ ба роҳ мондани машқу тамринот як амри бисёр зарур маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти ин масъалаи баланд бардоштани омодагии размии ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард, ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо кишварҳои собиқ шуравӣ дар доираи СААД ва бо кишварҳои Ғарб дар доираи Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) пайваста ба роҳ монда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ дар ҳошияи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аҳаммияти вижа дода, онро олоти таъсирбахш ва бо мурури замон санҷидашудаи таъмини амнияту суботи минтақаи масъулияташ мешуморад. Яке аз самтҳои асосии ташаккули маҳорату малакаҳои тамоми навъҳои қӯшунҳо ин ҳамкории мутақобил бо сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар буда, дар баробари касби таҷрибаи размӣ, инчунин густариши ҳамкориҳо дар соҳаи идоракунии ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Бисёр консепсияҳои амалиётӣ аз омӯзиш сарчашма мегиранд ва дар иҷрои машқҳо тасдиқ карда мешаванд.

Бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, барои такмили касбияти хизматчиёни ҳарбӣ аз соли 1997 замина муҳайё гардид. Тайёрии ҷангии қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ тавассути машқҳои ҳарбӣ ба роҳ монда мешавад. Машқҳои ҷангӣ як низоми мураккаб ва бисёрҷанба мебошанд, ки ба роҳбарии Қувваҳои Мусаллаҳ имкон медиҳад то омодагии хизматчиёни ҳарбиро бо ҳамкории байни ҷузъу томҳои қӯшунҳо санҷида, тамринотро иҷро намоянд, ки мақсади аслии он мушоҳидаи заъфҳои дифои худ ва бартараф намудани он ба

шумор меравад. Моҳи августи соли 1997 бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи баталони 7–уми тирандозӣ (соли таъсисаш моҳи октябри соли 1993) бригадаи 1–ум ташкил ёфт. Яъне гуфтан ба маврид аст, ки Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тамоми бахшҳои ҳаёти давлатдорӣ таъсири мусбат расонида, бо рӯйдоди ин санаи таърихӣ, бори аввал аз соли 1998 ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бо давлатҳои аъзои ин ташкилот ҷиҳати табодули таҷриба машқҳои омӯзишии ҳарбиро мегузаронанд [57, с.2].

Машқҳои ҳарбӣ ба ҳалли масоили гуногун дар шароити то ҳадди имкон наздик ба вазъияти ҷангӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷиҳати миқёс машқҳои ҳарбӣ дорои аҳаммияти стратегӣ, амалиётӣ ва тактикӣ мебошанд. Аз рӯйи шакли гузарондани онҳо–фармондеҳӣ, ситодӣ, ақибгоҳӣ, махсус, таҷрибавӣ ва ғайра мебошанд. Вобаста ба шумораи мақоми фармондеҳӣ, ки дар машқҳои ҳарбӣ иштирок мекунанд, онҳо аз якчанд марҳила: як марҳила, ду марҳила ва бисёрмарҳила иборатанд. Вобаста ба шумораи тарафҳо–дутарафа ё яктарафа мешаванд. Машқҳои ҳарбии стратегии амалиётӣ метавонанд ҷузъу томҳои қӯшунҳои гуногуни як ё якчанд давлатро дар бар гиранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллах муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин бор ба қисмҳои низомии Қӯшунҳои хушкигарди кишвар ташриф оварда, бо ҷараёни хизмат ва шароити зисти аскарону афсарони он шинос шудаанд. Аз ҷумла, 20–уми сентябри соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон ба қисми ҳарбии 07017 ташриф оварда, дар мулоқот бо аскарону афсарон оид ба таъмини амнияту оромӣ ва таҳкими сулҳ дар кишвар ва саҳми барҷастаи Қуввахои Мусаллах дар он сухан ронданд ва ба беҳтару хубтар кардани шароитҳои хизматии аскарони қаторӣ супоришҳои дахлдор доданд.

Моҳи августи соли 2005 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи фармондеҳи

Қӯшунҳои хушкигард–муовини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал–майор Шералӣ Мирзо таъйин гардида, дар рушду нумуи ин навъи қӯшун саҳми арзанда гузоштанд.

Қӯшунҳои хушкигард дар Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хоси худро касб намуда, баҳри зада гардонидани зарбаҳои таҷовузкорона дар самтҳои фаврии стратегӣ афзалият ба Қӯшунҳои хушкигард, тайин гардидааст [16]. Бояд зикр намуд: «вазифаи асосии Қӯшунҳои хушкигард бурдани амалиётҳо дар хушкӣ маҳсуб меёбад. Барои такмили малакаю маҳорати хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷузъу томҳо, машғулиятҳо, майдончаҳои тактикӣ, монеаҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, шаҳрчаҳои тирпаронӣ ва дар баъзеашон майдонҳои омӯхтану идора кардани танку дигар автомашинаҳои ҳарбӣ бунёд карда шуданд» [7].

Соли 2007 тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ генерал–майор Раҳматов Миралӣ Сайфуллоевич ба вазифаи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард таъин гардида, то моҳи феврали соли 2010 фаъолият менамояд.

Дар давраи Фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард будани генерал–майор Раҳматов М.С. Қӯшунҳои хушкигард ба дастовардҳои калон ноил гардида, маҳз шарофати ташаббусҳои ӯ дар ҳайати Қӯшунҳои хушкигард соли 2007 дар пойгоҳи бригадаи 6–уми тирандоз ротаи таълимӣ бо рақами штатии 07746, 1–уми майи соли 2008 қисми низомии 06231, 16 – уми июли соли 2008 Ротаи алоҳидаи муҳандисии минаҷӯии 03753 таъсис дода шуданд [86, с.238].

Дар марҳилаи таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳ таъсиси дивизияҳо ва қисмҳои низомии Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ қадами муҳим ба маҳсуб меёбад. Бинобар ин 10–уми майи соли 2008 дар пойгоҳи бригадаи 6–ум тирандози савораи Қӯшунҳои хушкигард, дивизияи 11–ум таъсис дода шуд. ба он номи шартии қисми низомии 01972 дода шуд [86, с.221]. Мақсади таъсис ва вазифаҳои умумии ташкил намудани дивизияи 11–уми Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷуҳурии

Тоҷикистон ин ҳадафҳои стратегиву низомӣ маҳсуб меёбад, ки ҳимояи истиқлолият ва тамомияти арзии кишвар аз ҳар гуна таҳдидҳои беруна, ба роҳ мондани ҳамкории муштарак бо дигар сохторҳои қудратӣ дар роҳи рафъи хатарҳои фаромиллӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, тайёр кардани мутахассисони варзидаи ҳарбӣ, аз ҷумла тавассути марказҳои таълимии Қӯшунҳои хушкигард барои идора кардани техника ва силоҳи муосир мебошад [183].

Соли 2009 бо фармони сардори гарнизони Суғд лейтенанти калон Мақсудов Х. бо ҳамроҳии сарбозони ботаҷриба Саидов А., Ҳамроев, Раҳматуллоев ва Сафаров Б. дар якҷоягӣ бо афсарони Вазорати корҳои дохилӣ ва масъулони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани барои безараргардонии минаҳо дар сарҳадҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон фаъолият намуда, барои тоза намудани марзҳои кишвар саҳми муносиб гузоштанд. Ҳамчунин соли 2009 барои кушодани Боғи миллӣ дар гарнизони Суғд лейтенанти калон Мақсудов Х. дар амалиётҳои безараргардонии минаҳо иштирок намуд. Соли 2009 дар гарнизони вилояти Суғд амали террористӣ рух дода, шахси номаълум шуъбаи 6–уми Раёсати корҳои дохилиро тарконд. Дар натиҷаи ин амали ҷиноятқорона якчанд афсарон ярадору маҷруҳ ва ҳалок гардиданд. Ҳайати шахсии қисми ҳарбии 03753 барои муайян намудани сабабҳои ин ҳодиса бо шахсони мутасаддӣ ҳамкорӣ намуда, барои бартараф намудани оқибатҳои он чораҳои зарурӣ андешиданд [86, с.239].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал–майор Собирзода Эмомалӣ, аз 17–уми феврали соли 2010 ба вазифаи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард таъин гардида, то соли 2015 дар ин вазифа фаъолият намудааст. Ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард дар давраи фармондеҳии ӯ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст [86, с.211].

Моҳи марти соли 2010 байни давлатҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Россия ва Тоҷикистон машғулиятҳои тактикӣ гузаронида шуд, ки қисми ҳарбии 03753 низ дар машғулиятҳо иштирок намуда, вазифаҳои дар

наздаш гузошташударо бо сарбаландӣ иҷро намуд. Моҳи марти соли 2010 байни давлатҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Россия ва Тоҷикистон машғулиятҳои тактикӣ гузаронида шуд [182, с.171]. Машқҳои тактикӣ аз ҷумлаи чорабиниҳои мутамарказе мебошанд, ки бештар барои иҷрои вазифаҳои мушаххас дар майдони ҷанг гузаронида шуда, аз якчанд ҷузъ иборат мебошанд:

- такмили маҳорати размии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ;

- таҷрибаи ҳамкории байни воҳидҳо дар шароити гуногун (яке аз вижагиҳои саҳнаи ҷанг бесарусомонӣ ба ҳисоб меравад, ки хизматчиёни ҳарбӣ бояд бо дигар воҳидҳо ба таври ҳамоҳангшуда амал кунанд);

- озмоиши самарабахшии техника (арзёбии самаранокии техникаи дар ихтиёри ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ буда);

- сатҳи омодагии тактикии ҳайати фармондеҳии ҷузъу томҳо новобаста аз рутбаи ҳарбӣ.

Бо мақсади ноил шудан ба масъалаҳои дар боло зикршуда, қисму воҳидҳои Қӯшунҳои хушкигард дар машқҳои фармондеҳӣ–ситодии «Марз–2010»–и кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, ки дар гарнизони Суғд соли 2010 баргузор гардид, инчунин дар амалиёти аз гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ тоза намудани минтақаи Рашт фаъолона иштирок намудааст. Машқҳо таҳти роҳбарии фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард генерал–майор Собирзода Эмомалӣ ҷараён гирифт. Дар ҷараёни гузаронидани машқҳо ин афсари тоҷик аз худ маҳорати баланди касбӣ нишон дод. Дар машқҳо иштироккунанда зиёда аз 1000 нафар ҳарбиён ва истифодаи беш аз 150 адад техникаи ҳарбӣ, аз ҷумла ҳавопаймоҳо ва чархболҳо амалиёти ҳарбии зидди террористиро ба намоиш гузоштанд [86, с.225].

Генерал–майор Собирзода Эмамалӣ соли 2012 машқҳои муштараки зиддитеррористиро дар машқгоҳи «Чорукдарон»–и гарнизони Суғд таҳти унвони «Рисолати сулҳҷӯёна» зери роҳбарии худ гирифт. Ин тамриноти низомӣ яке аз калонтарин тамриноти давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай маҳсуб ёфта, дар ин тамринот наздики се

ҳазор нафар хизматчиёни ҳарбии Созмони ҳамкории Шанхай ҷалб гардида, 50 адад чархболу ҳавопаймоҳои ҷангӣ, беш аз 300 адад техникаҳои зиреҳпӯши ҷангӣ, тупҳои гуногун ва яроқу аслиҳаи мухталифи оташфишони ҳарбӣ истифода гардиданд [86, с.225].

Ҳадаф аз баргузории машқҳои муштараки зидди террористӣ ин тарҳрезӣ намудани назару муносибати ягонаи кори мақомоти идории ҳарбии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар ташкили амалиёти муштараки зидди террористӣ дар шароити кӯҳистон, ҳамоҳанг намудани фаъолияти Ситоди муштараки муттаҳидаи қӯшунҳо дар самти омодагӣ ва дар амал татбиқ намудани амалиёти зиддитеррористӣ, амалан тарҳрезӣ намудану бо усули ягона идора кардани Ситоди муштараки муттаҳидаи Қӯшунҳо баҳри таъмини амният дар минтақа, дар ҳамоҳангӣ ташкилу ба роҳ мондани амалиёти муштараки зидди террористии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шароити кӯҳсор ва табодули таҷрибаомӯзӣ таҳия, ташкил ва баргузор кардани унсурҳои зиддитеррористиро дар бар мегирифт. Ҳамчунин, 17–уми августи соли 2015 аз рӯйи иҷрои фармони Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ қайд гардид: «Оид ба тасдиқ ва дар амал татбиқ намудани нақшаи мудофиаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар асоси нақшаи ягонаи омодагии ҷангӣ, ҷамъомади мудофиаи ҳудудӣ гузаронида шуд, ки баҳри назорат аз болои машқҳо Вазири мудофиа генерал–лейтенант Шералӣ Мирзо, раисони шаҳру навоҳии вилояти Суғд ва дигар масъулони дахлдор ба машқгоҳ ташриф оварданд. Фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард Собирзода Эмомалӣ аз рӯйи тамсила дар назди ҳозирин доир ба унсурҳои зиддитеррористии пешниҳодшуда гузориш дод.

Ташкилу баргузории пайвастаи тамринҳои низомӣ, машғулиятҳои таълимӣ ва доир намудани ҷамъомадҳои низомӣ, ки дар ҳамоҳангӣ ба роҳ монда мешаванд, маҳз заҳмату талошҳои масъулини Вазорати мудофиа ва хосатан ҳайати фармондеҳии Қӯшунҳои хушкигард маҳсуб

ёфта, дар самти баланд гардидани иқтидори мудофиавии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад.

19 августи соли 2011 дар сохтори Раёсати Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ Дастгоҳи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфт. Вазифаи асосии ин Дастгоҳ таъмин намудани қӯшунҳо ва таҳти назорат гирифтани иҷрои ҳатмии онҳо аз тарафи ҷузъу томҳои ин сохтор мебошад. Боиси қайд аст, ки дар кори омодасозии ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард саҳми афсарони калон полковникҳо Алибоев Б., Каримов С., Урмонов З., Ҳамзаев О., Раҳматов М., Ҳасанов А. арзанда мебошад.

Сарвари давлат пайваста аз вазъи қисму воҳидҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дидан менамоянд. 17–июни соли 2013 зимни боздид аз қисми низомии 05170 ва 24–уми апрели соли 2015 аз қисми ҳарбии 13483–и Қӯшунҳои хушкигарди Вазорати мудофиаи кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити барои афсарону сарбозон муҳайёгардида ва вазъи омодагии ҳарбии онҳо бевосита шинос шуда, ба масъулин дар бораи боз ҳам беҳтар намудани корҳо супоришҳои мушаххас доданд [99, с.45].

13–уми июли соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ба пойгоҳи қисми низомии 07017 Қӯшунҳои хушкигарди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шифохонаи гарнизони Хатлон ташриф оварданд. Шифохонаи умумисоҳавии гарнизони Хатлон, ки номи шифохонаи дӯстии Тоҷикистону Ҳиндустонро дорад, моҳи октябри соли 2014 ба фаъолият оғоз намуда, он бо маблағгузории Ҷумҳурии Ҳиндустон сохта ва бо таҷҳизоти муоинавию муолиҷавӣ муҷҳаҳаз гардонида шудааст. Шифохона дорои 50 кати хоб буда, дар он муддати 2 сол 73 нафар мутахассисони баландихтисоси Ҳиндустон кор мекарданд. Ҳамзамон мутахассони ҳиндӣ ба ҳамкасбони тоҷики худ истифодаи таҷҳизоти навтарини насбшударо меомӯзонданд [99, с.44].

Ҷанбаи аслӣ ё калидии машқҳои тактикӣ дар он аст, ки шароити ба ҳадди имкон наздик ба вазъияти воқеии саҳнаи ҷангро фароҳам оварда, сарбозро маҷбур месозанд, ки дар ҳолати стрес фикр карда, амал намояд. Дар машқҳои тактикӣ қисми ҳарбии 03753 низ иштирок намуда, вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бо сарбаландӣ иҷро намуд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҳоло дар ҳайати ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард ҷавонони миллатҳои мухталиф, тоҷику узбек, тотор, туркману қирғиз аз гӯшаву канори кишвар паҳлуи ҳам омодагии ҷангии худро такмил медиҳанд. Махсусан ба масъалаи баланд бардоштани донишу малакаи қоидаҳои оинномавӣ ва тартибот, обутоби ҷисмонӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ диққати ҳамаҷониба дода мешавад [7].

Ҳайати фармондеҳии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард талаботро нисбати афсарону сарбозон бо ҳам пурзуртар менамояд. Машғулиятҳои тарбиявӣ ва машқҳои таёрии ҷангӣ пурмазмуну таъсирбахш ба роҳ монда шудаанд. Ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард маҳорату қобилияти ҷангии худро боз ҳам баландтар бардошта, дар роҳи мустаҳкам гардонии иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб гузошта, роҳҳои мушаххаси тафаккур, равандҳо, қабули қарорҳо ва натиҷаи таълимотро дар амалия арзёбӣ менамоянд.

Моҳи майи соли 2018 тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ба вазифаи Фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ генерал–майор Муминзода Бахтиёр таъин гардид [7].

Генерал–майор Охунзода Ихтиёр Неъматулло–муовини аввали Фармондеҳ Сардори Сарситоди Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 21–уми январи соли 2015 таъин гардида, фаъолият дорад. Генерал–майор Охунзода Ихтиёр Неъматулло соли 1994 омӯзишгоҳи олии шаҳри Тошкандро хатм карда, соли 2010 Академияи

умумиқӯшунии Қуввахои Мусаллахи Федератсияи Россияро хатм намудааст [7].

Полковник Салимов Абдулфайз Муродалиевич–муовини Фармон – деҳи Қӯшунҳои хушкигард оид ба корҳои сиёсӣ–тарбиявӣ сардори шуъба оид ба корҳои сиёсӣ бо Фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16–уми июли соли 2015 таъин гардид.

Яке аз сохтори басо муҳими Раёсати Қӯшунҳои хушкигард, ки фаъолияти қӯшунро вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда ба танзим медарорад. Дастгоҳи Фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард дар асоси Дастури сардори Ситоди генералии Қуввахои Мусаллах–муовини аввали Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2011 дар ҳайати Раёсати Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфт.

Вазифаи асосии Дастгоҳи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард ба санадҳои меъёри–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазири мудофиа таъмин намудани Қӯшунҳои хушкигарди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти назорат гирифтани иҷрои онҳо аз тарафи сохторҳои Қӯшунҳои хушкигарди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дастгоҳи Фармондеҳии Қӯшунҳои хушкигардро подполковник Файзализода Дилшод Файзалӣ роҳбарӣ менамуд.

Ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард тавассути иштирок дар машқҳои муштарак маҳорату қобилияти ҷангии худро боз ҳам баланд бардошта, дар роҳи мустаҳкамгардонии иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузоранд.

Қисми ҳарбии 06870 яке аз аввалин қисмҳои ҳарбӣ мебошад, ки дар машқҳои муштараки десантчиёни Ҳиндустону Фаронса иштирок намуда, аз чархболҳо бо парашют фуруд омаданд. Аз рӯйи касбияти волои худ ин қисми ҳарбӣ дар ҳайати Қуввахои зудамал шомил буд. Аммо аз моҳи ноябри соли 2010 ба ҳайати Раёсати Қӯшунҳои хушкигард дохил карда шуд.

Соли 2008 дар пойгоҳи бригадаи 6–уми тирандози савораи Қӯшунҳои хушкигард, дивизияи 11–ум таъсис дода шуд. Ба он номи шартии қисми низомии 01972 дода шуд. Ин қисми ҳарбӣ дар солҳои минбаъда низ дар якчанд машқи фармондеҳӣ–ситодии кишварҳои Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ иштирок намудааст [201].

САД баҳри беҳтаргардонии сифати омодабошии Қувваҳои мусаллаҳ амалиёти нигоҳдошти сулҳ дар минтақаи Осиёи Марказии САД таълимот–машқҳои «Бародарии вайроннашаванда» гузаронида мешавад. «Бародарии вайроннашаванда–2019» дар Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар ин тамринҳо намояндагони шаш давлати Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ–Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Тоҷикистон иштирок намуданд. Дар гузаронидани таълимот–машқҳо техника ва силоҳҳои гуногуни зерин истифода гардид: «чархболи МИ-24; тайёраҳои МИ-8; тайёраи АН-26; ҷуфти чархболҳои МИ-24; пулемётҳои калонмил; техникаҳои зиреҳпӯши БТР-82А; мушакҳои ЗУ-23 дар автомобилҳои УРАЛ насбшуда; чархболҳои МИ-24; қатораи техникаҳои зиреҳпӯши БТР-82; чархболҳои МИ-24; техникаҳои ЗУ-23; ҳафт чархболи МИ-8; звенаи ҳуҷумкори СУ-25 (тавассути бомбаи ОФАБ-250,270)» [201].

Дар гузаронидани таълимот–машқҳо бо қувваҳои дастаҷамъии зудамали Осиёи Марказӣ ва қувваҳои дастаҷамъии сулҳовари САД «Бародарии вайроннашаванда–2019» бештар аз 3,5 ҳазор хизматчиёни ҳарбии Тоҷикистон, Қирғизистон, Белорус, Арманистон, Қазоқистон ва Федератсияи Россия иштирок карданд.

Таълимот–машқҳо мувофиқи нақшаи омодакунонии қувваҳои ҳарбии Федератсияи Россия дар соли 2019 таҳти роҳбарии бевоситаи қӯшунҳои фармоишии Округи Ҳарбии Марказӣ генерал-полковник Александр Лапин гузашт ва ӯ дар раванди таълимот–машқҳои фаврӣ-стратегии муттаҳидаи САД «Бародарии ҳарбӣ -2019» охирин буд. Ҳамчунин, таълимот–машқҳои муттаҳида бо қувваҳои Дастаҷамъии

зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ ва қуввахои дастаҷамъии сулҳоварӣ САД «Бародарии вайроннашаванда–2019» дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор гардиданд, Александр Лапин иброз намуд: «Таълимот тоҷвари омодакунонии муттаҳидонаи сохторҳои идоракунонӣ ва қӯшунҳои Қуввахои Мусаллаҳи мо ба шумор меравад. Таназзул ёфтани вазъият дар Афғонистон ва алоқамандии муҳимият ва макони гузаронидани ин таълимотро муайян намуд. Барпо намудани гурӯҳҳои худкифоякунандаи қӯшунҳои дӯстона дар ҳайати шумораҳои қӯшунҳои қуввахои мусаллаҳи ҳарбии узви Созмон баҳри иҷроиши вазифаҳо доир ба торуморкунонии гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ яке аз хусусиятҳои асосии таълимоти гузаронида ба шумор меравад, ки дар маҷмӯъ 17 намуди машқҳои тактикӣ» [201].

19–уми августи соли 2020 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Дарвоз ба қисми низомии Қӯшунҳои хушкигард ташриф оварда, бо шароити хизмат ва будубоши хизматчиёни ҳарбӣ шинос шуданд.

Айни ҳол 80 % вазифаҳои штатӣ дар ин намуди қӯшун пурра гардонида шудааст. Аз ин шумора қариб нисфашон хатмкардагони донишгоҳҳои олӣ–ҳарбии Федератсияи Россия, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хатмкардагони донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ мебошанд [7].

Ҳамин тариқ, роҷеъ ба марҳилаҳои таърихи ташаккули Қӯшунҳои хушкигарди Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба чунин хулосае расид, ки ташаккули ин навъи қӯшун ду марҳиларо аз сар гузаронидааст:

- марҳилаи аввал, Қӯшунҳои хушкигард дар ҳайати Вазорати мудофиа ташкил ёфта, амал менамуд. Қӯшунҳои хушкигард ташаккули худро дар миёни низоъ то таъсиси як неруи мусаллаҳи мунтазам аз сар гузаронида, ба як унсури муҳимми ҳифзи тамомияти арзии мамлакат табдил ёфт;

- марҳаи дуюм, бо дастёбӣ ба Истиқрори сулҳ сохтори ташкилии Қӯшунҳои хушкигард такмил ёфта, таъминоти кадрии он беҳтар ба роҳ монда шуда, дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ, бахусус дар доираи Созмони Амнияти Дастаҷамъӣ густариш ёфт.

2.2. Зарурати ташкилёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳ ва навъҳои алоҳидаи ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ

Зарурати ташаккул ва рушди пайвастаи ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ амсоли Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи ҳавоӣ, инчунин, Қувваҳои зудамал аз тағйироти куллии хусусияти низоъҳои мусаллаҳона, ки бо суръати вокуниши фаврии худ нақши ҳалкунанда доранд. Дар оғози дастёбӣ ба истиқлоли давлатӣ новобаста аз вазъияти ниҳоят душвор ва бисёр ҳассос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз тамоми имконияти мавҷуда истифода намуда, дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ҳарбӣ–техникӣ иқдомоти бисёр мусбатро дар самти таъминоти моддӣ–техникӣ, таълимию тачрибавӣ, тактикиву ҷангӣ, моддиву майишӣ ва азнавсозиву муҷаҳҳазгардонии ҷузъу томҳо бо силоҳу муҳиммоти ҷангӣ ва техникаҳои вазнини ҳарбӣ марҳила ба марҳила бо давлатҳои собиқ шуравӣ ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ амалӣ намуда, ба афзоиши иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ мусоидат намуд [196].

Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ, яке аз нахустин неруи мусаллаҳи Тоҷикистон ба шумор рафта, он ҳамсолу ҳамқадами Артиши миллӣ мебошад. Дар қатори дигар навъҳои қӯшун дар асоси дастури Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20–уми апрели соли 1993 Раёсати Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ пурра гардид.

Нахустин парвози чархболи ҷангии МИ-24 дар кишварамон 1–уми марти соли 1993 сурат гирифтааст. Чархболро командири ҳайат Вячеслав Михайлович Грудина, ҳавонавард – оператор майор Евсеев

Владимир Иванович ва капитан Генадий Вадимович Мина идора мекарданд. Он замон шумораи чархболҳо ҳамагӣ чор адад буда, ба таъмиру тармим эҳтиёҷ доштанд. Ба охир расидани «Ҷанги сард», коршиносон ва таҳлилгарони хориҷӣ суқути вазъи амниятиро дар Осиёи Маркази пешгӯӣ мекарданд. Таҳдидҳои нави серҷабҳа ба сафи пеши амнияти минтақа дохил шуданд. Масъалаи ташкили механизми самараноки амнияти минтақавӣ ва унсурҳои асосии он на танҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми фазои пасошуравӣ ҳам мушкил буд. Аз ҷумла, низоъҳои этникӣ, динӣ, гардиши яроқу аслиҳа, терроризми байналхалқӣ, задухӯрдҳои миллатчигӣ ва ба ин монанд фаро расид [164]. Ҳамчунин, мураккабии давраи гузариш ба мавҷудияти минтақаҳои муноқишаҳои ҳарбӣ, ки сабабҳои он даъвоҳои ҳалнашудаи давлатҳои мустақил нисбат ба ҳамдигар, номуайян будани шарҳи як қисми моликияти собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин ба вуҷуд омадани воҳидҳои зиёди мусаллаҳи навтаъсисшуда аз ҳисоби аҳзоби динӣ ба вазъи дохилии кишварҳо таъсири манфӣ мерасонид. Ин гурӯҳҳо тавассути тарзҳои сифатан такмилёфтаи муборизаҳои мусаллаҳона, паҳншавӣ дар ҳудудҳои нав афзоиши оқибатҳои вазнинро ба бор меовард [35].

Қобил ба ёдоварист, ки аз моҳи декабри соли 1992 ҳангоми вохӯрии Сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Дастаҷамъӣ дар шаҳри Тошканд масъалаи тайёр намудани мутахассисони гурӯҳҳои мухталифи соҳаи ҳарбӣ баррасӣ гардид. Дар натиҷаи иқдоми аз моҳи декабри соли 1992 гирифтаи роҳбарияти олии мамлакат, моҳи майи соли 1993 31 нафар ҷавонони тоҷик ба Омӯзишгоҳи ҳарбӣ–десантии шаҳри Рязани Федератсияи Россия ва Омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои таҳсил фиристода шуданд. Маҳз бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил карда шуд [59].

Соли 1994 баъд аз як соли таъсисёбии Қуввахои ҳарбӣ-ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил ёфт. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 1994 қисмҳои ҳарбии Мудофиаи зиддӣ–ҳавоии Ӯзбекистон (аз ҷумла қисми ҳарбии 41008) ба ҳайати Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Қуввахои мудофиаи зиддиҳавоии ҷумҳурӣ то соли 2005 дар ҳайати Артиши миллӣ мустақилона амал мекард ва дар натиҷаи ислоҳоти ҳарбӣ соли 2005 Қуввахои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва Мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид гардонида шуда, ба як навъи қӯшун табдил дода шуданд [203].

Тайи солҳои 1993-1997 ҳайати шахсии Қуввахои ҳарбӣ–ҳавоӣ маҳорати баланди касбӣ нишон дода, дар рафти зиёда аз 60 амалиёти ҷангӣ иштирок намуданд. Соли 1995 дастаҳои зиддиҳукуматӣ дар қисмати шарқии мамлакат истеҳком гирифта, аз он ҷо бар зидди ҳокимияти навбунёди Тоҷикистон тухми низоъ мекоштанд. Ин ҳолатро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгирии ин ҳодисаи нангин тамоми чораҳои заруриро меандешид. 93 дарсади ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳсор ташкил медиҳад, Қуввахои ҳарбӣ–ҳавоӣ нақши ҳалкунанда доштанашон ногузир гардид. Авиатсияи ҷангӣ дар шароити кӯҳистон ва бо назардошти тактикаи ҷангии терроризм воситаи муҳими таъмини ғалаба ба шумор меравад. Бо роҳи заминӣ интиқол додани неруҳои зарбазан ба нуқтаи ноором вақт ва сайъи зиёд талаб дорад. Истифодаи неруи авиатсия дар амри расонидани тири ҳадафрас ба нуқтаи ҷойгирифтаи душман таъхир ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, доираи ҳамлаи террористон васеъ гардад. Авиатсияи ҷангӣ бошад ноаён дар фазои минтақаи ҷойгирифтаи душман пайдо шуда, зарбаи нишонрас мезанад ва барои ӯ имкони васеъ намудани амлиётро намедиҳад. Ҳамзамон бо зарбазанӣ авиатсия метавонад беосеб десант фароварда, дар роҳи ҳаракати душман зарбаи ғайричашмдошт занад. Бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷузъу томҳои Қуввахои ҳарбӣ–ҳавоӣ комендатураи сайёр ташкил ёфта, баҳри дар сатҳи баланди

ҷангӣ иҷро намудани супоришҳо сафҳои он бо афсарони болаёқат пурра гардид. Маркази ин комендатура дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон буд [94, с.157].

Дар ин давра тавассути Қуваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ беш аз 25 ҳазор парвозҳои авиатсияи ҳарбӣ доир гаштааст, ки аз ин миқдор зиёда аз 10 ҳазораш парвозҳои ҷангӣ мебошад. Илова ба ин, зиёда аз 30 ҳазор тонна борҳои гуногуни ҳарбӣ ва беш аз 40 ҳазор нафарро ба ҷойҳои таъйиншуда расонидааст [86, с.287].

Баҳри баландбардории таваҷҷуҳ ба масъалаҳои амалии мустаҳкам намудани амнияти ҳарбӣ Шурои Вазирони Мудофиаи ИДМ ва мақомоти кории онҳо ба рушди ҳамкориҳои ҳарбии бисёртахассуси мутамарказонида шуда, бо дарназардошти зарурат дар омоданамоӣ ва таъминоти рушди кадрию илмии давлатҳои аъзои ИДМ Низоми муттаҳидаи Мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ дар Академияи ҳарбии мудофиаи ҳавоӣ–кайҳонии ба номи маршали Иттиҳоди Шуравӣ Г.К. Жуков ва маркази илмӣ–таҳқиқотии ш. Твер, Институти илмӣ-таҳқиқотии марказии Қӯшунҳои мудофиаи–кайҳонии Вазорати Мудофиаи Федератсияи Россия амалӣ карда мешавад. [113, с.25].

Бояд қайд намуд, ки «вазифаи асосии Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоии ҷумҳурӣ ин таъмини амнияти сарҳадоти фазоии кишвар ва марзҳои ҷануби ИДМ–ро дар бар мегирад. Айни замон ҳавопаймову чархболҳои ҷангию нақлиётии Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ бо омодагии комили размӣ, сарҳади заминӣ ва фазоии ҷумҳуриро зери назорати қатъӣ гирифта, муҳофизат мекунанд. Қисму воҳидҳои ин навъи қӯшун нахустин маротиба моҳи январи соли 1998 баҳри назорати фазо ва ҳифзи ҳарими ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навбатдории ҷангӣ шурӯъ намуданд» [203].

Дар соли 2007 неруҳои ҳавоӣ 800 сарбоз ва 12 чархбол дошт. Ҳамчунин ҳарими ҳавоии Тоҷикистонро неруҳои ҳавоии Россия низ назорат мекунанд. Воҳидҳои неруҳои ҳавоии Россия дар ҳудуди

Тоҷикистон ҳар гуна ҳамларо ошкор хоҳанд кард. Тоҷикистонро низ ҳавопаймоҳои Россия дар чаҳорчӯби Низоми муштараки мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ посбонӣ мекунанд. Неруҳои ҳавоӣ асосан барои миссияҳои ҷустуҷӯ ва наҷот, нақлиёт ва ҳамлаи эҳтимолии ҷангҷӯён метавонад истифода шаванд [192].

Ғайр аз Россия, Ҳиндустон ба Тоҷикистон кумакҳои назарраси низомӣ мерасонад. Ин кишвари ба мо дӯст барои як фурудгоҳи комилан харобшуда тақрибан 70 миллион доллар сармоягузорӣ кардааст [196].

Моҳи феврали соли 2013 дар Душанбе паради ҳарбӣ бахшида ба 20-умин солгарди таъсиси неруҳои мусаллаҳ баргузор шуд. Дар рафти парад 20 чархбол дар болои шаҳр парвоз кард [192].

Бинобар ҷанги шаҳрвандӣ, рушди қувваҳои ҳавоӣ суст ҷараён дошт. Соли 1993 дар Душанбе шумораи умумии чархболҳои МИ-8МТБ 10 адад ва МИ-24 5 ададро ташкил медод. Дар соли 1996 аввалин ҳавопаймоҳои нақлиётии АН-24 (ҳавопаймои турбовинтии мусофирбар барои хатҳои кӯтоҳ ва миёна) ва АН-26 (ҳавопаймои тактикии бисёрҳадаф, ки дар заминаи Ан-24 бо муҳаррикҳои АИ-24VT тарҳрезӣ шудааст) ба Қуввахои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дода шуданд. Нақшаи аз Беларус харидории СУ-25 барои ташкили эскадраи ҳамла аз солҳои 1990 амалӣ нашуд. Бо вуҷуди ин, Москва дар соли 2006-2007 дар таҳкими миқдори чархболҳои Тоҷикистон бо додани шаш чархболи Ми-8 ва Ми-24 (истеҳсоли Ҳинд), инчунин чаҳор L-39 Albatros кӯмак кард [215].

Бо дарназардошти афзоиши эҳтимолии таҳдиди низомӣ аз минтақаи марзҳои ҷанубии Тоҷикистон соли 2019 дар ҳайати дивизияи 201-ум ҳамчун чораи пешгирикунанда як баталони ҳавопаймоҳои бесарнишин ташкил карда шуд. Ба ин баталон ротаҳои кӯтоҳпарвоз, ки бо дастгоҳҳои бесарнишин мусаллаҳ буда, инчунин отряди дурпарвозе, ки бо комплекси UAV Forpost мусаллаҳ шудаанд, дохил мешаванд. Моҳи декабри соли 2019 ба пойгоҳи низомии 201 – уми Россия дар Тоҷикистон, навтарин низоми мудохилаи радиои Поле-21-ро соҳиб

гардид. Як сол баъд (моҳи октябри соли 2020) гурӯҳи ҳавоии пойгоҳи низомии 201-ум низ дар Тоҷикистон бо чархболҳои размии МИ–8МТВ - 5-1 муҷаҳҳаз гардиданд [196].

Тайи солҳои мавҷудияти Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ ва Мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар муҳофизати давлату ҳукумат як зумра аз хизматчиёни ин навъи қӯшун ҷони худро аз даст доданд. Инҳо подполковник Середюк В., капитан Тулиев Х., сарбози қаторӣ Курапов К., капитан Демешко И.В., капитан Алабердиев Б.А., подполковник Грудина В.В., майор Ҷураев Б., майор Бойпочоев С., кпитан Кошелев А.В., лейтенанти калон Мансуров А., лейтенанти калон Амирбеков Х. ва дигарон мебошанд. Номи онҳо дар хотираи таърихи халқ, Ватан ва ёди ҳарбиён абадӣ боқӣ хоҳад монд. Иштироки бомувафақияти Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ дар доираи низоми муттаҳидаи Мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ дар машқгоҳи “Ашулук”–и Федератсияи Россия, “Саришаган”–и Қазоқистон, машқҳои муштарак дар солҳои 2003, 2010–2012 дар доираи ҳамкории Шанхай, “Ҳудуд–2004” дар Қазоқистону Қирғизистон ва ташкили машқҳо бо Пойгоҳи ҳарбии 201–и Федератсияи Россия, дар доираи СҲШ -2007–2012, “Рисолати сулҳҷӯёна” дар вилояти Челябински Федератсияи Россия, “Ҳамоҳангӣ–2010”, “Норак–антитеррор” дар соли 2009, “Ҳудуд - 2010” дар Қирғизистон ва дигар чорабиниҳо тасдиқи гуфтаҳои болост.

Фаъолияти зиддитеррористии қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳамоҳангӣ бо дигар ҷузъу томҳои низомии махсус ба роҳ монда шудааст. Яке аз воҳидҳои таъйиноти махсус дар ихтиёри Кумитаи давлатии амнияти миллӣ гурӯҳи «Алфа» мебошад, ки 25 апрели соли 1994 бо ибтикор ва ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз намудааст. Маҳз бо азму талоши Сарвари давлатамон воҳиди таъйиноти махсуси «Алфа» аз ҷиҳати таъминоти ҷангию техникӣ дар байни сохторҳои қудратии кишвар ҷойгоҳи вижаро касб намудааст [99, с.126]. Гурӯҳи «Алфа» бар

зидди дастаҳои ҷиноятпешаи муташаккили мусаллаҳи Ризвон Садиров, Баҳром Содиров, Раҳмон Сангинов, Мансур Муаккалов, Аловуддин Давлатов (Алии Бедакӣ), Абдулло Раҳимов (Мулло Абдулло), тадбирҳои некро анҷом дода, барои пешгирӣ аз кӯшиши табаддулоти ҳарбии ташкилоти террористии ҲНИ моҳи сентябри соли 2015 ва дастгиру безарар намудани ҷосусону тахрибкорони хадамоти давлатҳои хориҷӣ «Ал–Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистон», «Ҳизб–ут–таҳрир», ҷамъиятҳои «Таблиғ», «Ансоруллоҳ», «Салафия» ва ғайраро ошкору безарар намудаанд [11, с.363].

Бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 апрели соли 1993 Раёсати Қӯшунҳои дохилӣ таъсис дода шуд [94, с.168]. Дар ин муддат афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ дар қатори абармардони шуҷои мақомоти корҳои дохилӣ як марҳилаи басо масъулиятхоҳи муборизаро баҳри сулҳу суботи кишварамон аз сар гузаронианд. Ин гурӯҳи қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар як давраи ниҳоят ҳасосу душвор аз санҷишу имтиҳони дар наздашон гузошташуда гузашта, дар барқарор кардани Ҳукумати конститутсионӣ, аз байн бурдану безарар кардани дастаҳои ҷиноятқор нақши басо арзишмандро адо намуданд. Дар мубориза бар зидди душманони миллати тоҷик дар ҷодаи ба даст овардани пойдорию оромии кишвар аз ин гурдони бошарафи мақомоти корҳои дохилӣ 1700 нафар қурбон шудааст, ки 600 нафарашон сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ мебошанд. Соли 2001 амалиёти доманадори зиддитеррористии «Барқосо» бо туфайли маҳорати волои ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои дохилӣ бо муваффақият ва талафоти камтарин анҷом ёфт [94, с.168].

Қӯшунҳои дохилаи Вазорати корҳои дохилӣ соли 2013 дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, амалиёти бомуваффақро дар боздошти гурӯҳи даҳнафараи Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва Ҷамоаи Ансоруллоҳ, ки чор дарвозаи даромадгоҳи пойтахти ҷумҳуриро таркондан мехостанд дарстгир намуданд. Қӯшунҳои

дохилаи Вазорати корҳои дохилӣ дар пахши ҳамлаи мусаллаҳонаи Назарзода Абдуҳалим Мирзо дар дараи Ромит фаъолияти баланди размӣ нишон доданд.

Бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2011 Қисми ҳарбии баталони 3503 алоҳидаи фаврии таъиноти махсуси Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар шаҳрҳои Кӯлоб, моҳи июли соли 2012 Ротаи дуюми алоҳидаи қисми ҳарбии 3503 бо қароргоҳ дар шаҳри Қурғонтеппаи вилояти Хатлон ва ВМКБ таъсис дода шуд [75, с.2].

2–юми августи соли 1998 дастаи десантчиёни ҳавоӣ ба маркази таълимии «Фахробод» фуруд омад. Десантчиёни тоҷик яке аз сохторҳои муҳимми Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлоли кишварамон ва сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мераванд.

Гурӯҳи десантии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, ки таърихномаи начандон тӯлонӣ, вале пур аз саҳифаҳои шуҷоату далерӣ доранд, фаъолияти худро соли 1993 дар марҳилаи ниҳоят мураккаби давлатдории навини халқи тоҷик ҳамчун ниҳоди асосии ҳимоякунандаи сохти конститутсионӣ ва таъминкунандаи тамомияти арзии мамлакат оғоз кардаанд.

Бригадаи десантӣ барои иҷрои вазифаҳои махсусан муҳимми ҷангӣ вогузор гардидааст, яъне десантчиён вазифаҳои вазнин, махсусан муҳим ва масъулиятнокро ба уҳда доранд [203].

Тағйиротҳое, ки дар солҳои охир дар афкори ҷамъиятӣ ба амал омаданд ба фаъолияти идораи қӯшун бетаъсир намонд. Маҳз бо маҳорати кордонӣ ва ватандӯстии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2003 Қувваҳои зудамал–ҷавонтарин навъи Қувваҳои мусаллаҳ ташкил ёфт. Ба ҳайати ин навъи қӯшун қисмҳои

интизомии тайиноти махсус, ҳамлавари десантию зарбавӣ, тирандозии кӯҳӣ як қатор ҷузъу томҳои фаврӣ шомил мебошанд.

Мақсади бунёди Қӯшунҳои зудамал ҷорӣ намудани усулҳои нави омодагӣ бар зидди гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва боз ҳам сайқал додани маҳоратҳои ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Аз рӯзҳои нахустини ташкилёбии кӯшунҳои зудамал солҳои 2003–2014 нахустин вазифаи фармондеҳии ин навъи қӯшунро генерал–лейтенант Файзизода Латиф Мирзо бар душ дошт. Генерал–лейтенант Файзизода Л.М. афсари касбии пуртаҷрибаи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёфта, солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият намудааст [76, с.251].

Ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ яке аз омилҳои аслии тақвияти иқтидори размии Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои гуногуни низомию сиёсии байналмилалӣ, аз ҷумла САД, СҲШ, САҲА ва ғайра фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Масъалаи ниҳоят ҷиддие, ки имрӯз дар маркази диққати ҳукумати ҷумҳурӣ меистад ин вазъи нооромии кишвари ба мо ҳаммарз–Афғонистон мебошад.

Айни ҳол ҷузъу томҳои Бригадаи десантӣ – зарбавии Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қувваҳои муштараки вокуниши фаврии кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти дастаҷамъӣ ва се баталони он ба неруҳои муштараки зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ шомил мебошанд. Ҳайати шахсии ҷузъу томҳои ин бригада, аз рӯйи барномаи махсуси таълимӣ фаъолият намуда, омодагии баланди ҷангӣ доранд [76, с.9].

Дар доираи баргузории машқу тамринҳои байналмилалӣ Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чандин машқҳои муштараки амалиётӣ иштирок намуда, аз сатҳи баланди касбии худ дарак дод. Ба сатҳи касбии афсарону сарбозони

Қӯшунҳои зудамал ниҳодҳои низомии дигар давлатҳо баҳои баланд додаанд.

Соли 2004 ҳайати шахсии Қӯшунҳои зудамал дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД) машқҳои муштаракро бо нерӯҳои дигари Созмон дар Ҷумҳурии Қирғизистон “Марз–2004”, 27-28 августи соли 2008 “Марз-2008”, машқҳои муштараки амалиётӣ–тактикӣ “Ҳамкор-2009” дар машқгоҳи Матибулоқи Ҷумҳурии Қазоқистон (21-26 апрели соли 2009), машқҳои муштараки қувваҳои якҷояи фаврии қаламрави Осиёимиёнагии амнияти дастаҷамъӣ 21-26 апрели 2010 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (Рубеж–2010) дар “Чорукдарон”–и вилояти Суғд, машқҳои муштараки амалиётӣ – тактикии Қуввахои вокуниши фаврии САД дар давраи аз 11 то 29 октябри соли 2010 дар Федератсияи Россия, 17-20 июни сои 2010 дар вилояти Боткент миёни Ҷумуҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор намуда, сазовори баҳои баланд гардид.

Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар тули мавҷудияти худ аз табодули фаъоли таҷриба дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва амният бо кишварҳои узв то баргузории машқҳои муштараки зиддитеррористӣ, эътимоди мутақобила ва амиқтар кардани ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯби Оиномаи СҲШ ба роҳ мондааст. Фаъолияти СҲШ дар муборизаи муштарак бо қочоқи маводи мухаддир, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди иқтисодии минтақавӣ ва фароҳам овардани имконоти мусоид барои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил нигаронида шудааст. Бо ҳамин асос яке аз иқдомоти муҳим ин машқҳои муштараки ситодӣ–фармондеҳии зиддитеррористӣ «Норак–антитеррор–2009» дар давраи аз 17 то 19 августи соли 2009 бо мақомоти сохторҳои махсуси давлатҳои аъзои СҲШ дар пойгоҳи Фахробод, ҳамчунин дар давраи аз 9-25 сентябри соли 2010 байни давлатҳои ин созмон дар машқгоҳи Матибулоқи Ҷумҳурии Қазоқистон «Қосиди сулҳ–2010» баргузор гардид, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон

низ дар он иштирок намуданд, ки амалиётҳои зеринро мавриди омӯзиш қарор доданд:

- машқҳои муштарак бо ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Қазоқистон таҳти унвони «Посбони мағлубнашаванда» (2018);

- аз 2 то 18 ноябри соли 2012 дар дараи Ромит машқҳои якҷояи зиддитеррористӣ бо иштироки ҳайати шахсии ҷузъу томҳои қисми ҳарбии 12019 ва ҷузъу томҳои Ҷумҳурии Қазоқистон гузаронида шуд;

- аз 4 то 22 сентябри соли 2012 дар кишвари Қазоқистон «Уқоби даштӣ» ва 6 то 18 октябри соли 2012 дар ин кишвар машқҳои якҷояи «Дӯстии пойдор»;

- машқҳои амалиёти сулҳҷӯёна «Уқоби даштӣ–2009» дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид.

Қӯшунҳои зудамал ҳамчунин машқҳои муштаракро дар чаҳорчӯбаи давлатҳои аъзои Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ НАТО низ баргузор менамоянд:

-тамринҳои ситодӣ ва омодагии кӯҳӣ бо взводи Қувваҳои Мусаллаҳи Фаронса дар машқгоҳи «Фахробод»;

- машқҳои «Ҳамкориҳои минтақавӣ–2009» бо маркази фармондеҳии ИМА дар пойгоҳи Донишкадаи ҳарбӣ аз 14 то 23 августи соли 2009;

- машқҳои маҷмӯи оперативӣ–тактикӣ «Ҳифз–2012» бо ҷалби ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ;

- аз 17 июн то 6 июли соли 2012 дар машқгоҳи Фахробод ва дараи Ромит машқҳои тактикӣ бо иштироки ҳайати шахсии Қӯшунҳои зудамали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Фаронса;

- «Ҳамкориҳои минтақавӣ» (2016) дар шаҳри Бостон – ИМА;

- соли 2017 дар Ҷумҳурии Қазоқистон таҳти унвони «Уқоби даштӣ»;

- машқҳои муштараки «Уқоби даштӣ» (2018) дар ИМА [76, с.59].

Аз соли 1998 гузариш аз ислоҳоти ҷудогона бо ислоҳоти консептуалии (ғоявӣ) Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои аъзои Иттиҳоди

Давлатҳои Мустақил оғоз ёфт. Бо анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва қабули стратегияи ҳарбӣ–сиёсии рушди Артиши миллӣ аз ҷониби роҳбарияти Тоҷикистон ба ташкили курсҳои омӯзиши ҳарбӣ ва воситаи роҳандозии сиёсати ҳарбии давлат ба давраи дигаргунии қатъӣ оғоз бахшида шуд [132, с.356].

Таҳдидҳои зиддиамниятии дар боло зикршуда ба татбиқи стратегияи миллии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Ҳамкориҳо бо давлатҳои иштирокчиёнии ИДМ, алалхусус, бо Федератсияи Россия дар ҳалли норасоии иқтидори умумии ҳарбӣ ба Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Россия густариш ёфта, 15 апрели соли 1999 сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Россия миёни вазирони мудофиаи ҳарду давлат аҳднома дар бораи мақом ва шартҳои ҷой гирифтани пойгоҳи низомии Россия дар ҷумҳурии мо ба тавсиб расид. Табодули ҳарбӣ–иқтисодӣ зери принсипи «маблағгузорӣ дар ивазнамоӣ ба пойгоҳ» оғоз гардид, ки онро генерал–полковник Ивашов Л. тасдиқ намуд. Аз ҷумла Душанбе тавонист, ки маблағҳоро аз Россия барои таъминоти пойгоҳ ва ҳолатҳои фавқулодаи Вазорати мудофиаи Тоҷикистон гирад ва он 300 млн. рубл маблағҳои гирифташуда қарзи бебозгаштро ташкил медод [173, с.22].

21–уми июни соли 2000 бо ташаббуси сарони давлатҳои ИДМ Қарор дар бораи Шурои маркази ниҳоди доимии махсуси ИДМ – мубориза зидди терроризм ташкил ёфт, ки ҳамкории хадамоти махсус ва мақомоти амниятии кишварҳои иштирокчиро ҳамоҳанг месозад.

Ҳадафи асосии таъсиси Маркази мубоизаи зиддитеррористии ИДМ таъмини ҳамоҳангӣ ва ҳамкории самараноки мақомоти салоҳиятдор (мақомоти амниятӣ, хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ)-и кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бо терроризми

байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм мебошад ва дар атрофи якчанд самтҳои стратегӣ бунёд ёфтааст:

1. Таҳлил ва мубодилаи иттилоот: дар ҳудуди ИДМ назорат, шиносоӣ, омилҳои паҳншавии терроризм ва экстремизмро таҳлил менамояд.

2. Ҳамоҳангсозии амалиётҳои муштарак: кӯмак ба кишварҳои Иттиҳод дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва анҷом додани ҷустуҷӯҳои байнидавлатӣ барои шахсоне, ки ҷиноятҳои террористӣ содир кардаанд.

3. Машқҳои зиддитеррористӣ: ташкил ва гузаронидани мунтазами машқҳои муштараки фармондеҳӣ-ситодӣ ва амалиётӣ-тактикӣ (масалан, силсилаи машқҳои солонаи маъруфи «зиддитеррор») ва як зумра аз чорабиниҳои ба ин монандро ташкил медиҳад [86, с.44].

Давлатҳои узви ИДМ ҳамкориҳои зиддитеррористиро тавассути барномаҳои сесола (масалан, барои давраи солҳои 2023-2025 ва баъд аз он) ҳамоҳанг менамоянд, ки ба Раёсати амалиётии ИДМ имкон медиҳад, ки ба пайдоиши хатарҳои нав, аз ҷумла кибертерроризм ва истифодаи силоҳи террористӣ, ба таври чандирӣ посух диҳад.

Яке аз самтҳое, ки дар сатҳи ИДМ мавриди назари умумӣ қарор дорад ин масъалаи вазъи Афғонистон ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини касби истиқлолият ба вазъи ҳамсоякишвар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваҷҷуҳи махсусро зоҳир менамояд. Зеро таваҷҷуҳи Тоҷикистон ба вазъи Афғонистон дар баробари омили муштаракоти забонӣ ва фарҳангию мазҳабӣ ба роҳандозии манфиатҳои стратегии ҷумҳурӣ иртиботи бевосита дорад.

Бо вуҷуди таъсиси ниҳодҳои амниятӣ дар минтақаи Осиёи Марказии кишварҳои ИДМ хатарҳои умумии рушдёбанда, муҳоҷират, афзоиши камбизоатӣ, мушкилоти мубориза бо бемориҳои сироятӣ аз ҷумла пандемия боқӣ мемонад.

Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 29 сентябри соли 1993 зимни суханронӣ дар Иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таъкид намуда буд: «кӯшишҳои роҳбарияти Афғонистон ҷиҳати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини машаққатдидаи афғон на фақат ба манфиати ин кишвар ва минтақа, балки ба манфиати тамоми сайёра мебошад. Сарвари давлати Тоҷикистон таъкид намуда буд, ки «вақти он расидааст, ки дар кишвари азияткашидаи Афғонистон ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад» [157, с.30].

Зимни вохӯрии саронии давлатҳои узви ИДМ дар шаҳри Москва 2–юми апрели соли 1999 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуҷҷати тамдиди мӯҳлати эътибори созишномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамроҳ шуд.

Дар маҷмуъ, дар асоси санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба иқтидори мудофиавӣ имконият пайдо шуд, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимро баҳри дарёфти чораҳои амниятӣ қабул намояд. Дар баробари ин таҳия ва қабули Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Консепсияи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон» тадбирҳои мушахас дар таҳким ва таъмини амнияти миллӣ буданд. Таҳким ва такмили Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун сохтори ҳарбӣ идома дорад.

Аз солҳои 2000 инҷониб Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таҷҳизонида шуда, бо кадрҳои баландихтисос таъмин гардид. Коллеҷи ҳарбии Вазорати мудофиа ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Мактаби Олии ВКД ба Академияи Вазорати Корҳои Дохилӣ табдил дода шуда, Донишкадаи сарҳадӣ, Маркази таълимии Вазорати мудофиа, Коллеҷи милитсияи ВКД, Коллеҷи оташнишонии ВКД ба фаъолият шурӯъ намуданд. Қувваҳои Муссалаҳи Тоҷикистон дар доираи САД ба гурӯҳи вокуниши зудамал ворид гашта, аз ҷониби Ситоди генералии он баҳои баланд гирифтанд. Ҳамчунин аз ҷониби Кумитаи зиддитеррористии Созмони Ҳамкории Шанхай дастаҳои таъйиноти

махсуси сохторҳои қудратии Тоҷикистон дар несту нобуд кардани гурӯҳҳои террористӣ–экстремистӣ сазовори баҳои баланд гардиданд. Ҳамкориҳои ҳарбӣ бо Россия, Хитой, Ҳиндустон, ИМА, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Белорусия ба роҳ монда шуданд [199].

Ҳар як соҳа ба маҷмуи донишҳои махсус такя мекунад. Дар Қувваҳои Мусаллаҳ ин таҷриба дар доктринае фаро гирифта шудааст, ки маҷмуи асосҳо ва усулҳоеро дар бар мегирад, ки барои роҳнамоии ҳадафу амалҳои онҳо тарҳрезӣ шудаанд. Доктринаи ҳарбӣ маҷмуи усулҳоест, ки Қувваҳои Мусаллаҳро ҳангоми иҷрои ҳадафҳои амнияти миллӣ роҳнамоӣ мекунанд. Ин ҳуҷҷат асоси воситаҳои ҳарбиро ташкил медиҳад. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин санад дар фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад, ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи назариявии ҳарбии ватанӣ ва ҷаҳонӣ коркард гардида, мавриди амал қарор дорад.

Қабули Доктринаи ҳарбӣ барои Тоҷикистон дар самти амалкардҳои тамринӣ дар сатҳи минтақавӣ ба таври амалия роҳ кушод. Мақсади асосии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминоти ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, мустақилияти сарзамини мамлакат, рушди бардавоми сулҳу субот, муносибатҳои нек ва дӯстӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар мавриди пайдоиши ҳолатҳои задухӯрд ва низоъҳо миёни давлатҳои ИДМ ё низоъҳои дохилӣ дар ин давлатҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хомӯш кардани оташи ҷанг ва эътидоли вазъияту ҳолат тавассути чораандешиҳои сиёсӣ-дипломатӣ ё ғайриҳарбӣ вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморад. Қувваи ҳарбӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар асоси қарори махсуси Шурои сарони давлатҳо-иштирокчии ИДМ ё Шурои амнияти САД ва ҷониби таваҷҷуҳкунанда барои тақсим ё худ ҷудо намудани тарафҳои муҳориб, мусоидат намудан баҳри нигоҳдории ҳолати эътидолӣ, метавонад истифода карда шаванд [16].

Қуввахои Мусаллаҳ бо мақсади такмили таҷрибаи амалии худ баҳри бенуқсон иҷро намудани уҳдадориҳои худ дар якҷоягӣ бо давлатҳои аъзои ИДМ ҳар сол зиёда аз 30 чорабиниҳои ташкилӣ–амалии самтҳои гуногундошташударо мегузаронанд. Суръати рушди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳарбии давлатҳо–иштирокчии ИДМ на танҳо таввасути такмил додани самтҳои истифодашаванда ва шаклҳои амалҳои байниҳамдигарӣ дар соҳаи ҳарбӣ, балки бо роҳҳои ҷустуҷӯ кардан ва санҷиш гузаронидани самтҳои нав таъмин карда мешавад. Дар ин ҷода раванди зерин дар асоси ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ хислати устувор ва босуръатро мегирад, ба такмилдиҳии якҷояи омодабошии Қуввахои Мусаллаҳ баҳри иҷро намудани вазифаҳо равона карда шудааст ва ҳамчун омили ҷудокунанда дар низоми умумии таъмини амнияти давлатҳои ИДМ баромад менамояд [113, с.29].

Тайи солҳои охир вобаста ба хислати шарикидоштаи ҳамкориҳои ҳарбии давлатҳо–иштирокчиёни ИДМ, гузаронидани озмоишҳои таълимӣ–саҳроӣ (ҳавоӣ, баҳрӣ)-и хизматчиёни ҳарбии қуввахои мусаллаҳи давлатҳо дар шакли тамриноти ҳарбӣ–байналхалқӣ таҷрибаи васеъро дар бар гирифт, ки имконияти навро баҳри тавсеаи ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ, аз ҷумла, бо давлатҳои шомилнабуда ба ИДМ фароҳам меорад. Рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникии давлатҳои иштирокчии ИДМ ба самтгирӣ ва хислати ҳамкориҳои байниҳамдигарии давлатҳо дар соҳаи ҳарбӣ, талаботи онҳо дар барпокунонӣ ва азнавсозии қуввахои мусаллаҳ алоқамандии зич доранд [113, с.29].

Бо дарназардошти шаклҳои ҳамкориҳои ҳарбии байниҳамдигарӣ имконият дод, ки дучанд афзудани муносибатҳои мамлакатҳои Иттиҳод баҳри рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ дар сатҳҳои бисёрҷониба ва дуҷониба таъмин карда шавад. Ҳамин тавр, масъалаи харидории яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ дар муносибатҳои дутарафа аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Шурои вазирони мудофиаи ИДМ дар бахши мубодилаи яроқу аслиҳа, иштирок дар ҳамоишҳои низомӣ, бо ин восита донишу

таҷрибаи мутахассисони сатҳи ватаниро баланд бардошта, ба рушди илми ҳарбии ватанӣ мусоидат мекунанд [39].

Яке аз унсурҳои махсуси ҳамкории ҳарбӣ–техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия маҷмааи оптикӣ – электронии марказонидашудаи «Норак» («Тиреза») мебошад. Ин иншоот дар маҷмуъ, унсури муҳими низоми дифои ҳавоии Росия ва САД ба ҳисоб меравад. Ҷойгиршавии ҷуғрофии иншоот дар Тоҷикистон имкон медиҳад, то ҳар як дастгоҳи ҳавоӣ аз дилхоҳ майдончаи ҷаҳон, ки ба мадор ба баландии 2000 км равон мешавад, мушоҳида ва зоҳир гардад [42]. Мувофиқи ба нишонгирии беруна маҷмуа хизматрасонӣ ва нуқтаҳои поёнимадории ҳавоиро дар баландии 1200–2000 км таъмин менамояд. Кори маҷмуа куллан ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст. Маҷмааи «Тиреза» дақиқан барои мушоҳидаи нуқтаҳои дур васл гардидааст, ки чунин дастгоҳи мушоҳидавиро ИМА бо ёрии истгоҳи ҷойгиркунонидашудаи қад–қади экватор иҷро менамояд. Ба ғайр аз вазифаҳои мудофиа имкон медиҳад, ки санҷиш ва истифодаи дастгоҳҳои ҳавоии ватанӣ, ки ба мадори баланд равона шудаанд, таъмин карда шаванд, ҳамчунин, барои мониторинги экологии фазои ҳавоӣ дар доираи амаликунонии барномаҳои байналхалқӣ доир ба мушоҳидакунии нуқтаҳои ҳавоии камғунҷоиши таҳдидкунанда дар мадди аввал барои парвозҳои ҳавопаймочиён истифода шавад [120, с.623].

Аз иҷора гирифтани ин пойгоҳ Вазири Мудофиаи онвақтаи Россия Иванов С. изҳори қаноатмандӣ намуд: «Мо заминеро ба муҳлати 49–сол ба иҷора гирифтаем, ки он дар Норак ҷойгир шудааст. Ин ба қӯшунҳои ҳавоӣ имконият дод, ки 50 сол худро ба таври эътимоднок ҳис намоянд» [173, с.24].

Яке аз самтҳои калидӣ амалҳои байниҳамдигарӣ дар ҷустуҷӯ ва санҷиши тарзҳои бештар мақбули ҳал намудани масъалаҳои таъминоти назорат аз болои ҳолати техникии захираҳои мушакҳои «Идора-шавандаи зиддиҳавопаймоӣ» (ЗУР), Мушакҳои идорашавандаи зидди–

танкӣ (ПТУР) ва тиру тирдонҳои дар истифода қарордошта дар қӯшунҳои давлатҳои ИДМ ба шумор меравад. [113, с.31].

Тибқи назари Дашкина Ю.А «ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникии давлатҳои аъзои ИДМ тавассути дархост ба самтҳои гуногун ба роҳ монда шуда, бештар ба рушди системаи муттаҳидаи таъйиноти ҳарбӣ зич алоқаманд аст. Ҳамкории ҳарбӣ – техникии давлатҳои Иттиҳод яке аз соҳаҳои аввалиндараҷа боқӣ монда, минбаъд бо дарназардошти мавҷудияти дигар шаклҳои ҳамкориҳои ҳарбӣ – техникӣ, инчунин, таҷрибаи ҷаҳонии мавҷуда давом дода мешавад. ИДМ дар давраи оғози ташкилёбии худ бо таҳдидоти хусусияти ҳарбидошта рӯ ба рӯ гардид, ки таҳдидоти рухдода одатан хусусияти миллӣ ва фаромиллиро доро буданд. Маҳз усулҳои мубориза ва ҷаҳди босамари давлатҳои узви ИДМ ба он оварда расонид, ки дурнамои ҳамкориҳои ҳарбӣ техникии ин давлатҳо барои дурнамо муайян карда шуд. Ҳамкории ҳарбии давлатҳои–иштирокчии ИДМ–ро ба ҳам мутафиққунанда асосан фаъолияти зиддитеррористӣ, ташкил медиҳад, ки он ҳамчун унсури муҳими устувории амнияти на танҳо минтақавӣ, балки ҷаҳониро дорад» [113, с.36].

Россия меросбари аслии собиқ ИҶШС бо ҳузури худ “ҳамчун шакли нави иштироки ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошад. Ин масъала соли 1999 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Россия ҳалли худро ёфта ва 17 уми апрели соли 2004 маросими кушодашавии пойгоҳи дивизияи 201-ум баргузор гардид, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили сулҳ ва субот дар минтақа баҳогузорӣ мегардад [41]. Қувваҳои Мусаллаҳи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шартнома ҷойгир шудаанд, ки ҷониби Тоҷикистон ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдидҳои хатарнок ба ягонагии сарзамин ва марзу буми ҷумҳурӣ метавонад яроқу аслиҳаи ба таври муваққатӣ истифодашавандаро, ки аз ҷониби пойгоҳи ҳарбии Россия дода шудааст ва иборат аз 307 номгӯй мебошад, истифода барад [43].

Теъдоди яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ иборат буд аз: аслиҳаҳои артиллерӣ ва мушакҳо–106 адад, техникаҳои зиреҳпӯш–127 адад, автомобилҳо–59 адад, маводҳои ҳарбӣ техникӣ–15 адад [121, с.623].

Ҳамзамон, бо сафари расмии худ Президенти Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (5-6 октябри соли 2012)–«Шартнома дар бораи ҳолат ва шароитҳои будубоши пойгоҳи ҳарбии Россия дар сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон»–ро имзо намуд. Тибқи ин шартнома пойгоҳи ҳарбии дивизияи 201 дар Тоҷикистон то соли 2042 боқӣ мемонад. Барои ҳамин Россия ба таълиму омоданамоии кадрҳои гуногунихтисоси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд [127, с.10].

Самти муҳими ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи ҳарбӣ мусоидат ба Қуввaҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар самти ташаккул ва рушд мебошад. Аллакай дар соли 1997 аз Россия ба Тоҷикистон 110 хатмкардагони омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ ва 8 хатмкардаи академияҳои ҳарбӣ баргаштанд. Дар охири соли 1998 масъалаи муҷаҳҳазсозии қуввaҳои мусаллаҳи Тоҷикистон тақрибан 100% дар тамоми навъҳои қӯшун ҳал гардида, вазъи даъвати наваскарон низ беҳтар гардид [53, с.110].

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар барои таъмин намудани ҳимояи сарҳади давлатӣ 3 раёсати минтақавӣ, 17 дастаҳои отряди сарҳадӣ, 2 дастаи таъйиноти махсус, эскадриляи алоҳидаи ҳавопаймоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 35 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, Донишкадаи олии сарҳадӣ, Гимназияи ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо номи “Ворисони Куруши Кабир”, 4 маркази таълимӣ, 3 госпитали ҳарбӣ, 5 қисми ҳарбӣ дар самти таъминоти техникӣ таъсис ёфта, 187 иншооту биноҳои ёрирасон, 92 дидбонгоҳи сарҳадӣ бунёд карда шуд [62, с.2].

Яке аз дастовардҳо дар бахши омоданамоии мутахассисони ояндаи соҳаи Қӯшунҳои сарҳадӣ Гимназияи ҳарбии ба номи ворисони “Куруши Кабир”–и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки 28–майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин ҷо ҳамасола 100 нафар баъди хатми синфи 9-ум ба таълим фаро гирифта мешаванд ва бештари хонандагони ин даргоҳи илму маърифатро нафарони нимятим ва ятимони кул ташкил медиҳад. Дар давоми солҳои 1993-2015 дар донишгоҳҳои ҳарбии Россия зиёда аз 1500 нафар донишҷӯёни тоҷик мактаби ҳарбиро гузашта, сазовори унвони афсарӣ гаштаанд.

Умуман, дар даврони истиқлол 2800 нафар ҷавонони мо, аз ҷумла, 1500 нафар Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1300 нафар донишкадаҳои олии кишварҳои хориҷиро хатм намуда, ҳоло дар вазифаҳои афсарии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ содиқона хизмат карда истодаанд. Имрӯз дар Донишкадаи сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 500 нафар ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар 300 нафар ҷавонони дигари мо таҳсил доранд [62, с.3].

Саҳми Федератсияи Россия дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвари мо бениҳоят калон аст. Маҳз дар пойтахти Россия шаҳри Масква Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расида буд ва Федератисия Россия яке аз кишварҳои асосии кафили иҷрои ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз ба шумор меравад. Идораи Созмони Милали Муттаҳид (UNODC) дар мубориза бо маводди мухаддир ба Тоҷикистон пайваста кумак мерасонад, ки Россия дар амалигардонии ин барнома нақши бориз дорад.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи омодабошии ҷангии ҳайати фармондеҳии ҳарбӣ ва қисмҳо аз соли 1998 мунтазам машқҳои ситодию фармондеҳӣ ва тактикӣ гузаронида мешаванд. Зарурати омодабошии фаврӣ ва ҷангии тамоми сохторҳои қудратиро ҳаёти воқеии имрӯза, хавфи терроризм ва экстремизми байналмилалӣ тақозо менамояд [51, с.2].

Муҷаҳҳазсозии Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста ба иқтидорҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Тибқи маълумотҳои SIPRI [13], дар раддабандии ҷаҳонӣ аз воридоти аслиҳа дар давраи аз соли 1994 то соли 2017 Тоҷикистон барои харидорӣ намудани яроқ зиёда аз 1 млрд. 42 млн. доллари ИМА сарф намудааст [168, с.28]. Мувофиқи барномаи “Foreign Military Financing” барои хароҷот, сару либос ва таҷҳизоти ҳарбӣ аз Амрико ба Тоҷикистон 3,5 млн доллар ҷудо карда шуд [135, с.96].

Ҳамчунин, амрикоиҳо як миқдор маблағ барои таъмин намудани лавозимот, техникаҳои кӯҳнагардида ва хизматрасониҳои гуногун низ ҷудо намуданд. Ин таклифро дигар ҷумҳуриҳои минтақа–Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон ҷонибдорӣ намуданд. Аммо дар амалисозии ин масъала Вашингтон ба хулосае омад, ки бештар ба Бишкек ва Душанбе ёрӣ расонад. Тибқи маълумоти нашрияи «Комерсант» бо шарҳу эзоҳҳо дар сарчашмаҳои Ситоди кул ва Вазорати Корҳои хориҷии Федератсияи Россия барномаи аз нав таҷҳизонидани артиши Тоҷикистон ба миқдори 70 млрд. рубл ба мувофиқа дароварда шуда буд. Аввалин маротиба ин кор дар охири соли 2014 дар Қирғизистон амалӣ шуд. Аз номгӯи техникаю аслиҳа бештар ба артиши ин ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аслиҳаи артиллерӣ, тайёраҳои реактивии оташкушо, техника ва тӯпҳои зиреҳпӯш, аслиҳаи оташфишон, мушакҳо, тирҳои гуногун, воситаҳои алоқа ва ғайраҳо дода шуда буд [135, с.97].

Дар баробари ин, Тоҷикистон узви САД–низоми мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ мебошад, ки имкон медиҳад ба низоми мудофиаи зиддиҳавоӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Дар соли 2009, комплексҳои такмилёфтаи S-125 Pechora-2M аз Россия оварда шуданд. Пеш аз он, дар нимаи дуюми солҳои 90-ум, системаҳои мудофиаи зидиҳавоии S-75M3 ва S-125M, радарҳои P-19, P-37, 5N84A ба ҷумҳурӣ дода шуданд. Дар айни замон низоми дифои зидиҳавоии S-75M3 дар Тоҷикистон бекор карда шудааст. Дар мавқеъҳои ҷангӣ, дар шарқ ва ғарби Душанбе, ду низоми

дифои зидиҳавоии С-125 «Печора-2М» (полки мушакии 536-юм) ҷойгиранд. Таҷрибае, ки ҳангоми корбарии системаҳои зидиҳавоии муосир андӯхта шудааст, ба кадрҳои миллӣ имкон медиҳад, то захираҳои рушди минбаъдаро фароҳам оваранд. Илова бар ин силоҳи зидиҳавоии «саду бисту панҷ»–и муосир, Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ZU-23 ва MANPADS аст. Будубоши артиши Россия дар ҷумҳурӣ то соли 2042 таъмин карда мешавад [192].

Яке аз муҳимтарин асосҳои муваффақият ва пирӯзиҳо дар Қуввaҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи сохторҳои низомию махсус ва ҳифзи тартиботу қонуният таъминоти босифату саривақтии моддию техникӣ ва самарабахши хадамоти ақибгоҳӣ аст.

Новобаста аз он ки ҳар як воҳиди низомӣ дар Тоҷикистон хадамоти ақибгоҳи доранд, масъули бештари таъминоти моддию техникии Қуввaҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи сохторҳои низомию махсус ва ҳифзи тартиботу амниятро дар кишвари бар уҳдаи Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар уҳда дорад, ин ниҳоди пурмасъули назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996 фаъолият намуда, тайи ин солҳо ба як сохтори бонуфуз ва дорои имконияти таъминотӣ табдил ёфтааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №30 аз 3 феврали соли 2000 ба Агентӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар воҳидҳои истеҳсолӣ дошта бошад.

Агентии таъминоти амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 20 корхонаву хоҷагиҳои ёрирасон, 125285 гектар замини корам ва чарогоҳҳои тобистонаю зимистона, беш аз 42 ҳазор чорвои хурду калон ва тақрибан ҳазор хонаи занбури асал мебошад [99, с.205].

Бо истифода аз имконоти мавҷудаи ҳукумати мамлакат, иқтидори умумии Артиши миллӣ афзуда, дар чорабиние, ки таҳти унвони “Марз – 2021” гузаронида шуд, 1023 техникаи зиреҳпӯши ҷангӣ, 3167 техникаи автомобилӣ ва махсус, 447 воситаи артиллерӣ ва миномиёт, 234

мушакҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, 45 тайёраву чархболи ҷангиву нақлиётӣ дар самтҳои амалиётӣ ба минтақаҳои иҷрои вазифаи ҷангӣ бароварда шуданд [63]. Маҳз, натиҷаи ҳамин таваҷҷуҳу ғамхориҳо, анҷоми корҳои муваффақонаи соҳавӣ, сохтмону бунёди бинову иншооти аҳаммияти ҳарбидошта дар минақаҳои стратегии ҷумҳурӣ, фароҳамсозии шароити мусоиди хизматӣ, таъмин намудани сафи ҷузъу томи артиш бо кадрҳои афсарӣ, ширкат дар машқҳои муштараки васеи низомӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва амалинамоии масъалаҳои дигари монанд ба ин мебошад, ки имрӯз навъҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ ташаккул ёфта, низомиёни мамлакат бо омодагии баланди ҷангӣ дар ҳифз ва мудофиаи марзу буми Ватан қарор доранд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили таърихи ташкилёбии навъҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

якум, иҷрои вазифаҳои мушаххас, масалан анҷоми амалиёт дар хушкӣ, барои ҳимояи фазои ҳавоӣ, кашонидани неруҳо ба ҳудуди амалиётӣ, расонидани зарбаи нишонрас ва қавӣ ба маҳали ҷойгиршавии душман ва тахлияи маҷрӯҳон;

дуюм, такмили маҳорату малакаҳои анҷоми амалиёт дар шароити сар задани хатару таҳдидҳо ва мутобиқ шудан ба чунин шароит. Масалан агар таҳдид дар хати ҷабҳа ё дар фазо сар занад навъҳои алоҳидаи қӯшунҳо метавонанд ҳар яке дар ҷиҳати муваффақият барои ғалаба кӯмак намоянд.

Хулоса ба боби дуюм.

Дар маҷмуъ, боби дуюми диссертатсияро таҳлил намуда, метавон ба натиҷае расид, ки ташаккули навъҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба як қатор омилҳо: сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ мебошад, ки шарҳи мухтасари онҳоро дар зер баён мекунем:

- таъмини дахнопазирии ҳокимияти давлатӣ, маҳви гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва дигар таҳдидоти зиддиамниятӣ;

- пешгирӣ ва зада гардонидани таҳдидоти воқеӣ аз минтақаҳои марзии мамлакат ва иҷрои амалиёт дар минтақаҳои мушкилгузар;

- иҷрои рисолати сулҳпарварӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ (СММ, СААД, СҲШ ва ғ.) берун аз хоки кишвар.

Ҳамин тавр, Артиши миллии Тоҷикистон дар муддати хеле кӯтоҳ ташаккул ёфта, навъҳои алоҳидаи ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як навъ чораҳои дурусти амниятӣ маҳсуб ёфта, ба ҳифзи амнияти миллӣ, ҷилавгирӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ кӯмак мекунад.

БОБИ III. ТАҲКИМИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ВА ТАЪСИСИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҲАРБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Таҳким ва рушди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ

Дар шароити кунунӣ таҳким ва рушди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ мамлакат буда, марҳалаҳои ташаккул, дастоварду комёбиҳо ва уҳдадории Артиши миллиро дар замони муосир фаро мегирад. Мутобиқ намудан ва навсозии техникӣ, яке аз авлавиятҳои калидиест, ки мунтазам аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мешавад.

Таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими қобилияти мудофиавии кишвар, навсозии артиш ва баланд бардоштани касбияти хизматчиёни ҳарбӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ муҷаҳҳаз кардани Қуввахои Мусаллаҳ бо таҷҳизот ва силоҳҳои муосир, такмили низоми таълими ҳарбӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо мебошад. Ба рушди инфрасохтори низомӣ, сохтмони иншооти нави низомӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои хизмат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардаанд, ки хатару ва таҳдидҳои муосир такмили доимии омодагии ҷангӣ, тақвияти интизом ва дар хизматчиёни ҳарбӣ тарбияи руҳияи ватандӯстӣ, масъулият ва садоқат ба Ватанро тақозо мекунанд. Ӯ инчунин, ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амният ва мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои фаромиллӣ аҳамияти калон медиҳад.

Самти муҳими рушди Қуввахои Мусаллаҳ ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, такмили омӯзиши афсарон, машқҳои мунтазам ва такмили низоми фармондеҳӣ ва назорати қӯшунҳо мебошад. Ин

тадбирҳо барои таъмини омодагии баланди ҷангии артиш ва қобилияти он барои вокуниши самаранок ба ҳама гуна таҳдидҳо равона карда шудаанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки қудрати артиш на танҳо бо таҷҳизоти он, балки бо рӯҳия ва касбияти сарбозон ва афсарони он низ муайян карда мешавад.

Ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди мунтазами Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ мусоидат мекунанд, чунки кафолати ҳифзи сулҳу суботи кишвар аз рушди минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва сатҳи донишу касбият–ичрои маҳорату малакаҳои хизматчиёни ҳарбӣ вобаста аст.

Унсури асоситарини **таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи ҳар як артишро омодагии размии он ташкил медиҳад**, зеро маҳз сатҳи омодабошии ҷангӣ қобилият ва қудрати воқеии артишро муайян мекунад ва бақои ҳар як кишвар бо мавҷудияти артиши он робитаи ногусастанӣ дорад. Ташаккули санъати размии Қувваҳои Мусаллаҳ сатҳи афзояндаи назария ва амалия дар омодагӣ ва гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ мебошад, ки бар асоси донишҳои илмии ҳарбӣ ва сатҳи баланди фарҳанги касбии ҳарбӣ асос ёфтааст.

Аз рӯзҳои аввали ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ, афсарони ҷузъу томҳои ин ниҳоди давлатӣ баробари дар сангарҳо ҷангидан ба танзими сохтори ташкилии размии худ машғул шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангӣ, беҳтар гардонидани шароити моддӣ-техникӣ ва боз ҳам хубтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ғамхории пайваста зоҳир менамояд.

Рушди маҳоратҳои размии ҷузъу томҳои кӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар сатҳи миллӣ ва дар бахши дастаҷамъии ҳамоҳангсозии кӯшишҳо барои муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва дигар

хатарҳои муосир ва таҳдидҳои дорои хусусияти ҳарбӣ ва харобиовар бо кишварҳои узви ИДМ дар доираи САД ба асос меёбад. Имрӯз терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст [8, с.515].

Яъне тақвияти силоҳ ва техникаи ҳарбӣ худ аз худ муваффақияти ҷангро муайян карда наметавонанд, балки «авлавияти тақвияти Артиши миллӣ, беҳтаркунонии сифатнокии ҳайати шахсии қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ зиракии баланди сиёсӣ ва баланд бардоштани омодагии размии онҳо ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии хусусияти умумии зиддиятҳои ҳарбӣ, самаранокии воситаи муборизаҳои мусаллаҳона, навгоникунонии сохтори қӯшунҳо, ҳамчунин, ҳаҷм, мазмун ва пайдарпайи қарорҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар омилҳо зарурати тағйирёбии шаклҳо, тарзҳо ва методҳои истифодабарии онҳоро пешакӣ муайян месозад. Барои артиши муосир сифати касбияти афсарон дар мадди аввал меистад. Оғози қарни муосир артиши Ироқ дар мубориза бо артиши ИМА нишон дод, ки мубориза бурдан ва ҷаҳди бесамар кардан ба муқобили артиши босавод ва касбӣ беҳуда ва бемаънӣ мебошад» [184].

Сифатҳои касбии ҳарбӣ, шахсияти афсарон аллакай дар раванди омодабошии касбии онҳо дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ташаккул меёбанд. Аммо такмилёбии устувор ба фаъолияти касбии зарурманди онҳо, ҳамчун мутахассисони касбӣ бевосита дар қӯшунҳо рух медиҳад.

Ба ҳамин тартиб, ҳамасола тибқи нақшаи ягонаи тайёрии ҷангӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳама гарнизонҳои ҷумҳурӣ, бо ҷалби раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат, шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ маҷмӯи машқҳои муштараки зиддитеррористӣ, тамринҳои васеи амалиётӣ-тактикӣ ва стратегӣ, машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ, ҷамъомади мудофиаи ҳудудӣ ва дигар чорабиниҳои низомӣ ташкилу ба роҳ монда мешаванд. Танҳо дар давоми соли 2017 дар тамоми гарнизонҳои ҷумҳурӣ беш аз сад ҳазор нафар шаҳрвандони дар

эҳтиёт қарордошта, ба ҷамъомаду машғулиятҳои гуногуни таълимӣ фаро гирифта шуданд. Илова бар ин, зиёда аз ҳазор адад техникаҳои зиреҳпӯши ҷангиву артиллерӣ, автомашинаҳои махсуси зиреҳдор, авиатсияи ҳарбӣ, автомашинаҳои боркашу нақлиётӣ дар машқҳои муштараки дохили кишвар истифода шуданд.

Батадриҷ баҳри ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак бо сохторҳои ҳамсони кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, пешгирӣ ва паҳншавии экстремизм ва сайқал додани маҳорату малакаи ҷангии ҳайати шахсӣ, чи дар ҳудуди Тоҷикистон ва чи берун аз он дар доираи созмонҳои бонуфузи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар сол тибқи нақша, пайваста машқҳои васеи муштараки ҳарбӣ низ гузаронида мешавад.

Хислати амалиёти ҳарбӣ дар замони муосир зери тағйироти куллӣ қарор мегирад. Акнун дар саҳнаи ҷангу мубориза нақши асосиро техника ва малакаҳое дар бар мегиранд, ки мавҷуд будани онҳо аз мансубият ба шумораи хизматчиёни ҳарбӣ вобастагӣ надорад [177, с.4].

Дар шароити азнавсозии Қувваҳои Мусаллаҳ муҷаҳҳаз гардонидан ба аслиҳаи замонавӣ ва техникаи ҳарбӣ, омода намудани кадрҳои ҳарбӣ ва баланд бардоштани малакаи тахассусии онҳо дурнамои афзалиятноки Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Илова бар таъминоти ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба яроқу аслиҳа, таваҷҷуҳ ба таълими машқҳои тактикӣ, омӯзиши идоракунии технологияи муосир, вокуниш ба вазъият, истифодаи роҳу усулҳо ва стратегияи муосир барои баланд бардоштани рӯҳия муҳофизони ватан самти муҳими тақвияти Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад.

Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1997), яъне оғози марҳилаи сеюми ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ, аз соли 1998 истифодаи инфрасохтори ҳарбии давлатҳо зери таваҷҷуҳи умумии давлатҳои иштирокчии ИДМ, пеш аз ҳама, дар гузаронидани чорабиниҳои муттаҳидаи омодабошии қӯшунҳои Қувваҳои

Мусаллаҳ (таълим, машқу тамринҳо, ҷамъомадҳо, дарсҳои таълимӣ–методӣ), озмунҳои байналхалқӣ доир ба омӯзиши дарсҳои саҳроӣ (ҳавоӣ, баҳрӣ) зиёд гардид.

Дар миёни онҳо машқу тамринҳои саҳроӣ «Марина Горка» (Ҷумҳурии Белорус), «Сары Шаган», «Гвардейский» (Ҷумҳурии Қазоқистон), «Телемба», «Ашулук» (Федератсияи Росия) ва дигаронро метавон номбар кард. Тайи солҳои охир давлатҳои иштирокчии ИДМ баҳри рушди ҷанбаҳои амалии ҳамкориҳои ҳарбӣ саъйю кӯшишҳои зиёд намуданд, ки ба афзоиши таваҷҷуҳи онҳо дар ҷодаи ҳамкорӣ доир ба масъалаҳои ташкилӣ (хизматрасонӣ) ва таъмири аслиҳа ва техникаҳои ҳарбӣ, таъминоти моддӣ–техникии қисмҳои низомӣ, муттаҳидкунонии қувваҳои мусаллаҳи давлатҳо–иштирокчии ИДМ дар ҷараёни гузаронидани машқу тамринҳо (озмунҳои байналхалқӣ ва дигар чорабиниҳо) мусоидат намуд [113, с.31].

Соли 2010 дар Тоҷикистон бо дастгириҳои молиявии ИМА баталони сулҳҷӯёнаи худӣ ташкил шуда буд. Аз соли 2012 оғоз намуда, он дар таълимҳо ва тамринҳои сулҷӯёнаи бисёрмиллӣ дар Муғулистон, Непал, Қазоқистон, Олмон ва ИМА иштирок намуд. Дар моҳи сентябри соли 2015 таълимҳо ва машқҳои гурӯҳӣ–ситодии мувофиқаткунанда «ҳамкориҳои минтақав» дар Тоҷикистон гузаронида шуданд. Барои таъмин ва омода кардани баталон то соли 2015 ҳукумати Амрико қариб 6,6 млн доллар ҷудо намуд [135, с.91].

Яке аз таҳдидҳои асосӣ ва ҷиддӣ дар фазои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ин интиқоли маводи мухаддир аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад. Ин масъала низ зери таваҷҷуҳи СААД мебошад, бинобар ин, аз соли 2003 маъракаи зиддимухаддиротии «Канал» ҳамасола гузаронида мешавад. Сухан дар бораи «амалиёти минтақавии зиддимухаддиротии доимоамалкунанда бо мақсади таъмини амнияти дастаҷамъӣ, муқобилияткунонӣ бар зидди кашонидан ва интиқол додани маводи мухаддираи истеҳсолгардида дар марзу буми Афғонистон

тавассути «Хатсайри Шимол» меравад. Дар соли 2018 номи «Канал–Хомаи реги сурх» - ро гирифт.

Дар натиҷаи гузаронидани амалиёт доир ба мутақобилакунонӣ бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ «Махфӣ–2018» дар миқёси давлатҳо–аъзоёни СААД зиёда аз 143 ҳазор вайронкунии қонунҳои муҳоҷиратӣ ошкор карда шуданд. Чорабиниҳои мазкур якумин маротиба ба сифати «Амалиёти доимии минтақавӣ» гузаронида шуда буд ва дар назар дошта шудааст, ки дар оянда боз гузаронида мешавад [197].

Яке аз эъломияҳое, ки аз тарафи давлатҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки Россия ва Чин қабул гардидааст, Эъломияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ аз тарафи сарони давлатҳои иштирокчии Созмони ҳамкории Шанхай–Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 15 июни соли 2001 дар Шанхай ба имзо расидааст. Конвенсия дар асоси нишондодҳои Оинномаи СММ, Изҳороти муштараки Алмаато аз моҳи июли соли 1998, Эъломияи Бишкек аз 25 августи соли 1999, Эъломияи Душанбе аз 5 июли соли 2000 ва Эъломия дар бораи ташкили «Созмони ҳамкории Шанхай» аз 15 июни соли 2001 таҳия гардидааст [127, с.99].

Ба ҳадафҳои давлатҳо–аъзоёни СҲШ дохил мешавад: таҳкими эътимоди байниҳамдигарӣ ва ҳамсоядӯстӣ миёни давлатҳо–аъзоён; мусоидат намудани онҳо ба ҳамкориҳои самарабахш дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ–иқтисодӣ, илмӣ–техникӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин маориф, энергетика, нақлиёт, сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист [195].

Вобаста ба ин, дар моддаи 2 Конвенсия чунин омадааст, ки «Тарафҳо мутобиқи ин Конвенсия уҳдадориҳои дигари байналмилалӣ ва ҳамчунин, бо дарназардошти қонунгузории миллии онҳо дар бахши пешгирӣ кардану ошкор сохтан ва қатъ намудани фаъолиятҳои дар банди 1-и моддаи 1-и Конвенсияи мазкур баёншударо анҷом медиҳанд. Дар муносибатҳои миёни худ тарафҳо фаъолиятҳои дар банди 1-и

моддаи 1-и Конвенсия сабтёфтаро чун ҷиноят арзёбӣ мекунанд. Конвенсия ба таври дастаҷамъӣ мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароиро дастгирӣ намуда, дар амри решакан кардани фаъолиятҳои террористон, ҷудоихоҳон ва ифротталабон нақши муассир мебозад» [70, с.3].

Нақши Ҷумҳурии мардумии Чин дар муқтадир гардидани СҲШ хеле калон аст. Шуруъ аз соли 1993 то соли 2010 Ҷумҳурии мардумии Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 18 миллион доллар ёрии ҳарбӣ–техникиро дастрас намуд. Дар таъмини омӯзишҳои ҳарбӣ–таълимии мутахассисон соҳаҳои бахши ҳарбӣ ва тренингҳои кӯтоҳмуддати артиши Чин аз миёнаҳои солҳои 90-ум то соли 2012 ҳамасола аз 30 то 50 мутахассис ба омӯзиш фаро гирифта мешавад [49, с.28].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1993-1997) Чин принсипҳои ҳукмронии сулҳу осоиштагиро пазироӣ намуда, ба корҳои дохилии Тоҷикистон дахолат накард [34].

Моҳи августи соли 2007 дар марзу буми вилояти Челябинск таълимҳо ва машқҳои пурмиқёсии шашгонаи мамлакатҳо–узви СҲШ гузаронида шуданд, ки номи «Уҳдадориҳои нигоҳдошти сулҳ–2007» - ро гирифт. Дар ин таълимот ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин тайёраи ҳарбии қиркунандаи–бомбаандози тамғаи JH-7, инчунин дигар навъи силоҳро ба намоиш гузошт [154, с.49].

Иштирок намудан дар чунин таълимот–машқҳо ҳангоми андӯхтани таҷрибаҳо, ки аз ҷониби дигар мамлакатҳо доир мегарданд, Ҷумҳурии мардумии Чин муҳим мешуморад [33].

Ҳамин тавр, аз соли 2006 ҳудуди мамлакатҳои СҲШ бо навбат таълимоти фармоишӣ–ситодии муттаҳидаи «Шарқ–зиддитеррор–2006», «Тян–Шан–2006», «Иссиқ–кул Зиддитеррор–2007», «Волгоград зиддитеррор–2008» баргузор шуд [154, с.150].

Чунин таълимот–машқҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронида шуданд: 17-19 апрели соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

таълимоти фармоишӣ–ситодии «Норак–зиддитеррор» ва дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ таълимотҳо–машқҳо бо номи «Уҳдадориҳои сулҳоварӣ» гузаронида шуданд: аз 8 то 14–уми июни соли 2012 дар машқгоҳи «Чорукдарон»–и Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим–машқҳои «Уҳдадориҳои сулҳоварӣ–2012» ки дар он қисмҳои низомии давлатҳо–аъзоёни Созмони ҳамкории Шанхай иштирок намуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои иштирокчии фаъоли СҲШ, дар Шурои сарони давлатҳо (дар солҳои 2008–2014) ва дар Шурои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳо – аъзоёни СҲШ (дар солҳои 2006, 2010, 2018) раисӣ кардааст [195].

Субҳи 22.07.2021 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллахи мамлакат бори аввал дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол 100 ҳазор нафар хизматчиёни ҳарбии Қуввахои Мусаллах ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 130 ҳазор нафар афсарону сарбозони ҳайати захираҳои сафарбарӣ, дар маҷмӯъ, 230 ҳазор нафар бо бонги хатар дар маҳалҳои муайяншудаи самтҳои амалиётӣ ҷамъ оварда, омодабошии ҷангии онҳо санҷида шуд ва 20 ҳазор нафар афсарону сарбозони ҳайати захираҳои сафарбарӣ иловатан барои пуррагардонии қисмҳои ҳарбии сарҳадбон ба минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фиристода шуданд [65, с.1].

Умуман дар даврони истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби афсарону сарбозон ҳазорҳо нафар мутахассисони соҳаҳои мухталифи силоҳу муҳимоти ҷангӣ, аз қабили нишонгир–снайперҳо, парашютистон, минаҷӯён, тирандозон, ронандаи экипажи техникаҳои вазнини зиреҳпӯши ҷангӣ, ҳавонавардони ҳарбӣ ва дигар ихтисосҳое, ки барои Артиши миллии Тоҷикистон заруранд, омода гашта, дар комиссариатҳои ҳарбӣ ба ҳайси неруҳои эҳтиётӣ ба қайд гирифта шуданд.

Пуррагардонии афсарони касбӣ дар Қуввахои Мусаллаҳ. Сафҳои Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан, аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, академияҳои ҳарбӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ таъмин карда мешаванд. Кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои олии мамлакат дар таъминоти кадрии ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллаҳ нақши ҳалкунанда дошта, қисми таркибии афсарони Қуввахои Мусаллаҳро омода менамоянд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки «Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи олии ҳарбии таълимӣ буда, муассиси он Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Маҳз тавассути заҳмату талошҳои ҳайати шахсии роҳбарияти Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати кадрии Вазорати мудофиа ва дигар воҳидҳои сохторҳои қудратӣ бо афсарони касбӣ пурра гардонида шуд. Илова бар ин, тадбирҳо ҷиҳати ҳамкориҳои гуногунсатҳи байналмилалӣ ба омоданамоии мутахассисони соҳаи ҳарбӣ заминаи хубе гардид, ки то имрӯз идома дорад. Айни замон, дар муассисаҳои таълимии олии ҳарбии кишварҳои дӯст, яъне академияҳо, тақрибан 600 курсант ва зиёда аз 120 нафар донишҷӯён илми ҳарбиро меомӯзанд» [200]. Танҳо дар донишкадаҳои ҳарбии Федератсияи Россия зиёда аз 80 нафар мутахассисони ҳарбӣ тайёр карда мешаванд [86, с.79].

Тадбирҳои саривақтӣ вобаста ба омода намудани мутахассисон дар ин мактабҳои олӣ имконият фароҳам овард, ки сафи навъҳои Қуввахои Мусаллаҳ, ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратӣ бо афсарони касбӣ пурра гардонида шаванд. Айни ҳол, дар муассисаҳои олии таълимии ҳарбии кишварҳои хориҷ наздики 800 нафар таҳсили илми низомӣ менамоянд, ки ҳайати онро курсантону шунавандагони Академияву омӯзишгоҳҳои олии ҳарбӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамкориҳои ҳарбии Вазорати мудофиа. Муддати кӯтоҳи таърихӣ кишварҳои зиёде истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд.

Маҳз, эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол имкон дод, ки Тоҷикистон бо 78 давлат муносибатҳои дипломатӣ, 75 кишвар муносибатҳои иқтисодӣ ва бо 21 давлат аҳдномаҳои дӯстӣ ва илмию фарҳангӣ барқарор намояд [10, с.13]. Дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои сатҳи гуногун ҳамкориҳои ҳарбӣ низ ба роҳ монда шуд.

Аз рӯйи таъиноти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал барои фиристодан ба донишгоҳҳои олии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо шумораи 70 нафар курсант–тирандозон, 40 нафар мутахассисони хизмати наҷотдиҳӣ аз садама ва сӯхтор интихоб карда шуда, ҳамчунин, барои таҳсил дар Донишгоҳҳои Федератсияи Россия 149 нафар, ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 66 нафар аз 20 то 30–юми сентябри соли 1993 амалӣ гашт [86, с.77]

Инчунин, ҳар сол афсарон ва курсантҳои тоҷик ба муассисаҳои таълимии ҳарбии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Чин, Покистон, Чехия барои омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили маҳорати касбӣ фиристода мешаванд. Қобил ба ёдоварист, ки «ҳамасола афсарон ва курсантони тоҷик ба муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Британияи Кабир, Канада, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Фаронса ва Амрико баҳри таҳсил, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи касбӣ фиристода мешаванд. Раёсати ҳамкориҳои ҳарбӣ–байналхалқии (РҲҲБ) Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ҳамчун шуъбаи муносибатҳои хориҷӣ дар ҳайати Раёсати корҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, дар давраи фаъолияти худ то соли 2013 80 аҳднома ва созишномаҳои дутарафа ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои узви ИДМ ва

хориҷӣ имзо намуд» [86, с.77-78]. РҲҲБ-ии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистоно ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникиро бо Вазоратҳои мудофиаи кишварҳои хориҷ ва созмонҳои байналмилалӣ асосан дар самтҳои мубодилаи иттилооту таҷрибаомӯзӣ дар мубориза бар зидди терроризму дигар зуҳуроти номатлуб, ташкили пайвастаи машқу унсурҳои мухталифи низомӣ, омодасозии афсарони касбӣ ва расонидани кӯмакҳои техникӣ ба Артиши ҷавони кишвар ба роҳ монда шудааст. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои самарабахшро бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумлаи СММ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), “Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Дастгирии кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи проблемаҳои минаҳо» ва дигар ташкилотҳои бонуфузи ҷомеаи ҷаҳонӣ густариш додааст.

Ҳадафҳои ташаккули «ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ ба як қатор омилҳо нигаронида шудаанд:

якум, омилҳои рушди амният ва ҳамсоягии нек, ки ба татбиқи нақшаҳои дарозмуддати стратегии давлатҳои аъзои ИДМ дар самти ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии давлатҳо мусоидат мекунанд;

дуюм, муштарак ба роҳ мондани афзалиятҳо ва манфиатҳои умумии миллӣ дар соҳаи таъмини амнияти ҳарбӣ ва ҳамкории ҳарбӣ–техникӣ;

сеюм, ҳамоҳангсозии муносибатҳо оид ба таъмини кафолати иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда ва аъзоёни оилаи онҳо;

чорум, татбиқи муштараки лоиҳаҳо дар соҳаи башардӯстона (таълими ҳарбӣ, фарҳанг, варзиш, фаъолияти илми тиб, кори бойгонӣ, ёдгориҳои ҳарбӣ ва ғайра);

панҷум, ташаккули симои мусбати муносибатҳои муштараки Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои аъзои САД ва дурнамои онҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ–техникӣ;

шашум, омӯзиши таҷрибаи ҳарбии хориҷӣ ва истифода бурдани он ба рушди Қувваҳои Мусаллаҳи миллии давлатҳои аъзои ИДМ;

ҳафтум, ҳамкорӣ дар самти омодасозии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, муштарак тайёр кардан ва нашр кардани асарҳои илмии ҳарбӣ ва илмию методӣ, рушд ва инкишоф додани усулҳои гуногуни таълими ҳарбӣ ба ҳисоб меравад» [162, с.22].

Айни замон Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 50 кишвар ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ–техникии дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ мондааст. Ҳамасола навгоникуниҳои Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста ба иқтидорҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Тибқи маълумотҳои SIPRI [218], дар рейтингҳои ҷаҳонӣ аз воридоти аслиҳа дар давраи аз соли 1994 то соли 2017 Тоҷикистон барои харидорӣ намудани яроқ зиёда аз 1 млрд. 42 млн. доллари ИМА сарф намудааст [168, с.28].

Ҷумҳурии мардумии Чин низ барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии калон расонид. Кумакҳои ҳарбӣ – техникии Чумҳурии мардумии Чин дар солҳои 1993 то 2010 зиёда аз 18 миллион долларо ташкил дод [163, с.199]. Ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникии миёни ҳарду кишвар аз рӯйи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ҳамкорӣ тавассути Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Вазорати мудофиа ва Вазорати корҳои хориҷии ҳарду давлат;
- омодасозӣ ва таълими кадрҳои ҳарбӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии олии ҳарбии Чин;
- таъминоти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо силоҳ ва техникаи ҳарбӣ, лавозимоти ҷангӣ.

Бояд қайд намуд, ки дурнамои ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин ба таҳкими минбаъдаи ҷанбаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ;
- густариши ҳамкории сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирии таҳдидҳо ба амнияти миллӣ;
- ҳамкории муштарак дар доираи ИДМ, СҲШ, САД ва дигар созмонҳои байналмилалӣ.

Раванди таълиму тарбия дар Қувваҳои Мусаллаҳ. Раванди таълиму тарбия дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми ҳамаҷониба фарогир аст, ки барои тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ ба чунин унсурҳои риояи интизоми ҳарбӣ, рушди донишҳои касбӣ, маҳорату малакаи касбӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ва фидокорӣ равона шудааст. Ин раванд омӯзиши қатъии ҳарбиро бо кори амиқи идеологӣ муттаҳид мекунад.

Тарбияи хислатҳои баланди ахлоқӣ ва ҷангӣ, ватандӯстӣ, садоқат ба савганди ҳарбӣ ва уҳдадории ҳарбӣ дар миёни хизматчиёни ҳарбӣ яке аз аввалиятҳо ба шумор меравад.

Дар мавриди интизоми ҳарбӣ ва садоқат ба савганди ҳарбӣ метавон қайд намуд: «интизом ва садоқат инҳо аслиҳаеанд, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ ҷойгоҳи хоси худро доро мебошанд. Ба роҳ мондани таҷрибаи таърихии ҳарбӣ муҳим аст, чунки истифодаи таҷрибаи таърихи ҳарбӣ ба баланд гардидани интизоми ҳарбӣ ва садоқат ба ватан, Артиши миллиро тақвият мебахшад. Артиши содиқ, вале беихтисос беҳтар аз артиши мутахассисоне аст, ки ба онҳо бовар кардан мумкин нест. Қувваҳои Мусаллаҳ, бояд ақидаҳои худро дар сатҳи баланди маънавӣ ва ҳувияти миллӣ коркард намуда нигоҳ дорад, ки ҳар як сарбоз барои он мубориза барад. Баҳри амаликунонии ҳамаи вазифаҳои мазкур ба афсарон танҳо командирони хуб будан, мутахассисони хуб будан, донистани корҳои хуби маҳорати идоракунонии қисмҳои низомӣ

нокифоя мебошад. Сифатҳои кабии афсарон бояд дорои иқтидори баланди маънавӣ, намуна барои зердастон бошанд. Чунин мафҳумҳо ба монанди шарафмандӣ, хоксорӣ, дастрасӣ, эҳтиром, нексиришт̄ӣ, боварино кӣ, хақиқатпарастӣ хоси афсарон бошанд» [122, с.9].

Раванди бунёдкориҳо дар Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пӯшида нест, ки солҳои аввали истиқлолият ҷузъу томҳои навтаъсиси Қуввахои Мусаллаҳ дар пойгоҳҳои муассисаҳои гуногуни давлатӣ таъсис ёфта буданд. Батадриҷ қисмҳои низомӣ вобаста ба ҳадафу вазифаҳои таъсису ухдадорӣ, аз ҳудуди пойтахт ва аз дигар мавзеъҳои наздик ба минтақаҳои аҳолинишин бароварда шуда, дар мавқеҳои стратегии мамлакат ҷойгир карда шуданд.

Раванди бунёдкориҳо дар Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон бо ду ҷанбаи зерин баррасӣ кард:

якум, азнавсозӣ–таъмин кардани кадрҳо ва тақвияти қобилияти мудофиавии артиш;

дуюм, рушди инфрасохтор ба монанди сохтмон, азнавсозӣ ва модернизатсияи шаҳракҳои низомӣ, посгоҳҳои сарҳадӣ, майдонҳои омӯзишӣ ва иншооти иҷтимоӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ.

Раванди рушди соҳаи ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ кардани Артиши Миллӣ ба мушкилоти муосири геополитикӣ пеш аз ҳама таҳдиду хатарҳои терроризм ва экстремизм равона шудааст. Дар раванди бунёдкориҳо рушди пойгоҳи моддию техникии артиш тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Аз ҷумла, сохтмони маҷмааҳои муосири низомӣ бо шароити беҳтари зиндагӣ барои сарбозон ва афсарон, ки бо низоми гармидиҳӣ ва таъминоти об ва ошхонаҳои муосир муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар доираи раванди бунёдкориҳо дар Қуввахои Мусаллаҳ рушди инфрасохтори сарҳади давлатӣ: сохтмони фаъоли нуқтаҳои нави сарҳадӣ ва навсозии нуқтаҳои назоратии мавҷуда, бисёр рушд намудааст. Ҳамчунин, маҷмааҳо ва майдонҳои омӯзишӣ: васеъкунӣ ва навсозии

марказҳои омӯзишӣ барои анҷом додани омӯзишҳои тирпарронии миқёси калон, манёврҳо ба роҳ монда шуд, ки чунин иқдомҳо боиси рушди маҳорату малакаҳои касбии хизматчиёни ҳарбӣ мегардад.

Дар бахши бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ: сохтмони биноҳои истиқоматӣ барои оилаҳои низомӣ, беморхонаҳои идоравӣ, клиникаҳо, кӯдакистонҳо ва маҷмааҳои варзишӣ низ дар мадди аввал гузошта шудааст.

Масъалаи таъмини хизматчиёни ҳарбӣ ва узви оилаҳои онҳо бо манзили истиқоматӣ доимо дар партави таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад: «тайи ин солҳо баҳри иҷрои ин мақсад аз ҷониби давлату ҳукумати ҷумҳурӣ корҳои зиёде амалӣ карда шудааст. Дар давоми ин солҳо дар ҳудуди ҳамаи вилоятҳо ва пойтахти кишвар танҳо аз Вазорати мудофиаи мамлакат наздики 600 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо бо манзили зист таъмин гардиданд ва бунёди хонаҳои истиқоматӣ ё худ шаҳраки низомиён барои афсарону оилаҳои онҳо ҳамоно идома доранд» [99, с.274].

Рушди варзиш дар Қувваҳои Мусаллаҳ. Бо мақсади ҷисман обутоб ёфтани афсарону сарбозон, баланд бардоштани маҳорату малакаи ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ аз соли 2003 дар тобеияти Вазорати мудофиа Клуби марказии варзишии артиш (КМВА) амал мекунад.

Бо вуҷуди дастовардҳои сатҳи гуногун дар Қувваҳои Мусаллаҳ раванди ба вуқуъ пайвастани ҳаводису воқеаҳои як қатор давлатҳо ва идомаи ҷангҳои харобиовар дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон водор менамояд, ки ба ислоҳу азнавсозии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҳарвақта дида таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоем. Дарвоқеъ, Қувваҳои Мусаллаҳ ниҳодест, ки аз ҳама вазифаҳои муҳимдоштаро ҷиҳати нигоҳдории истиқлол ва тамомияти арзии давлат иҷро менамоянд. Табиист, ки қисми таркибии воситаю маблағҳои давлатӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳ, устуворӣ ва тақвиятёбии онҳо сарф карда мешавад..

Тайи 30 соли истиқлоли давлатӣ дар Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр тағйирот ва дигаргуниҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Таълимоти назарияи ҳарбӣ–сиёсӣ–Доктринаи ҳарбӣ коркард гардид, ки баҳри ҳимояи якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодабошии ҳимояи мусаллаҳонаи мамлакат ва халқ то ин давра нақши муҳимро мебозад. Мақсади асосии давраи аввали таъсиси Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани қувваҳои ҳарбие буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии сарзамин ва оромии ҳаёти осоиштаи мамлакатро дошта бошад [57, с.3].

Таҳаввулоти Қуввахои Мусаллаҳ бо навсозии пайваста ва мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи геополитикӣ амалӣ мегардад. Паз аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997 гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ иқдомҳои наҷиб ба вуқуъ пайваст. Дар ин давра дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд вазифаҳо барои тақвияти Артиши миллӣ гузошта шуд: ташкили артиши касбӣ; навсозии аслиҳа ва техникаи зиреҳии размӣ; баланд бардоштани омодагии размии ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллаҳ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба «тақвияти иқтидори минбаъдаи Қуввахои Мусаллаҳ дар назди худ якчанд вазифаҳоро гузоштааст:

якум, такмили сохтор ва фаъолияти Қуввахои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

дуюм, тақвияти заминаҳои моддию техникии Қуввахои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

сеюм, омодабошии доимии размии ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

чорум, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии дохил ва хориҷи мамлакат ва ба кадрҳои ҷавони ба талаботи замона ҷавобгӯй, таъмин намудани ҷузъу томҳои низомӣ» [63, с.2].

Вобаста ба масъалаи аввал бо итминон гуфта метавонем, ки Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди навсозӣ, аз ҷумла такмили аслиҳа, беҳбудии инфрасохтор ва афзоиши шумораи кадрҳои касбии низомиро идома медиҳад.

Барои тақвияти иқтидори Қуввaҳои Мусаллаҳ аз ҳама муҳим на тарзи ташкил намудани вай, на омодасозии сарбозон ва сержантҳо, балки касбияти афсарон мавқеи аввалро ишғол мекунад.

Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ барои таъсис додани Қуввaҳои Мусаллаҳ ва бо шароити зарурӣ таъмин кардани онҳо тамоми чораҳои имконпазирро амалӣ гардонид, то ин ки Артиши миллӣ, ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба неруи воқеан муосир ва ҳомии истиқлолу озодии давлати тоҷикон, сулҳу оромӣ, амнияти давлату ҷомеа ва зиндагии орому осудаи мардуми тоҷик табдил дода шаванд.

Ҳамкории Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазоратҳои мудофиаи кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, асосан, дар самти табодули иттилоот ва таҷриба дар мубориза бо терроризм ва дигар падидаҳои манфӣ, ташкили машқҳои гуногуни ҳарбӣ, тайёр кардани афсарони касбӣ ва расонидани кумаки техникӣ ба артиши ҷавони кишвар ба роҳ монда шудааст. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои байналмилалӣ густариш медиҳад.

Яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти Ҳамкориҳои ҳарбӣ-байналхалқии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин такмили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд: «то соли 2013 аз ҳисоби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии дохили кишвар 14 ҳазор нафар ва аз ҳисоби онҳое, ки таҳсилро дар мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ хатм кардаанд, зиёда аз 2600 нафар барои хизмат ба сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат фиристода

шудаанд. Ҳоло 3000 нафари дигар дар мактабҳои олии ҳарбии мамлакатамон ва 1100 нафари дигар дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳсили худро идома дода истодаанд [86, с.15]. Дар ин самти пешбурди ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ барои тайёр намудани мутахассисон–ба мисоли Ҷумҳурии мардумии Чин (зиёда аз 40 нафар), Ҷумҳурии Ҳиндустон (зиёда аз 60 нафар), Британияи Кабир (ҳар сол 2 нафар), Канада (8 нафар), Ҷумҳурии Федералии Олмон (9 нафар), Фаронса (35 нафар) ва ИМА (4 нафар) таҳсили ҳарбиро идома дода, баъди баргашт дар сохторҳои амниятии мамлакат хизмат менамоянд. Бо ҳамкории масъулини вобастаи низомии давлатҳои Фаронса, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Федералии Олмон ва Амрико дар Донишкадаи ҳарбӣ ва литсейҳои ҳарбии ҳудуди кишвар курсҳои махсуси омӯзиши забонҳо ташкил ёфтаанд, ки мақсади асосии онҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба низомиён мебошад» [74, с.4].

Мутобиқи қарори Шурои Вазирон аз 23–юми июни соли 1993 шуъбаи қӯшунҳои муҳандисӣ ташкил карда шуд. Баъдтар бо қарори Шурои Вазирон аз 26 августи соли 1994 раёсати қӯшунҳои муҳандисӣ таъсис дода шуда, айни замон он дар сохтори Ситоди генералии Қуввахои Мусаллаҳ фаъолият мекунад. Қӯшунҳои мазкурро ҳангоми муноқишаҳои ҳарбӣ убури монеаҳову бартараф кардани онҳо ва бехавфсозӣ аз минаҳо ба ӯҳда доштанд. Барномаи рушди «Дастгирии саъйҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи мушкилоти мина» ва дигар созмонҳои муътабари ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд [200].

Ҳамин тавр, вобаста ба масъалаи фавқ бояд таъкид намуд: «майдони ҳарбу зарби имрӯз танҳо иборат аз тиру туфанг нест. Вазъи нооромии ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, қабл аз ҳама, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

сатҳи баланди омодабошии ҷангӣ, маҳорату малакаи касбӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб менамояд».

Дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти иттифоқҳои низомии байналмиллалӣ афзоиш хоҳад ёфт. Рушди илми ҳарбӣ бештар ба эҷоди технологияҳо ва стандартҳои муштарак барои таҳкими мудофиа дар сатҳи байналмилалӣ нигаронида мешавад.

Дурнамои рушд ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ аз бисёр омилҳо, аз ҷумла навовариҳои технологӣ, тағйироти вазъи сиёсии ҷаҳон ва зарурати мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои нав вобаста аст. Муҳимтарин самт ин рушди зеҳни сунъӣ, силоҳи киберӣ, технологияҳои кайҳонӣ, низоми автоматикунонӣ ва такмили тиб хоҳанд буд. Ин пешрафтҳо барои Қувваҳои Мусаллаҳи дар оянда, ки самараноктар, чандиртар ва аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаанд, заминаи беҳтаре фароҳам меорад.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ ба нигоҳ доштани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, таҳкими тадбирҳои эътимод ба ҳамдигар, рушди қӯшунҳои Қувваҳои мусаллаҳи миллӣ, таъмини амнияти миллии давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси робитаҳои васеи шарикӣ нигаронида шудааст.

Вобаста ба масоили беҳтаркунонии таҷҳизоти техникии Қувваҳои Мусаллаҳ метавон зикр намуд, ки «баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки истиқлолият ба даст оварданд, ояндаи неки худро ҷустуҷӯ мекарданд. Дар дурнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ин давлатҳо дар сатҳи иқтисодӣ се кишвари абарқудрат – Россия, Чин ва Ҳиндустон таъсири назаррас доранд. Дар миёни шарикони рушд ва стратегии Тоҷикистон–Россия ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Дар сарзамини Тоҷикистон низоми назорати фазои кайҳонии Россия ҷойгир кунонида шудааст. Ин иншоот барои амнияти Россия ва иттифоқчиёнаш муҳим мебошад, ҳамчунин, Дивизияи мототирандозии 201–и Россия ба Душанбе, Кӯлоб ва Қурғонтеппа оварда шуд, ки ҳайати он иборат аз 8 ҳазор нафар, 128 танкҳои тамғаи Т-72, 314 мошинаҳои

ҳарбии барои қӯшунҳои пиёдагард ва техникаҳои зиреҳпӯш, 120 адад дастгоҳҳои артиллерии худгард ва воситаҳои худӣ барои қӯшунҳои сарҳадӣ буд [158, с.54].

Нашри асарҳои ҳарбӣ-назариявии классикони ҳарбӣ ва олимони ҳарбии муосири хориҷӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни тахассуси ҳарбӣ камтар ба назар мерасад, чунки: «дурнамои инкишоф ва тақвияти илми ҳарбӣ аз бисёр омилҳо, аз ҷумла инкишофи технологӣ, тағйироти муҳити геополитикӣ, зарурати таҳияи стратегия ва тактикаи нав, таҳияи технология ва равишҳои нави мудофиа вобаста аст, ки омилҳои дар боло зикргардида, метавонанд ба сохторҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва илми ҳарбӣ таъсир расонанд».

Инкишофи технологияи муосир ва навоварии илмӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ аз зеҳни сунъӣ ва омӯзишу истифодаи технологияи иттилоотӣ барои таҳлили маълумот, қабули қарорҳо, автоматикунонии низоми размӣ ва баланд бардоштани самаранокии фармон ва назорат аз болои ҳамаи ҷузу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Ин метавонад ҳам низоми мустақили бесарнишин ва ҳам системаҳои фармондеҳии зеҳниро дар бар гирад. Бо дарназардошти тағйирёбии доимии стратегияи ҳарбии давлатҳои бузурги дунё, аҳаммияти мафҳуми ҷанги гибридӣ (омезиши ҷанги анъанавӣ бо ҳамлаҳои киберӣ ва иттилоотӣ, фишори иқтисодӣ ва дигар усулҳои ғайримуқаррарӣ) афзоиш хоҳад ёфт, ки ин вазъият аз роҳбарияти мақомоти қудратӣ ва Қувваҳои Мусаллаҳ тақозо мекунад то дар омодагӣ ва мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои нав, аз қабили ҷанги иттилоотӣ ва қаллобии афкори ҷамъиятӣ дар эҷоди усулҳои мубориза дастовардҳои иноватсиониро ҷорӣ намоянд.

Такмили таёрии ҷангии ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ аз омилҳои ҷисмонӣ, равонӣ, омӯзишу тачриба вобаста аст. Омилҳои мазкур якдигарро пурра менамоянд. Масалан бе ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, ҳатто таҷҳизоти муосир бесамар мегарданд.

Ҳамин тариқ, ҳаҷми маводҳо вобаста ба мавзуи мазкурро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

- чораандешӣ намудан ба вазъи маишии хизматчиёни ҳарбӣ, ҷойгиршавии мавқеи иқоматии сарбозон, экологияи қисмҳои низомӣ, ки меҳвари аслии таваҷҷуҳи ҷомеа ба шумор мераванд;

- ба роҳ мондани чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани нуфузи хизмати ҳарбӣ ва касби ҳарбӣ;

- таҳияи Донишнома барои даъватшавандагон ҷиҳати омӯзиши асосҳои тайёрии ҳарбӣ;

- бо мақсади шиносоӣ ба ҳаёти сарбозон ва иштирок дар чорабиниҳои ҷашнӣ сафарбар намудани донишҷӯён ба қисмҳои низомӣ;

- ташаккули омӯзиши илмҳои педагогӣ ва психологияи ҳарбӣ дар миёни ҳайати шахсӣ (алалхусус, афсарон);

- ба роҳ мондани фаъолияти илмӣ–таҳқиқотӣ вобаста ба вазъи ҷиноятӣ ва сабабҳои он дар ҳама воҳидҳои қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ;

- омода кардани тахассуси равоншиносӣ барои қисмҳои ҳарбӣ.

Рушди минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ ба омилҳои рушди заминавии илми ҳарбӣ, аз ҷумла бартараф намудани вазъи ногувори моддию техникии иншоотҳои варзишӣ, ки сарчашмаи аслии омодабошии ҷисмонии даъватшавандагон ба Қувваҳои Мусаллаҳ аст, мавҷуд набудани синфхона ё кабинети фаннӣ омодагии дифои ҳарбӣ бо овезаҳои мавзуи дарсӣ, майдончаи сафороӣ масъалаи хело ҳам камаҳаммият гардидаанд. Таълими фанни омодагии дифои ҳарбӣ дар аксари мактабҳо дар муқоиса ба даҳаи 90–уми асри XX қафо мондааст.

Масоили марбут таҳким ва **рушди Қувваҳои Мусаллаҳро** таҳлил намуда, метавон арзёбӣ намуд, ки яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ тақвияти иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ аҳаммияти бузурги стратегӣ ва маънавӣ дорад. Дар асоси сиёсати паёму суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хулосаи ин масъаларо метавон дар якчанд нуқтаи асосӣ ҷамъбаст кард:

Якум, ватандӯстӣ – ҳамчун пояи устувори давлат ва омили асосии амниятӣ миллӣ маҳсуб ёфта, он дар суханрониҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардида, дар замири ҷавонон садоқат ба Ватан, ҷанбаи аслӣ маҳсуб ёфта, нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ бе тарбияи чунин ҷанбаҳо номумкин арзёбӣ мегардад.

Дуюм, натиҷаи ислоҳоти ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ки дар марҳилаҳои ташаккули худ амалӣ гардида, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба як артиши касбӣ ва муосир табдил ёфтааст.

Сеюм, рушди минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ танҳо дар сурати дастгирии ҳаматарафаи ҷомеа ва боло рафтани нуфузи хизмати ҳарбӣ дар байни ҷавонон имконпазир аст. Бо назардошти ҷанбаҳои кунунии рушди соҳаи ҳарбӣ, барои тақвияти Қувваҳои Мусаллаҳ дар марҳилаи кунунӣ, зарур аст, ки :

– эҷод ва нашри адабиёти марбут ба соҳаи ҳарбӣ-таърихӣ;

–ташаккули зиракии сиёсӣ ва омодагии доимии ҷангӣ, тарғиби муборизаи дастаҷамъона бар зидди хатарҳои муосири геополитикӣ: экстремизм ва терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, омилҳои коҳишдиҳандаи ахлоқи касбӣ.

Ҳамин тариқ, таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он нигаронида шудааст, ки Артиши миллӣ ҳамчун самти ташаккули ватандӯстӣ ва кафили сулҳу субот, сипари боэътимоди Ватан маҳсуб ёфта, рушди минбаъдаи ин ниҳоди давлатӣ на танҳо дар рушди техника, балки дар иродаи қавӣ ва худогоҳию худшиносии миллии ҳар як хизматчии ҳарбӣ таҷассум меёбад.

3.2. Низоми омодасозии кадрҳо ва тарбияи ватандӯстӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳ

Дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки бо бархурди манфиатҳои геополитикӣ асос ёфтааст, таъмини ҳифзи истиқлоли давлат аз сатҳи баланди касбият, ҳамоҳангӣ ва омодагии доимии мақомоти ҳифзи сохторҳои қудратиро тақозо мекунад. Ташкили муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳ ҳамчун омили тайёр кардани кадрҳои баландихтисос нақши бисёр калон доранд.

Дар марҳилаи аввали таъсисёбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992–1993) ҳукумати мамлакат бо мушкилоти шадиди набудани мутахассисони касбии миллӣ ва пойгоҳи мустаҳками моддию техникии таълимӣ рӯ ба рӯ буд. Бо дарки амиқи ин вазъ, Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи омода намудани кадрҳои миллӣ ва таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбиро ба ҳайси яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мудофиа муайян намуданд.

Баъди пошхӯрии ИҶШС дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон омӯзишгоҳи ҳарбӣ мавҷуд набуд. Бинобар ин моҳи сентябри соли 1992 зарурати омода намудани кадрҳои миллии ҳарбӣ ба миён гузошта шуд, аммо шиддати ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боиси дар рушди камранги ин муассиса гардид.

Баъд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таҳти роҳбарӣ ва дастгирии бевоситаи Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инфрасохтори муҳими таълими ҳарбӣ дар кишвар бунёд карда шуд, ки нахустин муассисаи таълимии омодасозии кадрҳои ҳарбӣ – Коллеҷи муҳандисию фармондеҳии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин даргоҳ ҳамчун маркази асосии омодасозии афсарон бо тахассуси мухталифи низомӣ таъсис ёфта, дар самти рушди Қуввaҳои Мусаллаҳ нақши калидӣ дорад.

Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ҳамқадами Истиқлоли давлатӣ буда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 1992, №УП-198, ҳамчун Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ-муҳандисии Тоҷикистон (Қарори Кабинети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба масъалаҳои Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ-муҳандисии Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе аз 3-юми октябри соли 1993, №404), дар пойгоҳи собиқ Техникуми геологӣ ташкил гардида, баъдтар ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табдил додани Коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми апрели соли 2002, №195) табдил ёфтааст [60, с.2]. Аз рӯзҳои нахустини таъсиси Коллеҷ ҳайати роҳбарии он ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Зарур буд, ки масъалаи ташаккули муассиса, бо ҳайати афсарон, омӯзгорони дорои унвони илмӣ пурра гардонидани он, омода намудани курсантҳо дида баромада шавад.

Соли 1993 дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, аммо бо ин нигоҳ накарда, комиссияи қабули коллеҷ ташкил ёфт ва ба фаъолият пардохт, ки дар натиҷа 1575 ариза барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба унвони муассиса ворид гардид [94, с.91].

Бо қарори комиссияи мандатӣ ба мақсади таъмини ҷараёни таълим дар давраи аз 1 то 15 январи соли 1993 барои гузаштани хизмати ҳарбӣ 61 нафар хизматчии ҳарбӣ даъват шуданд. Ду ротаи курсантӣ ва як ротаи таъмини ҷараёни таъмир таъсис дода шуданд.

Тайёрии курсантҳо аз рӯйи барномаи взводҳои тирандоз, муҳандисони истифодаи техникаи автомобилӣ ва зиреҳпӯш бо муддати таҳсилаш 4–сол ба нақша гирифта шуда буд.

Ҳангоми пуррагардонии ҳайати шахсӣ 18–уми январи соли 1993 ба коллеҷ 11 нафар хизматчиёни баъд аз хизмати мукарраршуда, 29

нафар коргарон ва хизматчиён, аз ҷумла 11 нафараш аз ҳайати профессор – омӯзгорони кафедраи маълумоти умумӣ, ба кор омаданд.

23–юми феврали соли 1993–рӯзи таъсиси Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон курсантҳо ва сарбозони коллеҷ савганди ҳарбӣ қабул карда, дар ботантана гузаронидани намоиши паради ҳарбӣ иштирок намуданд.

Аз 1–уми апрел то 30–юми июни соли 1993 курсантҳо машғулиятҳояшонро мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро менамуданд.

То давраи 10 солагии ташкилёбии Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори пойгоҳи моддию техникии Коллеҷи ҳарбӣ такмил ёфта, он дорои 2 хобгоҳи барои 740 ҷой, клуб, ошхона барои 550 нафар таҷҳизонида шуд. Аз 12–уми июли соли 1993 омода намудани афсарон ва прапоршикон – ҳамчун мутахассисон барои Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуданд:

- курсҳои 6-моҳаи командирони ротаҳои тирандоз (танкӣ);
- сардорони ситодҳои баталонҳо;
- курсҳои 3-моҳаи командирони взводҳои тирандоз (танкӣ);
- курсҳои 2-моҳаи старшина ва техникҳои калони ротаҳо.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6–уми марти соли 1995 таҳти №181 бо мақсади абадӣ гардонидани номи Сангак Сафаров, ки барои ҳимояи сохти Конститутсионӣ хизмати арзанда намуда буд, ба Коллеҷ номи ӯ гузошта шуд.

Ҳайати шахсии Коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон дар радифи хизматҳои шоён ва таълиму тарбияи курсантону шунавандагон, мувофиқи талаботи Фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11–уми майи соли 1996 дар ҳайати ротаи муттаҳидаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби қисмҳои гарнизони шаҳри Душанбе барои иҷрои супоришҳо дар муҳорибаҳо алайҳи ҷиноятқорон иштирок намуданд [94, с.93].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табдил додани Коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон ба Донишкадаи ҳарбии

Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30-юми апрели соли 2002, №195) номи муассисаи таълимӣ иваз карда шуд. Нахустин донишҷӯёни Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ–муҳандисӣ дар рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон, яъне 23–юми феврали соли 1993 савганди ҳарбӣ ёд намуда, дар намоиши ботантана ба ин муносибат фаъолона ширкат варзиданд» [60, с.2].

Айни замон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Раёсат, шуъба, хадамот, факултет, кафедра, сикл, маркази таълимии «Тоҷмаҳал», филиали Донишкадаи ҳарбӣ дар шаҳри Хуҷанд ва Маркази курси такмили ихтисоси бозомӯзии афсарон иборат буда, дар он афсарон ва кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ, инчунин, адъюнтону унвонҷӯён фаъолият менамоянд.

То ба имрӯз аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ҳамасола аз рӯи 18 ихтисос зиёда аз 200 афсари касбӣ мутахассис, омода менамояд [77, с.83].

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ имкон фароҳам омад, ки ҳайати кадрии Вазорати мудофиа ва дигар воҳидҳои сохторҳои қудратӣ бо афсарони касбӣ пурра карда шаванд. Бояд ёдовар шуд, ки то соли 2000 тибқи нишондодҳо Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ –муҳандисии Тоҷикистон бо саъю кӯшиши ҳукумати ҷумҳурӣ, ҳайати кадрии афсарии Қувваҳои Мусаллаҳро то 25% таъмин намуд [67, с.3].

Ҳамасола аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Тоҷикистон зиёда аз 200 афсари касбӣ аз рӯйи 14 (дар соли 2025 – 2026 аз рӯйи 20 ихтисос) ихтисос омода гардида, ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ фиристода мешаванд:

- Истифодабарии ҷузъу томҳои савораи тирандоз;
-Истифодабарии ҷузъу томҳои десантӣ-хавоӣ;
-Афсар оиди кор бо ҳайати шахсӣ;
-Истифодабарии ҷузъу томҳои сапёри-муҳандисӣ;
-Истифодабарии ҷузъу томҳои артиллерӣ;

-Истифодабарии ҷузъу томҳои разведкавӣ;

-Истифодабарии ҷузъу томҳои таъмири техникӣ;

- Пилот-муҳандис;

- Афсари идоракунии ҷангӣ;

- Истифодаи техникии тайёраҳо ва муҳаррикҳо;

- Истифодаи таҷҳизоти техникаи ҳавопаймо;

- Истифодаи таҷҳизоти радиоэлектронии техникаи ҳавопаймо;

- Истифодаи техникаи аслиҳаи техникаи ҳавопаймо;

- Иҷрокунандаи сози дирижёри оркестри ҳарбӣ–нафасӣ омода гардида, ба сафҳои Артиши миллӣ равон карда мешаванд [77, с.83].

Маҳз, бо кӯмаку дастгириҳои пайвастаи сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ҷашни 30–солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон (соли 2021) «Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3000 нафар мутахассисонро омода карда, дар қисму воҳидҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон вазифаҳои роҳбариро бар уҳда доранд. Ҳоло дар Донишкадаи ҳарбӣ, Литсейи ҳарбӣ ва қисму воҳидҳои низомии тобеи Вазорати мудофиа беш аз 120 нафар ятимони кул ва бепарасторон ба қайд гирифта шудаанд, ки як қисми онҳо ба ҳайси донишҷӯ таҳсил намуда, қисми дигарашон ба ҳайси сарбоз хизмат менамоянд ва баъди адои хизмат ба кори доимӣ таъмин мешаванд Аз ҳисоби хатмкунандагони Донишкадаи ҳарбӣ, ки ҳамасола беш аз 200 нафар афсарони касбӣ аз рӯйи 20 ихтисос хатм менамоянд, наздики 4-ҳазор нафар ба ҳайати ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа ва дигар сохтору мақомоти қудратии кишвар шомил гардидаанд» [99, с.223-230].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қишрҳои осебпазири ҷомеа, ятимон ва кӯдакони бепарасторро пайваста таҳти ғамхории падарона ва таваҷҷӯҳи доимии хеш қарор медиҳанд.

Ташкили Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қадамҳои муҳим ва стратегии ҳукумати кишвар дар соҳаи бунёди Қуввaҳои Мусаллаҳ ва тарбияи кадрҳои ба Ватан содиқ ба шумор рафта, зарурати таъсиси ин муассисаи таълимӣ бо як қатор омилҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбӣ асос меёбад, ки он ҳамчун ибтидои омода кардани наврасон ба касби хизмати ҳарбӣ мебошад. Фаъолияти муассиса имкон медиҳад, ки хонандагон аз синни мактабӣ бо асосҳои илмҳои ҳарбӣ, интизом ва руҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳимояи истиқлолият ва манфиатҳои давлатӣ ба воя расида, баъди хатми он таҳсилашонро дар Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва дигар муассисаҳои олии ҳарбии дохилӣ ва хориҷӣ идома дода, ҳамчун афсарони ояндадор ба артиш ворид шаванд.

Муассисаи таълимии мазкур дар заминаи Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №38 аз 4–уми феврали соли 1999 дар пойгоҳи мактаб-интернати махсуси ҷумҳуриявӣ, ки 29 июни соли 1985 таъсис ёфта буд ва роҳбарии онро Алтшулер Файвел Мордухович ба уҳда дошт, ташкил карда шудааст [86, с.472].

Бо фармони Шурои Вазирони ҷумҳурӣ 29 декабри соли 1989 таҳти рақами №217 мактаб – интернати махсуси ҷумҳуриявии № 1 ба номи генерал–майор Тошмуҳаммадов Мастибек Давлатович гузошта шуд [94, с.94]. Аз рӯзи таъсис сарварии литсейро генерал–майор Ҷонов М., полковник Ҳайдаров И., полковник Ҳаитов Э.Ҳ., полковник Эгамов М., полковник Хишратбеков Т. ба уҳда доштанд. Дар давраи фаъолияти литсейи мазкур ҳазорон нафар хонандагон онро хатм намуданд, ки дар заминаи фаъолияти босамари ин боргоҳи таълимӣ то соли 2011, 1801 – нафар хонандагони лаёқатманд ба Ҷумҳуриҳои Россия, Украина, Қазоқистон, Ҳиндустон ва Озарбойҷон фиристода шуданд [86, с.472].

Дар марҳилаи сеюми ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳ (1997 инҷониб), беш аз 3700 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ муассисаҳои ҳарбии

мамлакат ва беш аз 1300 нафар мактабҳои ҳарбиро дар хориҷи кишвар хатм намуданд, ки ба ҳайати ҷузъу томҳои низомии мамлакат ворид карда шуданд [8, с.253].

Соли 1992 беш аз 60 % кормандони мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти тахассусӣ надоштанд. Ҳамчунин тағйироти ҷиддӣ дар назария ва амалияи кори оперативӣ зарурати такмил додани тайёрии кадрҳоро ба миён оварда, дар низоми Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани Маркази таълимӣ қарор қабул карда шуд, ки ин қарор барои ташкили низоми омодасозии кадрҳои соҳа қадами аввалин гардид. Дар натиҷаи амалӣ гардонидани чораҳои ташкилӣ ҳанӯз моҳи феврали соли 1993 курсҳои якмоҳаи таълимӣ ба кор шуруъ карданд. Дар асоси талаботи вазъияти сиёсию фаврии ҷумҳурӣ омодасозӣ ва бозомӯзии кормандонро дар курсҳои думоҳа, семоҳа ва панҷмоҳа бо теъдоди зиёд амалӣ мекард. То моҳи январи соли 1997 Маркази таълимӣ дар низоми омодасозии кадрҳо мақоми арзандаро касб намуда, ҳамон сол ба муассисаи олии таълимии дусола табдил ёфт [99, с.254].

Бо фармони Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти №216 аз 15-сентябри соли 2001 аввалин маротиба дар мамлакат Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ташкил карда шуд, ки он барои Қӯшунҳои сарҳадӣ афсаронро бо тахассусҳои гуногун омода мекунад. Баъди хатми омӯзишгоҳ ҷавонони хатмкунанда соҳиби маълумоти соҳавӣ ва ҳуқуқшиносӣ мегарданд. Муҳлати омӯзиш чор сол буда, хатмкунандагон бо рутбаи лейтенантӣ баромада, ба дифои марзи ҷумҳурӣ ба хизмат мераванд [83, с.6].

Омӯзишгоҳи Олии сарҳадӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 123/5 аз 19–уми марти соли 2007 Донишкадаи олии сарҳадӣ номгузорӣ шуд, ки дар ин муассиса аз руйи 4 ихтисоси марзбонӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд. То имрӯз Донишкадаи олии сарҳадиро 1100 нафар ҷавонписарон ва 10 нафар духтарон хатм

намуданд, ки аз ин теъдод 26 нафар соҳиби дипломи сурх мебошанд [99, с.231].

Кафедраҳои ҳарбии назди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар дар таҳкими иқтидори Артиши миллӣ, хусусан омодасозии захираҳои сафарбарии кадрҳои афсарӣ, таълими ҳарбӣ–ватандӯстӣ, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ барои ҳимояи Ватан, ҷалби собиқадорони мақомоти низомӣ ва мутахассисони соҳа, пешбурди раванди таълими ҳарбӣ ва таҳқиқоти соҳавӣ, нақши муҳим ва мутаносибро иҷро намуданд. Нуқтаи калидии мавҷудияти кафедраҳои ҳарбӣ дар он аст, ки ба донишҷӯёни макотиби олӣ имкон медиҳанд, ки дар баробари соҳиб шудан ба тахассуси хеш, ҳамзамон дониши ҳарбӣ гирифта, ба рутбаи хурди афсари эҳтиётии Қуввaҳои Мусаллаҳ соҳиб шаванд.

Яке аз нахустин кафедраҳои муассисаҳои олии таълимии кишварамон–кафедраи ҳарбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ба шумор меравад, ки дар замони Ҳокимияти Шуравӣ ташкил ёфта, то соли 1991 барои Қуввaҳои Мусаллаҳи ИҶШС 12 ҳазор афсарони эҳтиётиро тайёр намудааст. Дар замони истиқлолият роҳбарии кафедраро полковник Бектошов А. (1993-1996), полковник Шарифов Ю. (1996–1998), полковник Ҳаитов Э. (1998 -2001), полковник Салимов А. (2001–2008) ва полковник Бутаев Г. ба уҳда доштанд [208, с.108]. Аз соли 1991 то соли 2016 кафедраи ҳарбиро 14379 донишҷӯёни Донишгоҳи мазкур хатм намуда, маълумоти дуюм–афсари эҳтиётии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифтанд. Ба кафедра донишҷӯёни курсҳои 2-4 ҷалб гардида, машғулиятҳои тайёрии ҳарбӣ дар қисмҳои низомӣ ба муддати 30 шабонарӯз муайян карда шудааст. Дар кафедраи ҳарбӣ таълимот бо ду ихтисос:

- 021001 «Командири взвод дар мошинҳои зиреҳпуши ҷангӣ»;

- 420100 «Ҷонишини командири рота оид ба қисми техникӣ» ба роҳ монда шудааст [88, с.204].

Кафедраи ҳарбии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино низ афсарони эҳтиётиро дар ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба роҳ мондааст, ки аз соли 1994 инҷониб он аз рӯйи се ихтисоси бақайдгирии ҳарбӣ:

- афсарони эҳтиётии муолиҷавӣ.

- дорусозӣ.

- духтури дандонсозиро тайёр мекунад.

Кафедраи ҳарбии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои тайёр намудани донишҷӯён аз рӯйи ихтисоси «Командири взводи миномётӣ» дар ҳамаи ихтисосҳои Донишгоҳ ба роҳ монда буд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ манбаи омоданамоии кадрҳои афсари эҳтиётии Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб рафта, дар ин ҷо чор ихтисоси соҳаи ҳарбӣ ба роҳ монда шудааст:

- командири взводи савораи тирандоз дар мошинҳои зиреҳпӯши Қӯшунҳои хушкигард мансуб буда, тахассусҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, таърих, филология, фалсафа ва журналистикаро дар бар мегирад; командири взводи радиоалоқа; командири взводи муҳофизати кимиёвӣ; - ихтисоси тарҷумони ҳарбӣ, форсӣ.

Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов яке аз муассисаҳоест, ки дар марҳилаҳои оғози ташкилёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмин намудани кадрҳои соҳибтахассус саҳми арзандаи худро гузоштааст. Кафедраи ҳарбии муассисаи мазкур теъдоди зиёди мутахассисони соҳаи ҳарбиро тарбия кардааст. Аз ҷумла, 9 нафар рутбаи генералӣ, зиёда аз 1170 нафар рутбаҳои ҳарбии подполковник ва полковник гирифтаанд. Кафедраи ҳарбии номбурда аз соли 2010 инҷониб мутахассисонро аз рӯйи ихтисоси «Сардори омодагии ҷисмонӣ ва варзишӣ ИБҲ 320100» барои қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ тайёр мекунад [207, с.132].

Солҳои 2000–2005 кафедраи ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ низ вуҷуд дошт, ки хатмкунандагони Донишгоҳ дар баробари аз худ кардани тахассусашон соҳиби рутбаи лейтенанти хурд гашта, метавонистанд дар қисмҳои ҳарбӣ, ҳамчун «ҷонишини командири рота оид ба корҳои тарбиявӣ» кору фаъолият намоянд [6]. Аз моҳи октябри соли 2005 бар ивази кафедраи ҳарбии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кафедраи мудофиаи граждани дар ҳайати омӯзгорон–Абдуллоев Дониёр, Мирзоев Суҳроб, Ҷаборов А., Абдуллоев Аслам ташкил гардида, фаъолият менамуд [19]. Кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таълимии касбии ҷумҳурӣ дар таъмини кадрҳои Артиши миллӣ нақши бағоят калон гузоштанд. Хатмкардаи кафедраи ҳарбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шералӣ Хайруллоев дар солҳои 1995–2013 вазифаи Вазири мудофиаи Тоҷикистонро ба зима доштанд.

Дар раванди омодакунонии кадрҳои афсарӣ бояд ба коркарди барномаҳои таълимии ба шароити муосир ҷавобгӯ низ диққат дод, чунки ташаккули салоҳиятнокии афсарони оянда аз қабили маҳоратҳои касбӣ, амалҳои размии саҳроӣ, малакаҳои аз худ намудани забономӯзӣ, ки дар амалияи фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ба даст меоянд хеле муҳиманд.

Мутобиқ гардонидани хизматчиёни ҳарбӣ ба меъёрҳои асосии фаъолияти касбӣ, низ яке аз масъалаҳои муҳими назариявии илми ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи пешниҳоди Хантингтон мутахассиси ҳарбӣ бояд ба се меъёри асосии фаъолияти касбӣ мувофиқат намояд: «**салоҳиятнокӣ,** мутахассис–ин озмоишгар, донандаи маҷмӯи донишҳо ва малакаҳои махсус дар соҳаи муҳими фаъолияти инсонӣ аст. Дар кори ҳарбӣ касбият ба ғайр аз донишҳо ва малакаҳои ками тахассусӣ фаҳмиши анъанаи фарҳангии умумии ҷомеаро талаб менамояд. Бинобар ин, омӯзиши касбият аз ду марҳила иборат аст: пойгоҳи васеи гуманитарӣ ва донишҳои махсус. Хусусияти салоҳиятнокии тахассуси ҳарбӣ дар аз худ намудани маҳорати беназир мебошад, ки он дар тахассусҳои шаҳрвандӣ вуҷуд надорад. Ин идора намудани қувва

мебошад. Маҳорати идора намудани қувва дар раванди ташаккулёбии афсарон пайдо мешавад. Он тавассути ягон хел усулҳо дода намешавад. Хизматчӣ дар фарқият аз мутахассис муҳлати истифода бурдани қувваро меомӯзад. Меъёри дуюмро **масъулиятнокӣ** ташкил медиҳад. Мутахассис ин озмоишгар, маҳорати ҳунармандии худро дар матни муайян амалӣ намуда, ба ҷомеа ва ҳар як аъзои он хизмат мерасонад. Масъулиятнокӣ мафҳуми калидӣ барои тахассусҳое мебошад, ки хизматрасониҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта, пешниҳод менамояд. Масалан, Гипократ қасам ёд карда буд, ҳамчун табиб ман софдилона мардумро табобат мекунам, лекин ба ҷойи ин амали нек, агар ба саломатии одамон (мизоҷон) зарар оварад, пас вай ба ҷомеа хизмат намекунад. Дар ҳоле ки афсарон худашон вазифадоранд, ки қувваро идора кунанд, ин ҳолат онҳоро масъулиятнок месозад ва уҳдадораш менамояд, ки ба нафъи ҷомеа хизмат намояд. Метавон ҳисоб намуд, ки меъёри сеюмро **иттиҳодиявӣ** будан ташкил мекунад. Афсар будан яъне корпус–қисми артиш мебошад, ки дорои тартиботи ҷиддӣ ва вазифаҳои маҳдудшаванда мебошад. Ин ба он одамоне муяссар мегардад, ки дорои донишҳо ва малакаҳои махсус мебошанд. Мансубият доштан ба корпус, яъне қисми ҳарбӣ ба шахс ҳуқуқҳои юридикие медиҳад, ки онҳо дар таҷриба соҳиби тахассуси ҳарбӣ гарданд. Афсар аз ҷомеа ҷудо кор ва зиндагӣ мекунад; доираи «алоқаи» вай ин ҳамон ҳамкоронаш, яъне афсарон мебошанд. Аъзоёни корпуси афсарӣ ба таври органикӣ ягонаанд ва гурӯҳи худро дар ҷомеа махсус медонанд; мансубият ба он бо омодагии дурудароз, ҳамчунин тавассути интизом ва масъулияти иҷтимоӣ сурат мегирад» [118, с.21]. Дар баробари се меъёри дар боло нишондодашуда барои афсарони оянда салоҳияти муоширатчигӣ низ муҳим аст. Тибқи ақидаи Дейл Карнегӣ муваффақияти шахс аз дониши касбии ӯ дар соҳаҳои молиявӣ, техникӣ ё муҳандисӣ 15 % ва 85% аз қобилияти муоширатчигии ӯ вобаста аст [185].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ натанҳо нақши таърихии хешро гузошт, балки муаллифи ғояҳои асосии тарбиявии ин институти давлатӣ ба шумор рафта, ташаббусҳои созандаи ӯ ҳамчун намунаи олии ватандӯстӣ сармашқи омӯзиши хизматчиёни ҳарбӣ ба шумор меравад, чунки дар замони муосир Қувваҳои Мусаллаҳ бе ақидаҳои бунёдӣ, аз ҷумла руҳияи ватандӯстӣ наметавонад устувору побарҷо бошад.

Дар шароити муосир омодасозии кадрҳо барои Қувваҳои Мусаллаҳ бо як зумра уҳдадориҳои ҷиддӣ ва масъулиятнок нигаронида шудааст, ки ҳифзи соҳибихтиёрӣ, таъмини якпорчагии марзу буми кишвар ва таъмини манфиатҳои ба амнияти миллӣ нигаронидашуда аз нуқтаҳои калидии он мебошанд. Омилҳое, ки ба рушди касби афсари муосир таъсири амиқ мерасонад–ватандӯсти ҳақиқиро дар амал ифода намояд, ки бо чунин унсурҳои муҳим: ҷасорат, шуҷоат ва садоқат асос ёфта бошад.

Дар шароити имрӯза агар меъёрҳои Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ дуруст коркард гардад, он метавонад таҷрибаи таърихии гузаштаро ба силоҳи маънавии сарбози имрӯза табдил диҳад.

Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ маҳсуб ёфта, самтҳои асосии тарбияи хизматчиёни ҳарбиро дар иҷрои вазифаҳои тарбияи маънавию равонӣ муайян менамояд, ки 20-уми феврали соли 2015, таҳти № 369 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расонида шуд.

Мазмун ва моҳияти Консепсия ифодакунандаи ҷанбаҳои назариявии санъати ҳарбӣ маҳсуб меёбад, аммо дар Консепсия санъати ҳарбӣ танҳо ҳамчун истифодаи аслиҳа ва техника тафсир намешавад, балки он ойинаест, ки роҳи тайкардаи халқи тоҷик, муборизаҳо ва ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи Ватанро баҳри ҳифзи озодӣ ва истиқлол, таъмини ҳолати рӯҳию ахлоқии ҳайати шахсӣ, ҳуқуқу тартибот, волоияти қонун,

мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ, баланд бардоштани мақом ва обрӯю эътибори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Нақши ин консепсия дар Қувваҳои Мусаллаҳ ҷиҳати мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар аз бисёр ҷанбаҳои муҳим иборат аст. Ин ҳуҷҷати дорои аҳаммияти стратегидошта дар байни ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар самти пешгирӣ аз қонуншиканӣ, аз ҷумла муносибати ғайриоинномавӣ ва мустаҳкам намудани интизоми оҳанин дар қисмҳои ҳарбӣ нақши меҳвариро доро мебошад. Мақсад аз қабули ин ҳуҷҷати муҳим дар миёни хизматчиёни ҳарбӣ ба ташаккули рӯҳияи рафоқат, эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат менамояд.

Ба роҳ мондани корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ қисми таркибии интизоми ҷамъиятӣ ва омодагии ҷангӣ буда, самаранокии онҳоро таъмин менамояд. Нигоҳ доштани интизоми ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ масъулияти муҳими давлат, мақомоти фармондеҳии ҳарбӣ, мансабдорон ва ҳамаи хизматчиёни ҳарбиро талаб менамояд. Таърихи ҳарбӣ саршор аз мисолҳое аст, ки дар онҳо пирӯзиҳои артиши на он қадар бузург бар зидди артиши бузург тавассути устуворӣ, истодагарӣ ва интизоми неруҳои онҳо ба даст оварда шудаанд [125, с.45].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳро ҳамчун «мактаби шуҷоат ва садоқат ба Ватан» медонад. Бинобар ин сатҳи омодабошии ҷангии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон аз маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи хуби афсарону сарбозон, сайқал додани донишҳои сиёсиву низомӣ ва ба эҳсоси баланди ватандӯстиву садоқатмандии хизматчиёни ҳарбӣ вобастагии зиёд дорад. Ин аст, ки хизматчиёни ҳарбии қисму воҳидҳои низомӣ иштирокчиёни фаъоли ҳама гуна чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявианд» [17, с.2].

Таъсиррасонии самаранок оид ба ташаккули маънавиёти баланди фарҳангии ҳайати шахсӣ, хусусан шиносоӣ аз таърихи миллату халқҳои Тоҷикистон, таърихи Артиши миллӣ ва ташкили корҳои маданию фароғатӣ мебошад. Яке аз ҷузъҳои муҳими омӯзиши таърих, худшиносии иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ маҳсуб ёфта, дар ташаккули маънавиёти онҳо нақши калидӣ дорад. Қобили қайд аст, ки аз худ намудани таърихи халқи худ ҳамчун манбаи арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ маҳсуб ёфта, дар ташаккули ахлоқ ва рушди санъати ҳарбӣ таъсири амиқ мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳони муосир буда, бо тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва шиддатнокии таҳаввулоти манфии муассир ба тамоми соҳаҳо ру ба рӯ аст, ки дар чунин шароит таваҷҷӯҳ ба ташвиқу тарғиби тарбияи ватандӯстӣ ҷойгоҳи меҳвариро касб менамояд.

Дар тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии шаҳрвандони кишвар саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят калон мебошад. Иқдомҳои Сарвари давлат дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, аз ҷумла ба ҳар як хонадони тоҷик тақдим намудани асари безаволи «Тоҷикон»–и алома Ғафуров Б.Ғ. мебошад. Табиист, ки ҳар афсару сарбозе, ки аз гузаштаи пурифтихори худ огоҳ аст ва сарнавишти қаҳрамонон, сарлашкарону сипаҳсолорон, мероси ҳокимону фарзонагонро сармашқи зиндагонии равшани маънавии худ қарор медиҳад, ба роҳи ғалат нахоҳад рафт» [79, с.5].

Замони муосир бо натиҷаи раванди ивазшавии ақидаҳо ва тамоюлҳои манфии мавҷудоти инсон нишон медиҳад, ки ватандӯстӣ меҳвари аслии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кафолати рушди устувор ва амнияти миллӣ мебошад [151, с.114]. Бинобар ин, дар фаъолияти хизматӣ танҳо донишҳои касбӣ–тахассусӣ кифоя нестанд, балки ба таври равшану возеҳ дар боварӣ ба халқи худ ва хизмати содиқона ба ватан бояд арзи ҳастӣ намояд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

паёму суханрониҳои худ доир ба пос доштани анъанаҳои неки ниёгон таъкид менамоянд: «ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири такмили ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ талош намояд» [8, с.363].

Дар баробари ин, ба ҳар як мураббӣ ва тарбиятгар лозим меояд, ки ба таври мақсаднок ақидаи шахсии худро дар бораи тарбияи ҳиссиёти дӯстдорӣ ба Ватан фикр карда барояд. Худи тарбиятгар бояд ватандӯсти ҳақиқӣ ва ватанпараст содиқ бошад ва ба халқу ватани худ эътимод дошта бошад ва ба дигарон тавассути одобу ахлоқ, корбасту корбандии дониш ва заковати комил миёни ҷомеа намуна бошад. Омӯзгор он вақт омӯзгори асилу намунавӣи дигарон шуда метавонад, ки ҳастии худро ба ҳастии Ватан пайвандад. Дӯстдории Ватан ҳиссиёти бештар, завқи табиӣ ва эҳсоси бошууронаи инсон мебошад. Бинобар ин, бояд дар тафаккури омма, хусусан, ҷавонон меҳру муҳаббат доштан ба Ватанро бедору барҷо намуд.

Сарвари давлат аз рӯзҳои нахустини интихоб шуданаш бо сифатҳои волои инсонӣ–ғамхорӣ, мардумпарварӣ ва сулҳовариро мақсаду мароми худ қарор доданд, ки дар мазраи фарҳанги волои миллати тоҷик реша дорад.

Насли ҷавони кишварамон бояд дарк намоянд, ки «Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳуриамон чи гуна озмоишҳои сахти ҳарбиро аз сар гузаронданд. Дар солҳои 1995 то 1997 мутобиқи иттилои мақомоти КДАМ дар дохили кишвари мо зиёда аз 38 хадамоти махсуси хориҷӣ барои барҳам задани сулҳу субот байни мардум тамоми воситаҳоро истифода мебурданд. Яъне, дарвоқеъ агар бигуем, сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаи худро, ҳамчун рамзи озодии сарзамин ифо намуда, бо 38 кишвари дунё дар мубориза буданд» [70, с.4].

Баъди имзои Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ ва дохил намудани размандагони собиқи иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, шуруъ аз соли 2001 бо мақсади ба таври мушаххас равона кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Аммо новобаста ба ҳаёти осоишта гузаштани ҷомеаи Тоҷикистон, дар оғози даҳсолаи дуюми қарни мо шумораи муайяни шаҳрвандон, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ба таври кушод дар фазои иттилоотӣ муносибат ва фикрҳои манфии худро бо ташвиқу тарғибот равона менамуданд [174, с.11]. Вобаста ба масъалаи мазкур «Оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2001–2003», «Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода гардида, тасдиқ карда шуд [8, с.22].

Бо талошҳои ватандӯстонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то соли 2004 аз 4183 километр марзҳои умумии Тоҷикистон бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Хитой ва Афғонистон 2912 километри он алҳол зери назорати қувваҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт [8, с.116]. Бинобар ин бо назардошти тақвияти неруи мудофиавии кишвар, таҳкими заминаҳои моддию техникии он, омодагии ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ, бо кадрҳои баландихтисосу бомаҳорат таъмин кардани онҳо самти муҳимтарини сиёсати мудофиавии Сардори давлат маҳсуб ёфта, дар ин ҷода тадбирҳои мушаххас андешида шуданд.

Муҳиммияти дигари қабули Консепсяи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллаҳ дар он низ зоҳир мешавад, ки вазъи ҷаҳони муосир бар асари кӯшишҳои азнавтақсимкунии дунё ва дар ин замина шиддат гирифтани бархӯрдҳои геосиёсию геоиқтисодӣ ва мусаллаҳшавии бошитоб рӯз то рӯз печидаву пешгӯинашаванда гардида истодааст. Дар мисоли таҷовузи давлатҳои ҳаммарз, ҷаҳон худ шоҳиди он гашт, ки барои аҳолӣ иқтисодиёт, инфрасохторҳо, муҳити зист ва дигар соҳаҳо чи

гуна оқибатҳои фалокатбор доранд. Мутаассифона, баъзе аз давлатҳо дар амалишавии ҳуҷумҳои мусаллаҳона ба кишварҳои гуногун мусоидат менамоянд ва ёрии амалии худро мерасонанд [165, с.36].

Мувофиқи маълумоти мутахассисони боэътимод имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 500 созмонҳои террористии пинҳонкор амал мекунанд [80, с.93]. Яке аз чунин падидаи ифротӣ ба ном Давлати исломӣ мебошад, ки дар як муддати кӯтоҳ нисфи сарзамини Ироқ ва Сурияро ишғол намуда, дар он ҷойҳо хилофатро барқарор намуд ва дар миқёси ҷаҳонӣ тавассути гузаронидани амалиёти террористӣ аз худ дарак дод. Хатарнокии Давлати Исломии Ироқу Шом барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он асос меёбад, ки дар баробари намояндагони дигар давлатҳо теъдоди муайяни шаҳрвандони Тоҷикистон низ пайваст шудаанд.

Фаъолияти аслии Давлати Исломӣ ба маҳорати баланди пешбурди корҳои ташвиқотию тарғиботӣ асос ёфта, ин ташкилоти экстремистию террористӣ тавонист, ки садҳо ҳазор шаҳрвандони кишварҳои ҷаҳонро ба сафҳои худ ҷалб намояд [174, с.15].

Агар дар давраи пештар асоси мардикорӣ дар сафҳои Давлати Исломии Ироқу Шом (ДИИШ) майлу рағбати молию моддӣ ба шумор мерафт, яъне музди баланд баҳри иштирок намудан дар амалиётҳои ҳарбӣ, аммо бо гузашти вақт мошинаи ташвиқотию тарғиботии Давлати Исломии Ироқу Шом ба иваз намудани тарзи ҷалбнамоии худ оғоз намуд [174, с.15].

Намояндагони махфии Давлати исломии Ироқу Шом натанҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ, балки дар дохили кишварҳо низ ба ҷалби шаҳрвандони мутаассибкор диққати калон медиҳанд.

Ҳар як шахс бояд дар фаъолияти худ ба меъёрҳои ахлоқӣ побанд бошад, зеро эҳтимоли калон вуҷуд дорад, ки ӯ баҳри неъматҳои моддӣ, қонунро вайрон карда, дилхоҳ коллективро барҳам занад. Ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ новобаста аз дастовардҳои дохилӣ ва байналхалқӣ яке аз масъалаҳои ҳалношуда мебошад.

Тайи солҳои охир зиёда аз 100 давлати дунё ҳадафи ҳамлаҳои террористӣ ва амалҳои экстремистӣ қарор гирифта, шумораи ҳалокшудагон бар асари чунин аъмоли харобиовар ба садҳо ҳазор нафар ва зарари моддии он ба садҳо миллиард доллар расидааст.

Мардуми тоҷик солҳои 90-уми асри гузашта, даҳшати чунин амалро дар кишварамон, ки нав ба истиқлолият расида буд, бо чашми худ дида ва онро ҳаргиз фаромӯш намекунад. Лекин, тайи даҳсолаҳои охир доираҳои муайян тавассути сиёсӣ сохтани дини сулҳхоҳи ислом лоиҳаву нақшаҳои ғаразноки худро амалӣ гардонида, чандин кишварҳои дунё, аз ҷумла мамлакатҳои дар гузашта оромро ба вартаи ҷангу хунрезии даҳшатнок ва ҳатто нобудии низоми давлатдорӣ расонда истодаанд.

Бо вуҷуди он ки кӯшишҳои аз байн бурдани давлату миллати мо дар тӯли таърих борҳо такрор ёфтаанд, вале маҳз хислати бузург, яъне ватандӯстӣ мардуми моро аз нестшавӣ нигоҳ доштааст. Бо ин мақсад, ҳамаҷониба омӯхтани таърихи халқи тоҷик, ифтихор аз он ва гузаштагони шарафманди хеш–қаҳрамонони миллии халқамон ва дигар фарзандони сарсупурдаи миллат бисёр муҳим мебошад [65]. Дар баробари ин Бинобар ин, Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон дар соҳаи кори идеологӣ ба масъалаҳои ташаккулёбии ақидаҳои ватандӯстии аҳолӣ диққати зиёде медиҳад. Зарурати ташаккулёбии ақидаҳои ватандӯстии аҳолӣ, пеш аз ҳама, аз вазъияти мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-ақидавӣ бармеояд. Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло дарҷшуда, бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз лаҳзаи касби истиқлолияти сиёсӣ масъалаи ташаккули ақидаҳои ватандӯстии аҳолии ҷумҳуриро таҳти назорати қатъӣ қарор дод [48, с.94].

Пешгирӣ намудани қонуншиканӣ, аз байн бурдани сатҳи содиршавии ҷиноятқорӣ ва дигар рафторҳои ғайриоинномавӣ дар миёни ҳайати шахсии ҷузъу томҳо корҳои тарғиботию ташвиқотиро вобаста ба нақшаи пешбинишудаи фаъолият дар қисмҳои низомӣ бо хизматчиёни сатҳу зинаҳои гуногуни Артиши миллӣ, асосан, ҷиҳати пурзӯр намудани

интизоми ҳарбӣ, риояи қонуният ва талаботи бечунучарои оинномаҳои умумиҳарбӣ муташаккилона ба роҳ мемонанд.

Густариши ҳамаҷонибаи худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус, наврасону ҷавонон ҳадафи дуюми ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Зеро ҳар кадоми мо солҳои охир шоҳиди ҳодисаҳое мебошем, ки баъзе доираҳои байналмилалӣ тавассути расонаҳои иттилоотӣ ва бо истифодаи моҳирона аз ноогоҳиву бехабарии мардум, махсусан гурӯҳҳои алоҳидаи ҷавонон, равандҳои сиёсиву иҷтимоии як қатор кишварҳоро ба роҳи харобиовар расониданд. Мардум бояд моҳияти равандҳои сиёсии дохиливу хориҷӣ, мақсади неруҳои ғаразноки берунӣ ва ҳадафи нақшаву барномаҳои давлати худро мустақилона ва ба таври дуруст дарку қабул карда тавонанд [8, с.415].

Дар ин замина, як қатор дастурамалҳои методӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, китобу дигар маҷмӯаҳои илмӣ-методӣ, ба табъ расонида шуда, барномаҳои рангини телевизионӣ, филмҳои тарғибкунандаи ватандӯстӣ ва амсоли ин таҳия ва манзури хизматчиёни ҳарбӣ гардонида мешаванд. Ҳамзамон дар қисмҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳ пайваста чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ ва маишиву фароғатӣ доир мегардад, ки барои амалӣ намудани чунин корҳо дар тамоми ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи мамлакат, мавзеъҳои истироҳатӣ, китобхона ва дигар толорҳои фарҳангиву фароғатӣ муҳайё гаштааст.

Вазорати мудофиаи кишвар ҳамкориҳои судмандро бо тамоми вазорату кумитаҳо, сохтору мақомоти давлативу қудратӣ, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ, ҷанговарони башардӯст, волидони хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар афроди некбини ҷомеа таҳким бахшида, дар ин замина корҳои зиёду назаррасеро амалӣ менамояд. Илова бар ин, барои боз ҳам мустаҳкам намудани робитаи хизматчиёни ҳарбӣ бо ҷомеа пайваста дар қисму воҳидҳои низомӣ суҳбату вохӯрии сарбозон бо падарону модарони сарбозон хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ, ҷавонони то сини

даъватӣ, масъулини вазорату кумитаҳо, идораҳои давлатӣ, аҳли зиёи мамлакат ва шоирону адибони маъруфи кишвар доир гардида, доимо маҳфилу озмунҳои фарҳангӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ташкилу ба роҳ монда мешаванд [4].

Қурбониҳои зиёди инсонӣ дар ду ҷанги ҷаҳонии асри XX, мухолифатҳои сершумори ҳарбӣ ва зиддиятҳои мусаллаҳона, ҳамчунин, воқеаҳои солҳои охир, яъне амалиёти ҳарбӣ ба муқобили терроризми байналхалқӣ, талаб менамоянд, ки амнияти ҳаёти башарият тавассути роҳҳо ва муносибатҳои нав таъмин карда шаванд.

Амнияти ҳарбӣ имрӯз бештар аз имконоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ–иқтисодии ҷомеа ва давлат, қобилияти вай барои қонеъ намудани маҷмӯи манфиатҳо ва таваҷҷуҳи боэътимоди хизматчиёни ҳарбӣ вобастагӣ дорад. Натиҷаи ниҳоӣ ин бештар сатҳи имконоти маънавии ҳайати шахсии артиш доир ба ҳимояи давлат ва халқ аз таҳдидҳои имконпазир ва ба ин монандро муайян месозад[155, с.119].

Бояд қайд намуд, ки «ҷангҳо дар Ироқ ва Афғонистон нишон доданд, ҳарчанд ки дар замони муосир технология дар ҳама соҳа нақши муҳимро мебозад, аммо вай куллан наметавонад вазъиятро ба таври пурра тағйир диҳад, агар мақсади вай пурра нобуд кардани душман набошад. Ҳарбиёни амрикоӣ дар бисёр ҳолатҳо тамоми муҳиммиятро аз вусъатдиҳии иҷтимоӣ, сиёсӣ, қабилавӣ ва шабакаҳои фарҳангӣ дар сарзаминҳои зери таъсири худ дарк намуданд. Ҳангоми ҳамлаи атиши ИМА ба сарзамини Ироқ, ҳайати фармондеҳии амрикоӣ доир ба «амалиёти равонӣ», ҳамчунин, методҳои пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ, мансуб ба паҳнкунонии 28 миллион ибора–варақаҳои нашриявӣ дар миёни аҳолии Ироқ дар соли 2003, ки бо ин васила, чи тавре, ки ҳарбиёни амрикоӣ мешуморанд, ҳазорҳо сарбозони ироқӣ ба таври ихтиёрӣ ба ҷониби қувваҳои эътилофӣ гузаштанд. Чунин муносибатро воситаи «воридшавӣ ба тафаккури сокинони Фалуҷа бо мақсади амалӣ кардани устуворнокӣ ва муназзимӣ дар яке аз шаҳрҳои вазъияташ хеле ҳам

ногувори Ирок» тасвир менамояд. Ба гуфти полковники ин даста дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷа бо барқароркунии алоқаҳо бо пешвоён ва роҳбарони қабилаҳои маҳаллӣ машғул буд, аммо ба дастаи ҳарбиён антропологҳо шомил буданд (стратеги ҳарбии амрикоӣ полковник Ҷон Бойд каме барвақттар дар бораи зарурати маблағгузории одамон ва тарғиби ғояҳо ҳангоми гузаронидани амалҳои ҳарбӣ суханронӣ карда буд)» [140, с.113]. Бинобар ин, метавон натиҷа гирифт, ки артиш то он вақте пароканда нест, ки ба умқи ақидаи вай сухани аз роҳбар бегона ворид нашавад.

Яке аз тамоюлҳои муайянкунандаи хислат ва самти ҷаҳони маънавии ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ дар он мебошад, ки имрӯз вазни хос ва қиёсии ақидаҳои умумишаҳрвандӣ, иттилоотҳои дигар дар қиёс ба ақидаҳои ҳарбӣ–касбӣ зиёд мегардад. Аз ҷумла, тамоюлҳои иҷроиши вазифаҳои иқтидори маърифатии қӯшунҳо бо пастшавии минбаъдаи сатҳи донишҳои умумимаълумотӣ ва ҳарбӣ–касбӣ, фарҳанги ҳайати шахсӣ, махсусан ҷавонони навдаъватшуда вобаста мебошад. Аз ҷумла мушкилоти таълим ва тарбияи нокифоя, омода набудани хизматчиёни ҳарбӣ ба хизмат ва сатҳи пасти маълумотнокӣ (костагии зиракии сиёсӣ) алоқаманд аст [137, с.183].

Оқибати зиддиятҳои байни хизматчиёни ҳарбӣ ва ё ба ибораи дигар мавҷуд набудани ваҳдату ягонагӣ воситаест, ки душман метавонад аз он ба таври хело ҳам хуб истифода намояд. Ҳанӯз яке аз сарлашкарони маккори араб Қутайба ибни Муслим, ки дар ҷанги рӯ ба рӯ ва мардона дар забти шаҳри Бухоро ғолиб омада наметавонад, роҳи ҳиллаву найрангро пеш гирифт. Дар китоби «Таърихи Бухоро» - и Наршахӣ қайд мегардад: «Қутайба ба назди ихшиди Суғд ҷосусони хеш ва касони боэътимоди Тархунро фиристода, бовар кунонд, ки арабҳо аз Бухоро пас аз чанде бозгашта мераванд ва ҳоқони турк дар ин фурсати муносиб бо лашкари омодаи набардаш мехоҳад Суғди пурсарвату зеборо ба ғорат барад. Яке аз ҷосусони Қутайба Ҳаён ан-Набатӣ бо Тархун

пинҳонӣ паймон баста, аз ӯ 2 миллион дирҳам сулҳона ситонд ва матни қарордоди сулҳро барояш пешниҳод намуд. Тархун ба хотири нигоҳ доштани ҳокимияти хеш ба доми Қутайба афтода, урдуи туркҳо ва сипоҳи дигар иттифоқчиёнро дар майдони муҳориба танҳо гузошт ва аз идома додани ҷанг даст кашид. Қутайба баъди ин паймон дарҳол ба туркҳо ва фидоиёни дигари Бухоро ҳамла оварда, ба қавли Табарӣ, эълон кард, ки ба ҳар сари аз тан ҷудошудаи рақибонаш сад дирам мепардозад. Дар натиҷа аз сари муҳофизони Бухоро пуштаҳои баланд гирд омада, шаҳр оқибат таслим мегардад. Қутайба Вардонхудотро бо ҳама аҳлу аёлаш нест карда, ҳар ду мулки Бухороро муттаҳид сохт ва яке аз муқаррабонашро дастнишон намуд» [8, с.497]. Дар солҳои 90–асри XX маҳз бо ба роҳ андохтани чунин найрангҳо, ба сари мардуми тоҷик ҳаводису воқеаҳои даҳшатнок дубора такрор шуд.

Вобаста кардани таърихи гузашта ба замони ҳозира барои дарки воқеаҳо имкон медиҳад, ки сабабҳо ва оқибатҳои ҳар як падидаи мусбат ва ё манфии ҷаҳони муосир бо камоли возеҳият дарк карда шаванд. Донишҳои таърихӣ дар ҷустуҷӯи роҳи беҳтарини ҳаёти ҷамъиятӣ, эмин будан аз хатогиҳои гузашта саҳми арзанда дорад [89, с.279].

Яке аз принсипҳои муассир дар тарбияи ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ мавҷуд будани ҳамрайъӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамрайъӣ ҳақиқатан тибқи қонунҳои интизом, ҳамчун қувваи олии артиш шинохта шудааст. Интизом, ҳамчун кафолати ҳамрайъӣ ва муттафиқӣ ба шумор рафта, он омили бавуҷудоварандаи ҷанбаҳои маърифатӣ маҳсуб мегардад ва ба муқобили коҳиши ҷасорати артиш баромад мекунад [136, с.47].

Иваз шудани низоми сиёсии ҷомеа ва оқибатҳои фалокатбори он аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандии дар кишварамон рух дода, насли ҷавонро аз майлу рағбат ба даъват шудан ба артиш дур сохт.

Як паҳлуи манфӣ, ки омили дур шудани ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ гардид ин номатлубӣ дар сохторҳои мақомоти қудратӣ алалхусус, артиш

буд, ки вай бисёр одатҳои дағалкорию дурушткориро дар бар мегирифт, масъалан калонгароӣ (дедовшина) [125, с.218].

Рафтори ғайриоинномавии дедовшина ин мафҳуми интернат–сионалӣ буда, чунин мушкилотҳо зуд аз байн бурдан имкон надорад. Артиш бо ин сохтор ва интизомнокии дағал умуман, ҳамчун муҳит шуморида мешавад, ки дар ин ҷо шахсияти сарбози ҷавон зери пешподиҳӣ ва монеагиҳои зиёд қарор мегирад. Бисёриҳо дар ин ҳолат тоқат накарда қисми ҳарбиро тарк менамоянд.

Сабаби ба вуҷуд омадани ин гуна зиддияту ихтилофҳо миёни хизматчиёни ҳарбӣ, алалхусус, миёни сарбозон аз куҷо замина мегирад? Ҳамасола ҳангоми даъвати ҷавонон ба Артиши миллӣ чунин мушкилиҳо ба миён меоянд, ки ба таври мустақил даъватшавии ҷавононро ба сафи артиш коҳиш медиҳад. Дар адои хизмати ҳарбӣ фарҳанги пасти бархе аз афсарону сарбозони собиқадор ба мушоҳида мерасад, ки он боиси озору азияти сарбозон гардида, монеаи ҷалби ҷавонон ба сафи артиш мегардад [51, с.94]. Ногуфта намонад, ки қудрати артиши ҳар як давлат мустақиман аз сатҳи фарҳангии ҳайати шахсии он вобаста аст. Артиш бе таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба фарҳанги амиқи касбӣ наметавонад комил бошад. Риояи фарҳанги касби ҳарбӣ омили арҷгузорӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Фарҳанги миллӣ аз қадрдонии анъанаҳои шуҷоат ва қаҳрамонии мардуми хеш манша мегирад. Хизматчиёни ҳарбӣ ба фарҳанги касбии худ эҳтиром гузошта, бо ин восита принсипҳои ватандӯстии худро рушд медиҳанд.

Яке аз омилҳои пасткунандаи фарҳанги касбии ҳарбӣ ин рафторҳои ғайриоинномавӣ маҳсуб мегардад.

Рафтори ғайриоиномавӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: «гурӯҳи якум, рафтору кирдорҳо ва расму русуми ношоямро дар бар мегирад, ки онҳо то як дараҷаи дағалона шуморида мешаванд. Ин «қоида» дар тӯли даҳсолаҳо аз як насл ба насли дигар дода мешавад ва

амалан ба ҳама дахл дорад. Онҳо аз рӯйи сохти қисми низомӣ ва макони ҷуғрофии ҷойгиршавиаш фарқ мекунанд;

гурӯҳи дуюм–ин рафтору кирдорҳои таҳқиркунонӣ нисбат ба сарбозони сусту заиф, ки хислати фардӣ доранд ва аз шахсони таҳқиркору зулмкор ва ҷабрдидагон вобастагӣ доранд» [124, с.234].

Муносибатҳои ғайриоинномавӣ омодабошии ҳарбии артишро суст менамоянд. Ба муқобили ин амалҳо бояд афсарони алоҳида, равоншиносҳои ҳарбӣ, ҳуқуқшиносон, рӯҳониён, умуман аҳли ҷомеа мубориза баранд.

Дар дилхоҳ артиш рух додани ҳодисаҳои гуногун имкон дорад. Бояд кӯшиш намуд, ки ҳангоми иҷрои хизмати ҳарбӣ ҳар як сарбоз ҳамчун инсони комилҳуқуқ боқӣ монад. Барои шахси нав ба артиш ҳозиршуда нокомиҳои пай дар пай дар бинои истиқоматӣ, таҳқири ҳамхизматон ҳангоми машқҳои ҳарбӣ, иловатан бар замми ҳамаи ин аз хона ҳар хел хабарҳои нохуш расидан, боз бояд муҳлати муқарраршудаи хизматро адо намуд. Акнун ба назар менамояд, ки адои хизмати ҳарбӣ барои шахс хеле мушкил мегардад [124, с.222].

Ин ҳама давраи мушкиле мебошад, ки дар он фаъолияти организм аз имконияти физиологии худ берун мемонад, чунки дар ин ҳолат ҳамаи захираҳои физиологии организм истифода мешаванд. Бинобар ин, чи қадаре ки барвақттар организми инсон ба таври беҳтар омода карда шавад, ҳамон қадар дар организм захираҳои физиологӣ ҷамъ мешавад, механизмҳои захиравӣ ба таври осон ва зуд коркард гардида, имконоти ҳаёт дар шароитҳои нав пайдо мешаванд. Ҳангоми мавҷуд будани омодабошии нокифоя организм қобилияти хуби ҳосил кардани қувваро надорад, ки дар навбати худ ба пайдо шудани касалиҳои гуногун оварда мерасонад.

Барои бомувафақият гузаронидани хизмат дар артиш натанҳо омодагии ҷисмонӣ муҳим аст, ҳамчунин инсон бояд аз ҷиҳати зеҳният рушд ёфта бошад. Техникаи ҳарбии муосир дар муошират бениҳоят

мушкил мебошад. Бинобар ин, чи қадаре ки сарбоз дорои хотираи хуб, диққат, тафаккур, шуурнокӣ, тасаввурот, равандҳои дарксозии равонӣ бошанд, ҳамон қадар тез, босифат ва бомуваффақият метавонад худро барои иҷроиши супоришҳо омода созад, ки ин раванд метавонад то анҷоми хизмати ҳарбӣ давом кунад. Ба ғайр аз аломатҳои мазкур, баҳри беҳтару хубтар мутобиқ шудан ба даъватшуда боз чунин хусусиятҳои хуби фардӣ, ба монанди устувории эҳсосотӣ, рӯйиростӣ ва муоширатчигӣ лозим мебошад.

Мутобиқшавии бомуваффақи хизматчиёни ҳарбӣ ба шароитҳои нави фаъолиятӣ бештар тавассути қобилияти мутобиқшавии онҳо номгузорӣ мегардад ва бевосита аз хусусиятҳои психологии шахсӣ ва фардии онҳо вобастагӣ дорад.

Артиш ин мактаби хуби ҳаётӣ буда, он инсонро дар руҳияи дастгирии ҳамдигарӣ, ба даст овардани ғалабаҳо, эҳтироми ҳамяроқони худ ва ватандӯстию ватанпарастӣ тарбия менамояд [193].

Яке аз нишондодҳои мутобиқшавии хизматчиёни ҳарбӣ ба шароити хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳ қаноатмандкунонии хизмати ҳарбӣ мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти муҳаққиқон сабабҳои аз ҳама паҳнгардидае, ки мувофиқи онҳо хизматчиёни ҳарбӣ аз хизмат қаноатманд нестанд, инҳо мебошанд:

- мушкилоти марбут ба омӯзиши техникаи ҳарбӣ;
- муносибати дағалонаи бархе аз командирон бо сарбозони ҷавон;
- муносибати дурушт ва таҳқир аз ҷониби ҳамхизматон.

Аз натиҷаҳои пурсишҳои гузаронидашуда бармеояд, ки мутобиқшавии хизматчиёни ҳарбӣ ба хизмат дар артиш он қадар бомуваффақият намегузарад ва нишондодҳое вуҷуд доранд, ки дар ин раванд мушкилиҳоро эҷод менамоянд. Дар ин ҷода мебояд як барномаи махсусе қабул карда шавад, ки яке аз васоитҳои беҳтаркунонии сатҳи мутобиқшавии хизматчиёни ҳарбӣ ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ гардида, он ба таври мусбӣ мусоидат намояд. Бинобар ин,

мушкилоти зерин омӯзиши амиқ ва боддиқат, коркарди ҷузъӣ ва навгоникунонии раванди воридшавии даъватшудагонро ба коллективҳои ҳарбӣ талаб менамояд [189].

Танҳо он хизматчии ҳарбие, ки қобилияти ислоҳи худпарастӣ ва сустии худро дорад, марди ҳарбӣ ва афсари ҳарбӣ шуморида мешавад [124, с.472]. Дар ин радиф омили ахлоқӣ дар фаъолияти сохторҳои қудратӣ баҳри бомуваффақона иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ мусоидат намуда, нуфузи касбии ин сохторҳоро дар ҷомеа баланд мебардорад [160, с.131].

Яке аз шартҳои ҳатмии мавҷудоти асосии инсон маҷмӯи муайяни сифатҳои ахлоқӣ–маънавӣ мебошад. Ахлоқ ин нуқтаи назарҳо, ақидаҳо, ҳамчун инъикоси бевоситаи шароитҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар шуурнокии инсон дар шакли категорияҳои адолатӣ ва беадолатӣ, некбинӣ ва бадбинӣ, шараф, виҷдон, қарз ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Артиш бо сифатҳои ҳал кардан ва иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда тақдири халқ ва давлатро дар маҷмуъ муайян месозад, зеро Қуввахои Мусаллаҳ меҳнати сулҳпарвар, бунёдкоронаи шаҳрвандони ҷомеа, оромии онҳо ва манфиатҳои давлатро ҳифз менамояд. Албатта, бе асосҳои ахлоқии иҷрои уҳдадориҳои худ фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ мубрамият ва моҳияти худро аз даст медиҳад ва ҳатто ба давлат зиён меорад. Таҷрибаи ҳарбӣ дурустӣ ва саҳеҳнокии гуфторҳои ақидаҳоро дар он тасдиқ намудааст: мардуме, ки ба артиши худ бетаваҷҷуҳӣ намуда онро дастгирӣ наменамояд, ба бегонаҳо роҳ мекушояд. Агар қарзи ҳарбӣ дар худ асоси ахлоқиро дар бар нагирад, вай моҳияти худро гум мекунад [150, с.473].

Ҳамаи шаҳрвандони кишвар дар нигоҳдорӣ ва ҳифз намудани ақидаҳои баланди маънавӣ ва ҳисси масъулиятнокӣ дар назди Ватан вазифадоранд. Кандашавии ин ақидаҳо, хусусан шахси ҳарбиро аз далелҳои маънавию размиашон маҳрум месозад ва ӯро ба хизматгори бегонагон табдил медиҳад.

Дар шароити зоҳиршавии таҳдидҳои нави замони муосир Артиши миллӣ воситаи муҳимтарини ҳимояи ватану сарзамин аз ҳатарҳои берунӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми таъмини амнияти ҳарбии кишвар мақому манзалати хосса дорад. Қувваҳои Мусаллаҳ рамзи ҳамзамон якпорчагии қаламрави Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҷассумгари суннату ормонҳои волои ниёгон ба ҳисоб меравад [179]. Воқеаҳои солҳои 90-уми қарни XX дар кишварамон собит намуд, ки тақсимшавии иқтисодиёт, беқурбшавии арзишҳои маънавӣ ба тафаккури ҷомеагии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синнусолии аҳолии мамлакат таъсири манфӣ расонид. Дар тафаккури аксари одамон фориғболӣ, хунункназарӣ, худпарастӣ, таҷовузкориҳо, бадқасдиҳои беасос, муносибатҳои беэҳтиромона нисбат ба давлат ва институтҳои ҷомеа ба таври васеъ паҳн гардиданд. Тамоюли аз байн рафтани обрӯ ва эътибори хизмат ба давлат ба миён омад, ки таъсири амиқи он то ҳол мушоҳида мегардад.

Ҷавононе, ки дар артиш аз мактаби мардонагию шуҷоат гузаштаанд, баҳри ба амал баровардани нақшаю барномаҳои бунёдкоронаи ҳукумат худро ҳамчун нерӯи асосии созанда нишон дода, дар тарғиби ғояҳои истиқлоли миллӣ ва меҳанпарастӣ, сатҳи баланди масъулиятпазирӣ, баҳри ояндаи кишвар мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи ва таҳлили зербоби мазкур метавон, ба чунин натиҷаҳо расид, ки ташкил ва рушди муассисаҳои таълимии ҳарбӣ омили калидии таъминкунандаи амнияти миллии давлат буда, бевосита ба сатҳи омодабошии ҷангӣ ва иқтидори мудофиавии Қувваҳои Мусаллаҳ таъсири мустақим мерасонад:

- дар шароити муосир низоми тайёр кардани кадрҳои ҳарбӣ бояд усулҳои нави мудофиавӣ ва таҷрибаи нави ҷангҳои муосир мутобиқ карда шавад;

- муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ҳамчун манбаи асосии таъминкунандаи қисмҳои низомӣ бо афсарони ҷавон, соҳибкасб ва босаводу соҳибтаҷриба баромад мекунанд;

- артиши муосир техникаи мураккабро талаб мекунад, бинобар ин, муассисаҳои ҳарбӣ на танҳо макони омӯзиши тактика, балки маркази рушди тафаккури техникиву илмии ҳарбӣ мебошанд;

- дар замони муосир, ки хатарҳои иттилоотӣ ва мафкуравӣ хело зиёд гардидааст, қудрати артиш на танҳо бо силоҳ, балки аз тарбияи ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ вобаста аст. Ватандӯстӣ сипари боэътимодест, ки дар замири ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҳисси худшиносии миллиро устувор мегардонад.

Хулоса ба боби сеюм.

Ҳамин тариқ, дар боби сеюми диссертатия масъалаҳои ташаккул, таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин раванди таъсис ва такмили муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ва нақши тарбияи ватандӯстӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ ташкил ёфта, барои ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ аҳамияти махсус дошт, ки марҳила ба марҳила сохтори ташкилӣ ва пойгоҳи моддию техникии он такмил ёфта, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардид. Таҳкими сохторҳои низомӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ, такмили низоми идоракунӣ ва рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ ба болоравии иқтидори мудофиавии кишвар мусоидат намуд.

Дар баробари таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳ, масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ низ аҳамияти афзоянда пайдо кард. Таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои ташаккули низоми миллии тайёр намудани афсарон ва мутахассисони соҳаи мудофиа заминаи муҳим фароҳам овард. Рушди муассисаҳои таълимии ҳарбӣ имконият дод, ки омодагии касбӣ, назариявӣ ва амалии хизматчиёни ҳарбӣ дар дохили кишвар ба роҳ монда шуда, вобастагӣ аз омодасозии кадрҳо дар муассисаҳои хориҷӣ тадриҷан коҳиш дода шавад.

Таҳлили фаъолияти муассисаҳои таълимии ҳарбӣ нишон медиҳад, ки дар раванди тайёр намудани кадрҳои низомӣ на танҳо донишҳои махсуси ҳарбӣ, балки тарбияи ватандӯстӣ, интизоми ҳарбӣ, малакаҳои роҳбарӣ, омодагии ҷисмонӣ мавқеи муҳим доранд. Аз ин рӯ, такмили таълими ҳарбӣ, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи нави соҳаи мудофиа аз вазифаҳои муҳими дурнамои рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ба шумор меравад. Дар маҷмуъ, рушди низоми ҳарбӣ ва таълимоти касбии низомӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

ХУЛОСА

1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Бо назардошти натиҷаҳои пажуҳиши вобаста ба мавзуъ ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

– ба ҳар як мамлакат барои муҳофизати бутунии ҳудудӣ ва истиқлол қувваи тавонои мудофиавӣ лозим аст. Бар асоси ҳаводису воқеаҳои ҳарбию сиёсии рухдода, метавон исбот намуд, ки байни истиқлоли сиёсиву иқтисодии кишвар ва иқтидори низомӣ ва мудофиавии он робитаи мустақими қатъӣ вуҷуд дорад.

Омӯзиши таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир як мавзуи мубрам маҳсуб ёфта, марҳилаҳои омӯзиши он аз бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ то таъсиси сохтори муосир ва рушдёфтаро дар бар мегирад. Ҳангоми омӯзиши марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаҳои истифодашуда роҷеъ ба мавзуъ ба якчанд гурӯҳ метавон ҷудо намуд:

–якум, аснодӣ бойгонӣ роҷеъ ба марҳилаи ибтидоӣ, солҳои 1991–1993-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар Эъломияи истиқлоли давлатӣ ва фармону қарорҳои Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дарҷ гардида, Фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18–уми декабри соли 1992 «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»–ро дар бар мегирад. Дарвоқеъ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар заминаи Фронти халқӣ ва гурӯҳҳои собиқ тарафдори ҳокимияти Конститутсионӣ бар хилофи дигар ҷумҳуриҳои аъзои ИҶШС бе мавҷудияти пойгоҳи моддӣ–техникӣ аз сифр ташкил дода шуд;

–дуюм, аснод доир ба марҳилаи дуюми ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1993–1997–ро дар бар гирифта, дар ин марҳила таваҷҷуҳ ба таҳкими марзҳо, қабули қарор дар

бораи савганди ҳарбӣ, фармон дар бораи ташкили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ, қарори муштараки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукумати Федератсияи Россия доир ба эъзоми Дивизияи 201-уми ва Нерӯҳои сулҳҷӯйи дастаҷамъонаи ИДМ–ро дар бар мегирад;

асноде, ки ба марҳилаи сеюми ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳ ҳамгироӣ ва азнавташкилдиҳӣ бахшида шудааст, солҳои 1998 то соли 2000–умро дар бар мегирад;

–имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҷрибаи беназири таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки дар ин марҳила ворид кардани воҳидҳои Мухолифини тоҷик (ИНОТ) ба ҳайати ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

–аснод ва адабиёт аз солҳои 2000–ум то имрӯзро дар бар гиранда ба марҳилаи ташаккули артиши касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Қобили қайд аст, ки дар ин марҳила аввалин кадрҳои Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва хатмкардагони омӯзишгоҳҳои Федератсияи Россия ба сафҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ дохил карда шуданд, ки заминаи ташкили навъҳои алоҳидаи ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳро фароҳам овард.

Таъсиси ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як раванди мураккаб, маҳсуб меёбад, ки зарурати бунёд ва таҳкими онҳоро метавон дар самтҳои зерин арзёбӣ намуд;

якум, вазъи геополитикии минтақа, аз ҷумла фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ё экстремистӣ, марзи тӯлонӣ бо Афғонистони ноором дар минтақа;

дуюм, бо дарназардошти ҳудуди ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% онро кӯҳҳо ташкил медиҳад, ташкили Қуввaҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ки қодир бошанд дар ҳар шароит, аз ҷумла шароити кӯҳсор амал намоянд;

сеюм, уҳдадориҳо дар доираи рисолати сулҳҷӯёна низ ҷанбаи дигари ташкили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёфта, барои иштирок дар амалиётҳои дастаҷамъии вокуниши фаврии қуввaҳои аъзои САД мебошад;

чорум, аҳаммияти афзояндаи безараргардонии минтақаҳои ҳасос ҷиҳати таъмини амнияти марзи ҷумҳурӣ ва таъсиси воҳидҳои муҳандисӣ дигаргуниҳоро тақозо менамуд.

Дар ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон–САД (Созмони Аҳдномаи Амниятии Дастҷамъӣ) нақши бориз дорад. САД–созмони сиёсию ҳарбӣ мебошад, ки ба ҳифзи амният ва субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан барои кишварҳои аъзои он, мусоидат менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи аввали таъсиси САД аъзои он мебошад. Ин созмон барои рушд ва тақвияти Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар ва инчунин таъмини амнияти минтақа аҳаммияти муҳим дорад. САД ба кишварҳои аъзои худ, аз ҷумла Тоҷикистон, барои рафъи хатару таҳдидҳои амниятӣ мусоидат мекунад. Хусусияти ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон аҳаммияти стратегиро медиҳад. Дар бахши ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ – техникӣ Тоҷикистон, аз барномаҳои таълимию амалии ин созмон баҳраманд гашта, фаъолияти созмон ба афзоиши омодагии размии Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар мусоидат мекунад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои САД кумак мекунад, ки Қуввaҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои созмонро бо технологияҳои нави муосир муҷаҳҳаз намоянд. Ба замони муосир мутобиқ гардонидан ва афзоиши иқтидори мудофиавӣ ба Қуввaҳои Мусаллаҳ кумак мерасонад, ки барои муқовимат бо хатару таҳдидҳо худро мутобиқ намоянд. САД барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як шарики стратегӣ буда, дар таъмини рушди устувори амнияти кишвар нақши муҳим мебозад [6-М; 3-М].

Дар ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо кишварҳои минтақа, аз қабили СҲШ нақши хеле калон доранд. Чунки ҷаҳони муосир дучори шаклҳои нави муқовимати низомӣ аст. Таҳдидҳои глобалӣ, бахусус терроризм барои амнияти сайёра ва кишварҳои ҷаҳон хатари ҷиддӣ эҷод менамояд. Аз ин рӯ, тайёрии ҷангии ҷузъу томҳо бо роҳи иштирок дар машқҳои муштарак такмил меёбад. Машқҳои муштарак дар Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста гузаронида мешавад, ки ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ ва амалии фанни таърихи ҳарбӣ бояд ҷиҳатҳои мусбати он арзёбӣ гардад [6–М].

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши равандҳои муҳоҷиратӣ, махсусан дар пасманзари пайдоиши фазои холии маънавӣ миёни ҷавонон, таҳдидҳои иттилоотӣ ва паҳншавии ақидаҳои бегона рӯз то рӯз мураккабтар ва хавфноктар мегарданд. Ин омилҳо зарурати таҳкими низоми тарбиявию идеологиро ҳамчун унсури муҳими таъмини амнияти миллӣ ба миён мегузоранд.

Дар ҳамин замина, 20 феврали соли 2015 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба як санади муҳимми стратегӣ дар самти ҳифзи амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Қабули ин консепсия ба иҷрои вазифаҳои муҳими таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла ташаккули эҳсоси баланди ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, Президент ва савганди ҳарбӣ, инчунин таҳкими худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар сафи хизматчиёни ҳарбӣ, равона гардидааст.

Самтҳои калидии ин ҳуҷҷат фарогири тарбияи шуури миллӣ маҳсуб ёфта, он аз омилҳое чун омӯзиши амиқи таърих, шинохти рамзҳои давлатӣ ва дарки дастовардҳои даврони истиқлолият иборат мебошад. Ҳамзамон, ташаккули зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани

маърифати ҳуқуқӣ, аз ҷумла азхудкунии муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъҳои муҳими ин раванд таъкид мегарданд.

Зеро дар шароити муосир майдони асосии рақобат ва ҳатто бархӯрди манфиатҳо на танҳо фазои низомӣ, балки пеш аз ҳама шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки абзорҳои асосии он ақида, равони иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои иттилоотӣ мебошанд.

Дар ҷанги муосир тарафҳои ба ҳам муқобил барои ба даст овардани ғалаба тамоми захираҳои моддию маънавии худро ба кор меандозанд, ки ақида, ҳамчун омили муҳимми муассир шуморида мешавад. Мавқеи геостратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин густариши босуръати паҳншавии иттилоот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, зарурати қабули Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузошт. Зеро дар чунин шароити мураккаб хизматчиёни ҳарбӣ бояд дорои сатҳи баланди устувории маънавию идеологӣ бошанд, то битавонанд ба фишор ва таъсири ақидаҳои бегона муқовимати муассир нишон диҳанд.

Ҷанбаи муҳими тарбиявии ин ҳуҷҷат ба ташаккули ҳисси баланди ифтихор аз касби пуршарафи ҳарбӣ ва хизмати содиқона дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ равона гардидааст. Артиш дар ин замина ҳамчун мактаби шуҷоат, масъулият ва кафили асосии сулҳу субот дар кишвар арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, ин консепсия аз хизматчии ҳарбӣ натанҳо такмили маҳорати касбӣ ва омодагии ҷангиро талаб менамояд, балки ӯро ҳамчун як шахсияти бошуур, ватандӯст ва ҳомии арзишҳои миллӣ тарбия намуда, барои ҳимояи манфиатҳои давлату миллат омода месозад [2-М; 3-М].

Яке аз омилҳои муҳими саркашии ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ, набудани сатҳи зарурии омодагии пеш аз даъватӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мушкилоти калидӣ дар рушди илми

ҳарбии кишвар бетаваҷҷуҳии ниҳодҳои дахлдор ба бахшҳои бунёдии ин соҳа иртибот дорад. Пеш аз ҳама, ин ба сатҳи пасти таълими фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» ва ба таври кофӣ истифода нашудани имкониятҳои бозиҳои ҳарбӣ–варзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут мебошад. Мутаассифона, таълими фанни мазкур дар аксари муассисаҳои таълимӣ то ҳол ба талаботи замони муосир мутобиқат намекунад, ки ин ҳолат, аз ҷумла дар номувофиқатии китобҳои дарсӣ бо барномаҳои таълимӣ равшан мушоҳида мегардад.

Дар чунин шароит, низоми омодагии пеш аз даъват бояд фарогири ҷанбаҳои тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ бошад, ба рушди ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат намояд. Танҳо дар сурати ташаккули чунин заминаи мукаммали тарбиявӣ метавон дар зеҳну шуури ҷавонон унсурҳои омодагии воқеии ҳарбӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатро парвариш кард.

Аз ҷониби дигар, сарфи назар аз он ки Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа (ТҶММ) дар самти омодасозии наваскарон ва татбиқи барномаҳои таълимии омодагии дифои ҳарбӣ, инчунин тарбияи ватандӯстӣ талошҳои муайян анҷом медиҳад, ҳолати инфрасохторӣ ва моддию техникии муассисаҳои он ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Аксари ин муассисаҳо, ки таърихи таъсисашон ба миёнаҳои асри XX бармегардад, то ҳол дар биноҳои куҳна ва ба меъёрҳои муосири таълим номутобиқ ҷойгир буда, имкониятҳои маҳдуди таълимӣ доранд. Илова бар ин, дар минтақаҳои дурдасти кишвар сатҳи огоҳии хонандагон дар бораи фаъолияти ин ташкилот хеле паст арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти ин, такмили низоми бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон бо истифодаи имкониятҳои ТҶММ ҳамчун як зарурати стратегии соҳаи маориф ва амнияти миллӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина, ҷалби фаъоли омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба равандҳои амалӣ, аз ҷумла шиносоӣ бо

усулҳо ва технологияҳои муосири таълими ҳарбӣ, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Татбиқи чунин равиши муосир метавонад натанҳо ба баланд гардидани сатҳу сифати омодагии пеш аз даъват мусоидат намояд, балки заминаҳои устувори ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар миёни ҷавонон таҳким бахшад, ки ин дар маҷмӯъ омили муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ ва амнияти давлатӣ ба шумор меравад. [5-М].

Дар тули се даҳсола дар баробари рушди соҳаҳои мухталифи давлатӣ, ҳукумати мамлакат барои рушди Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ доданд. Қобил ба зикр аст, афзоиши иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ бо кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, дар шароити ниҳоят ноустувор ва мураккаби геополитикӣ ба як сохтори муккамалу муқтадир ва ҳомии соҳибихтиёрии давлатӣ табдил ёфтааст.

Қувваҳои Мусаллаҳ рисолати худро дар таҳкими марзу буми Тоҷикистон тақвият намуда, на танҳо дар самти таъмини амнияти миллӣ, балки ба амнияти минтақавӣ низ саҳми бориз гузоштанд. Дар раванди дастовардҳои назаррас дар рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ба роҳ мондани низоми гуногунсатҳи омода намудани кадрҳои афсарӣ (ташкил додани Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзишгоҳҳои омоданамоии кадрҳои соҳаи марзбонӣ, Литсейи ҳарбӣ) назаррасанд.

